
А. БАҲОРӢ
ДАВЛАТИ МАН



АБДУМАЛИК

# БАҲОРӢ

# Давлати ман

(Шеър ва достонҳои мунтахаб)

Нашриёти «Ирфон»
Душанбе, 1983

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тоҷик 2
Б 41

БИБЛИОТЕКА
Инв. 650686
Душанбинского педагогического института
им. Т. Г. Шевченко

**Баҳорӣ, Абдумалик**

Б 41 Давлати ман: (Шеър ва достонҳои мунтахаб). Душанбе: Ирфон, 1983.
304 саҳ.

Дар ин маҷмуа беҳтарин шеър ва достонҳои дар давоми 35 соли фаъолияти эҷодӣ навиштаи Абдумалик Баҳорӣ гирд оварда шудаанд.

Шоир сиёсати ленинии Партияи Коммунистӣ, ҳукумати фуқаропарвари советӣ, дӯстии безаволи халқҳои Ватанамон, корнамоиҳои мардуми тоҷик, ишқ ва ҷавонӣ, андешаҳо ва амалиёти эҷодкорро мавзуи асарҳои худ қарор додааст.

Манзумаҳои мунтахаби «Давлати ман» боварии хонандаро ба оянндаи дурахшон, ба ғалабаи ҳақиқату адолат, ба дониш, маҳорат ва қудрати инсон қавӣ мегардонад.

**Бахори, Абдумалик**
Богатство души

Б $\frac{70403-5}{M501(13)-83}$ 130 83 Тоҷик 2

© Нашриёти «Ирфон», 1983

## Қисми якум

# МО НАСЛИ ВАТАНПАРВАР



### ДАВЛАТИ МАН

1

Ба айёме, ки гул меоварад бор,
Табиат мешавад аз хоб бедор,

Ҳамон вақте ки оғози баҳор аст,
Ба лутфаш пиру барно интизор аст,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Насим аз нагҳаташ хушбӯй гардад,
Замину осмон хушрӯй гардад,

Бубинад одам аз файзаш ҳаловат,
Бигирад олам аз ҳуснаш тароват

Ба оғӯши ҳаёти ибратомӯз
Таваллуд гаштаам ман субҳи Наврӯз.

Чу инсон то дар ин дуньёи равшан
Зи қайди имтиҳонҳо бигзарам ман,

Қадам монам баландирову пастӣ,
Сабақ гирам зи қонунҳон ҳастӣ.

Бубинам гоҳ хурмат, гоҳ таҳқир,
Чашам талхию ширинии тақдир.

Бидонам фарқи байни меҳру кина,
Ниҳам дил рӯи каф аз танги сина.

Гузорам то ба олам ҳиссаи худ,
Бигӯям то ба мардум қиссаи худ.

2

Бидидам сӯзу сози зиндагонӣ,
Гузаштам аз гудози зиндагонӣ.

Ҳар он чӣ хос бар тоҷик, кардам,
Гапи хуш гуфта, кори нек кардам.

Нахӯрдам нони муфту ҳаққи касро,
Напарвардам ҳаворову ҳавасро,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Накушидам барои мансабу ном,
Маро санги қаноат дошт ором.

Ба ҳукми нафси худ сар хам накардам,
Ба мардум ҳайру эҳсон кам накардам.

Накардам ман хато дар интихобам,
Гирифтам баҳра аз кори савобам.

Зи халқ осору афкорам ниҳон нест,
Аз он, равшан, ки суд асту зиён нест.

Фақат меҳнат маро таскини дил буд,
Ба умри талху ширинам кафил буд.

Вале бо ин ҳама осудагӣ нест,
Раҳам то интиҳо паймудагӣ нест.

Кунад ҳар нокасу кас сангсорам,
Табиист ин! Дарахти мевадорам.

3

Хавотир буд доим модари ман
Зи номафҳум тақдири сари ман.

Ба ман мегуфт танҳову ғарибӣ,
Зи иқболу саодат бенасибӣ,

Дадоят бармаҳал рафт, эй писарҷон,
Акоят баҳри кишвар гашт қурбон.

Хазон шуд бо азоб умри ҷавонам,
Мани мушти пар акнун нотавонам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Агар ғалтӣ, кӣ мебардорад аз хок?
В-агар нолӣ, кӣ чашмат мекунад пок?

Надорем ақрабои бонуфузе,
Ки кор ояд ба рӯзеву ба сӯзе.

Аз он тарсам, ки хору зор гардӣ,
Ҳубобе дар кафи анҳор гардӣ.

Дар олам бекасӣ ҳоли табоҳ аст,
Ҳақир аст он, ки бепушту паноҳ аст...

Маро ҳизби ленинӣ пуштибон шуд,
Тамоми давлатам аз лутфи он шуд.

Бале, сӣ сол шуд, ки узви ӯям,
Худамро бекасу танҳо нагӯям.

4

Саҳаргоҳон саломат хезам аз хоб,
Бубинам хандаи меҳри ҷаҳонтоб,

Бубинам рақси мурғони ҳаворо,
Самои тозаи беинтиҳоро.

Бубинам сабзаҳои навдамида,
Ниҳоли хуррами шабнамрасида,

Шитоби рӯди аз кӯҳсор ҷорӣ,
Насими бӯи гулҳоро хуморӣ.

Намуда шустушӯ, бикшода хонро,
Сафу ҷамъ оварам ман хонадонро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба ҳамкорони худ, бар дӯстонам,
Саломи субҳи хайрамро расонам.

Қалам гирам ба дасту фикр созам,
Ба қоғаз толеи худ зикр созам.

Тамоми рӯз чун чашма хурӯшам,
Ба нафъи кишвару халқам бикӯшам.

Ба табъам дилкушотар з-ин чаман нест,
Аз ин боло мукофоте ба ман нест.

5

Агар халқам маро фарзанд хонад,
Ба кору бори худ пайванд донад,

Ба нафъи миллатам даркор бошам,
Ба ҳифзи кишварам тайёр бошам.

Дилам то он даме ки дар тапидан,
Забон гуфтан тавонад, чашм дидан,

Ба роҳи хизмати он мешитобам,
Зи иншои ҳақиқат сар натобам.

Агар ифшо кунам сеҳри қаламро,
Сароям шодию дарду аламро,

Мисоли шамъ равшан карда атроф
Бисӯзад ҷисму ҷони ман, ки шаффоф.

Ба ёди рӯзи неки дилфигорон
Қадам монам сафи шабзиндадорон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Агар аз ғам ба болин сар гузорам,
Сари болинам ояд ғамгусорам,

Насибам гардад аз нав сарфарозӣ,
Ман аз нимасра умри хеш розӣ.

*Марти соли 1977*

## АРЗИ МИННАТ

Ба Маскав ҳамчу табрик, эй вакилон,
Баред ин номаро аз номи ман ҳам.
Мисоли рудҳои Тоҷикистон
Ба туғьён омадаст илҳоми ман ҳам:

Аз он, ки қуллаҳои пурсалобат-
Мусоҳиб бо шуои офтобанд,
Аз он, ки киштзорон бо фароғат
Пас аз заҳмат ба зери барф хобанд.

Аз он, ки боғҳои шаҳдрезам
Зи тафзили табиат баҳраманд аст,
Аз он,
ки кишвари аз ҷон азизам
Ба даврони советӣ сарбаланд аст.

Аз он, ки нозу неъматҳо фаровон,
Ҳаёт осудаю оянда равшан.
Сано хонам ба ҳизби коммунистон,
Ки пайвандаш бувад ҷону тани ман.

Муроду мақсади мо чист? Маълум.
Зи умри худ чӣ мехоҳем? Аён аст.
Накӯҳолию беҳбудии мардум,
Ва ободии ҳар мулку макон аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Миёни осмони лоҷвардӣ
Муаллақ меравад сайёраи мо.
Дар ин вазъияти кайҳоннавардӣ
Қиҳо ҷӯянд бояд чораи мо?

Башар дорад назар сӯи Кремль,
Ба қасри бошукӯҳу минбари он.
Шавад то орзӯи халқ ҳосил,
Бубандад партия боз аҳду паймон.

Ғами партия ин, ки насли одам
Набинад дарду доғи зиндагонӣ.
Ҳамеша ҳукм фармояд ба олам
Садоқат, дӯстӣ, сулҳу амонӣ.

Нахустин коммунизму ҷодаи нур...
Муҳаққақ, нақшаҳояш беназир аст.
Ба рӯҳи зиндаи Ленин ташаккур,
Ки моро сӯи матлаб дастгир аст.

*Феврали соли 1976*

## БА В. И. ЛЕНИН

Ленин, эй доҳии маҳбуби замон,
Раҳнамои маслаки меҳнаткашон,
Дар сари мо байрақи ту ҷилвагар,
Дар дили мо меҳри ту партавфишон.

Меҳри тобони ту меборад шарар,
Боғи сарсабзи ту мебахшад самар.
Бо силоҳи хеш—таълимоти ту
Мо равонем аз зафар сӯи зафар.

Роҳамон равшан шуд аз анвори ту,
Мулкамон осуда аз афкори ту.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Мо ҷаҳон дидем аз Боми ҷаҳон,
Тоҷикон як умр миннатдори ту.

Меҳнати шоистаи мо боли мост,
Иттиҳоди халқҳо иқболи мост.
Мақсади мо—сулҳ дар рӯи Замин,
Сохтмони коммунизм омоли мост.

Ленин, эй доҳии маҳбуби замон,
Раҳнамои маслаки меҳнаткашон,
Дар сари мо байрақи ту ҷилвагар,
Дар дили мо меҳри ту партавфишон.

*Соли 1973*

## МУСТАҚИЛ БОШӢ

Навишти дигарон доим ба гӯши микрофон хонда,
Ягон ҳарфу ягон маъно нарезонда, начакконда,

Замоне, дар ҷавонӣ хизмати диктор мекардам,
Ҳар он чӣ ки бифармоянд, он такрор мекардам.

Қасеро бад кунанд, ӯро ҳамон бадном мекардам
В-агар таъриф, шӯҳратманди хосу ом мекардам.

Хулоса, ноқиле будам ба халқи ташнаи ирфон,
Аз иншо заррае берун шавам гӯям, набуд имкон.

Суханҳои худам доим хурӯшон дар дилам мемонд,
Сифатҳои ғариб аз кору бору манзилам мемонд...

Намехонам кунун аз гардиши айём тӯтивор,
Намесозам дигар ман нутқҳои дигарон такрор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар он чӣ ки бигӯям, гӯям аз андешаҳои худ,
Кушода болу парро мепарам андар ҳавои худ.

Агарчи суфта ё носуфта — бошад бори шахсиям,
Кунад хизмат ба ҷамъият ҳамин ашъори шахсиям.

Дили ҳассос агар дорию дар фармони дил бошӣ,
Дар олам одами андешаманду мустақил бошӣ.

## УЗВИ МУҲИТ

Баски инсон ҳам бувад узви муҳити сеҳрнок,
Баҳра мегирад ҳамеша аз ҳавову обу хок.

Чун дарахту сабзаву гулбуттаҳои бӯстон,
Бо замин пайваста ӯ бо решаҳои ноаён.

Аз замин гирад ғизову бо замин поянда аст,
Вои он шахсе,
ки аз ин поя пояш кандааст.

Дур гардад аз замин, монад муаллақ дар фазо,
Бенасиб хоҳад шуд аз сарчашмаи обу ғизо.

Рафта-рафта мисли дуде аз назар пинҳон шавад,
Ё ки боз афтад ба хоку бо замин яксон шавад.

Ҳар қадар боло бароӣ, мешавӣ дур аз замин,
Ту магар мефаҳмӣ, эй кӯтаҳназар, маънои ин?

Рӯй гардонидан аз рӯи замин — модар хатост,
Зидди қонуни табиат қасд кардан норавост.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## ВАРАҚИ ТОЗА

Вараќи тоза, аҷаб зебой,
Дил рабуда, ба назар бинмой.

Ана истода ту дар рӯи миз,
Софу покизаву асрорангез.

Баски з-олоншу ғайбат дурӣ,
Ба ҳама хурду калон манзурӣ.

Дар туям ҷозибаи гулбоғ аст,
Рӯи ту моҳу вале бедоғ аст.

Чун бияфтӣ ту ба дасти шоир,
Мекунад орзуяшро тасвир.

Менависад ғазали аҳду вафо,
Аз хурӯши дилу мавҷи дарьё.

Ба рухат ё ки муҳандис-меъмор
Мекашад нақшаи фардон диёр.

Нақшаи раставу майдони навин,
Шаҳру қишлоқи шукуфони навин.

Балки рассом туро мегирад,
Мӯқалам шавқу ҷило мегирад.

Менигорад амали ёреро,
Ёри зебову вафодореро.

Ё ки тасвир намояд чамане,
Рамзи озодаву хуррам Ватане...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вараҷи тоза, аҷаб зебой,
Дил рабуда, ба назар бинмой.

Ана истода ту дар рӯи миз,
Софу покизаву асрорангез.

Чун дили мардуми чинӣ ҳоло,
Бикунӣ акс ҷаҳонро фардо.

*Соли 1955*

## МАКТУБ АЗ ФРОНТ

Эй гули хандони ман, ту ғунчаи нав вошуда,
Ошиқи рӯи туам чун булбули шайдошуда.

Оразат аз байни зулфони сиёҳи анбарин
Офтобосо намоён гашта нурафшо шуда.

Синаи худро сипар дар ҳифзи ҷонат кардаам
Бо ҳазорон ҳамдилони бошараф якҷо шуда.

Бе хатар андар баҳористони гулзеби Ватан
Меҳнати мардона кун, фаъолаи саҳро шуда.

Иди фатҳу шодият бодо муборак дилбарам,
Иди наврӯзе, ки марги нав ба душманҳо шуда.

Аз ҳамон ҷо то фронт аз пахта пойандоз кун,
Меравам ман ҳам ба наздикӣ зафарьёро шуда.

* * *

Уфуқи тираи Мағриб дурахшон мешавад охир,
Ливои фатҳи мо он ҷо намоён мешавад охир.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сари морон ҳамекӯбем мо дар лонаи тангаш,
Раҳо аз ин хабисон мулки Олмон мешавад охир.

Нигоро, зидди душманҳо кунун шерона меҷангам,
Чунин рафтори ман аз рӯи паймон мешавад охир.

Дар ин майдон супоришҳои некатро ба ёд орам,
Суботу ғайрату зӯрам дучандон мешавад охир.

Ту ҳам фаъолу чаққон шав, плони пахтаро пур кун,
Агар якҷоя кӯшем, фатҳ осон мешавад охир.

Пас аз марги фашистон бозафар назди ту меоям,
Тамошои ҷамолат ҳам фаровон мешавад охир.

*Апрели соли 1945*

## ДАСТУРИ ҲАЁТ

Партияи ҷоноҷон,
Номи ту суботи мост,
Ҳар ҳуҷҷату пайғомат
Дастури ҳаёти мост.

Роҳи амали моро
Аз нав ту нишон додӣ,
Як ғайрату шавқи нав
Бахри дилу ҷон додӣ,
Субҳи коммунизм ин дам
Хандиду дамид аз ту,
Сӯят нигарон олам,
Дунъё ба умед аз ту.
Партияи ҷоноҷон,
Номи ту суботи мост.
Ҳар ҳуҷҷату пайғомат
Дастури ҳаёти мост.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мо насли ватанпарвар —
Сарбози мароми ту.
Ҳар фатҳ,
ки мо дорем,
Вобаста ба номи ту.
Бо ту паси сар кардем
Сад мушкилию сахтӣ.
Бо ту биравем акнун
То қуллаи хушбахтӣ.
Партияи ҷоноҷон,
Номи ту суботи мост.
Ҳар ҳуҷҷату пайғомат
Дастури ҳаёти мост.

Ғам меҳурӣ, ки аз ғам
Насли ту раҳо бошад,
Як умр бани одам
Аз умр ризо бошад.
Инсоният озоду
Хушбахту амон бошад,
Боғи шарафу шодӣ
Сарсабзу ҷавон бошад.
Партияи ҷоноҷон,
Номи ту суботи мост,
Ҳар ҳуҷҷату пайғомат
Дастури ҳаёти мост.

Бо ҷанг ҳаме ҷангӣ,
Бо сулҳ ҳаме созӣ,
Чун байрақи гулгунат
Ругарму сарафрозӣ.
Хуршед зиё бахшад
Бар рӯи ҳама олам,
Меҳри ту сафо бахшад
Бар қалби ҳама одам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Партиян ҷоноҷон,
Номи ту суботи мост,
Ҳар ҳуҷҷату пайғомат
Дастури ҳаёти мост.

## ОРЗУ

Одамони мо тамоми кору боре сар кунанд,
Баҳри хушбахтии халқу равнақи кишвар кунанд.

Байрақи сулҳу адолатро баланд афрошта,
Мисли фарзандони содиқ хизмати модар кунанд.

Ҳикмати мо бин, ки барқу нур мегиранд аз об,
Ҷӯли холиро мубаддал бар макони зар кунанд.

Зиндагӣ имрӯз аз дирӯза хуштар гаштааст,
Лекин онро рӯзи дигар боз ҳам хуштар кунанд.

Қаҳрамон фарзандҳои ҳизби Ленини бузург
Қаҳрамониҳои нав ҳамчун ватанпарвар кунанд.

Боварӣ дорам, ки дигар халқҳо ҳам мо барин
Ҳизби Ленинро ба худ болу пару сарвар кунанд.

Ҷои танку тӯп истеҳсол созанд олате,
То ки бо он роҳи Моҳу Зӯҳра пушти сар кунанд.

Орзу дорам, шавад нобуд деви шуми ҷанг,
Одамон ёрию дилсӯзӣ ба ҳамдигар кунанд.

Орзу дорам, бародарвор миллатҳои даҳр
Базми бахту сулҳ ороянду во ҳар дар кунанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Орзу дорам, ки истад хона бекулфу калид,
Бешаҳодатномаю ҳуҷҷат ба ман бовар кунанд.

Лозим ояд, ҷон ба ҷонон-орзуям медиҳам,
Ошиқон дилро ҳамеша садқаи дилбар кунанд.

Сулҳҷӯён бо мароми дӯстӣ доранд амал,
То ки дуньёро халос аз фитнаву аз шар кунанд.

## НАСЛИ МО

Насли Ленин гаштааст эъҷозкори ин замон,
Беҳтарин насли башар, насли шуҷоу қаҳрамон,
Аз ҳамин насл аст олам дилкашу уммедбахш,
Аз ҳамин насл аст одам соҳиби сулҳу амон.
Илму меҳнатро бидод ин насл шаъни безавол,
Аввалин бор офарид ин насл бахти ҷовидон.
Қудрати худ кард собит ӯ ба чандин ҳарбу зарб,
Тоқату мардонагии худ ба чандин имтиҳон.
Равнақе дорад ҳаёт имрӯз бо афкори ӯ,
Чархи таърих гирдгардон аст бо дастони он.
Бо вафодорию истеъдоду меҳнатдӯстӣ
Шӯҳраташ партав фишонад аз замин то осмон,
Ҷуръати Юрий Гагарин, суръати парвози мо
З-ин сабаб шуд достони мардуми рӯи ҷаҳон.

*6 августи соли 1961*

## ШАБҲОИ БЕХОБӢ

Шаб аст ором, соат сею ним — чор,
Ҳама осуда мехобанд ин дам.
Вале ман дар сари столу бедор,
Дилам пуршавқу диққат банду сар хам.



650686
БИБЛИОТЕКА
Инв. №
им. Т. Г. Шевченко
барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj муроҷиат намоед

Агарчи чашмҳоям сурх гашта
Саҳифа хира-хира менамояд,
Вале бо устуворие нишаста,
Хабарҳоро кунам таҳрир бояд.

Нишинам рӯз бинмуда шабонро,
Газета интизори даст мондан.
Саҳар бояд ҳама гиранд онро
Барои муждаҳои тоза хондан.

Агарчи дар ифода санъаташ паст,
Ҳамин абзац ба ман бисьёр маъқул.
Магар ин гуна сарлавҳа дуруст аст?
Чӣ лозим дар қафои қавс вергул?

Аҷаб хуб аст мазмуни мақола,
Ҳикоят мекунад аз пахтакорӣ.
Вале ин шеъри нав дар васфи лола
Ба хонанда нахоҳад дод ёрӣ.

Ниҳоят вақт тангу субҳ наздик,
Рафиқ навбатчӣ,
гиред он хабарро,
Хабар аз кашфи олимҳои тоҷик
Бувад табъи дили хонандаи мо.

Дар авҷи осмон моҳу ситора,
Ана аз бурҷи тиреза намоён.
Ба монанди чароғи ин идора,
Ҳароратноку хандонрӯю тобон.

Ба ғайр аз тик-тики гардиши соат,
Намеояд ба гӯши кас садое,
Тамоми одамон дар хоби роҳат,
Ба ғайр аз ахтару моҳи фазоӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ғалат кардам, каси бедор бисьёр,
Мана, моён газета мебарорем.
Саҳаргоҳон шавад он то ки тайёр,
Талошу саъи беандоза дорем.

Ба мисли мо чунин то соати ҳафт,
Ҳазорон кас бувад дар хизмати худ.
Таваллудхона ҳам серомадурафт,
Дар он ҷо мешавад одам таваллуд.

Тамоми шаб нагардад ҳеҷ хомӯш
Заводи нону ГЭС-у почтаи шаҳр.
Намесозанд саҳми худ фаромӯш
Ҳама сарҳадчиёни хушкию баҳр.

Дар ин субҳи сафобахшу мунаввар,
Чӣ хуш наҷми Кремль оламафрӯз.
Барои халқи худ,
бо номи кишвар
Кунем аз таҳти дил меҳнат шабу рӯз.

*Июни соли 1952*

## ВИСОЛИ МОҲ

Моҳи ман, баски дилам бурд рухи тобонат,
Асрҳо шиква намудам зи шаби хиҷронат,
Гоҳ-гоҳе ба ман аз дур ту механдидӣ,
Боз мекард саҳоб аз назарам пинҳонат.

Оламе бохт дилашро ба ҷамолат, эй Моҳ,
Чашм медӯхт ба ҳар бадру ҳилолат,
эй Моҳ,
Ман, ки хушбахттарин насли башар мебошам,
Ана, имрӯз расидам ба висолат, эй Моҳ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қосиди меҳру вафоям ба ту ҳамоғӯш аст,
Ҳар нафас савту садои ту кунун бар гӯш аст.
Шоире васфи ту, эй Моҳ, нагӯяд дигар:
«Дастнорас-маҳи ман бедараку хомӯш аст».

Гӯшвори Ватанам ҳусни туро дод оро,
Гашт аз қаъри замин то ба қамар халқ огоҳ.
Ба ту, эй илми тавонои советӣ, аҳсан!
Қашф кардӣ ҳама асрор «зи моҳӣ то моҳ».

Моҳи ман, моҳи вафодору башӯҳрат имрӯз,
Шод аз қудрати озодиву меҳнат имрӯз.
Бод поянда чунин давру замоне, ки дар он
Қор эъҷоз шуд, афсона ҳақиқат имрӯз!

## ХОМӮШӢ ГАРОН АСТ

Ин дам, ки ҷаҳон дар талаби сулҳи ҷаҳон аст,
Инсоният аз хавфи атом дар ҳаяҷон аст.
Хомӯш нишастан натавонанд адибон,
Хомӯш нишастан ба чунин давр гарон аст.
Зеро ба дили душмани адлу шарафу сулҳ,
Ҳар мисраи барҷаста ба монанди синон аст.
Дар он сӯи уқьёнуси Ором гурӯҳе
Боз аз паи оташ задани ҷанги калон аст!
Он кас ки зану кӯдаки худ дӯст бидорад,
Ҳам бар падару модараш имдодрасон аст,
Бояд диҳад овоз барои зафари сулҳ,
Қоре бикунад ин,
ки сазовори замон аст!
Шак нест, ки боло бишавад дасти адолат,
Зеро ки разолат ба дами марг равон аст.
Дар роҳи ҳаёти ҳама Октябри муаззам,
Чун меҳри амонӣ, ҳама дам нурфишон аст!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МОДАРАМ

Модарам, эй модари заҳматкашам,
Мӯниси дар байни обу оташам.

Бо ғами фарзанд шуд умрат хазон,
Зиндагии хеш бахшидӣ ба он.

Худ нахобидию хобондӣ маро,
Худ напӯшидию пӯшондӣ маро.

То ниҳоли боғи ту қомат кашид,
Гашт мисли барф мӯят сап-сафед.

Дида-дида доғи фарзандони худ,
Борҳо оташ задӣ бар ҷони худ.

Шуд писар
дар ҷанги душманҳо ҳалок,
Духтаратро бармаҳал додӣ ба хок.

Аз ғами онҳову ҳасту нестӣ
Борҳо ғалтидаву мехестӣ...

Охирин аз нусхаҳои ту манам,
Дар дами пирӣ асои ту манам.

З-ин сабаб ҳушу хаёлат сӯи ман,
Орзуят сер дидан рӯи ман.

Доимо ту бохабар аз қисматам,
Воқиф аз ҳар як азобу роҳатам.

Мешавӣ баъзан чунон дар изтироб,
Мебарӣ аз ёд ҳатто хӯрду хоб.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қадди шамшоди ту акнун хам шудаст,
Бори он кам нею оё зам шудаст?

Пандомӯзу дуогӯям туӣ,
Машъали тобандаи кӯям туӣ.

Меҳри ту дар ҳеҷ як бозор нест,
Ҳеҷ кас чун ту ба ман ғамхор нест.

Дасти шахшӯлат расад гар бар сарам,
Чун уқобон сӯи гардун мепарам.

Як назар афканда симои маро,
Нағз мефаҳмӣ, ту авзои маро.

Нағз мефаҳмӣ, ки ҳоли ман чӣ хел,
Зиққаму ранҷур, ё ки шоддил.

Дорад оё корҳои ман барор,
Ё ба мушкилҳои нав гаштам дучор.

Модарам, эй модари заҳматкашам,
Мӯниси дар байни обу оташам,

Баски ҳастам бо ту доим сарфароз,
Орзуи ман ба ту умри дароз.

Зиндагии ту ба ман дуньёи панд,
Чашмаи илҳому иқболи баланд!

Меҳри модар мисли меҳри коинот,
Манбаи умр асту маънои ҳаёт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

# ЧАРОҒҲОИ НОРАК

*Силсилаи шеърҳо*

## АДРЕСИ МАШҲУР

Норак, эй шаҳри ҷавони кӯҳсор,
Навшукуфта гулшани фасли баҳор.

Омадам бо меҳри чандон сӯи ту,
То бубинам шоду хандон рӯи ту.

То замину осмонат бингарам,
Муъҷизоти сохтмонат бингарам.

Таҳният бар рӯду боғотат диҳам,
Санг бар курсии дарғотат ниҳам.

Восифи буньёди бемислат шавам,
Бо далерони ту ҳамсӯҳбат шавам.

Қаҳрамонони шуҷоъ пайдо кунам,
Шеърҳо дар васфашон иншо кунам.

Норак, эй шаҳри бафайзи тоҷикон,
Манбаи нуру шиои бекарон.

Қарнҳо як деҳае будӣ хароб,
Дар кӯҳистон маҳди ганҷи беҳисоб.

Танг буд роҳи Пули Сангини ту,
Бесамар буд водии ғамгини ту.

Мешавӣ акнун ту шаҳри номдор
Зури пинҳони ту гардид ошкор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қуллаи мағрур сар хам мекунад,
Оби шӯхи рудро дам мекунад.

Зинда гашта даштҳои ташналаб,
Қони неъмат гардаду ҷои тараб.

То занад фавворан нур аз дилат,
Шуҳраи олам бигардад манзилат.

Шод бош, эй Нораки овозадор,
Мекунӣ ту хизмати халқу диёр.

Омадам, шодам зи истиқболи ту,
Фахрҳо дорам ман аз иқболи ту.

Зӯру ақли мардуми озоди мо
Медиҳад равнақ ба ҳар эҷоди мо.

Мекунам табрик, эй шаҳри ҷавон,
Ман туро бо ин муаззам сохтмон!

## ХУБ АСТ ҶОИ ҚОРАТ

Эй дӯстам-бинокор,
Хуб аст ҷои корат.
Дорад ҳазор асрор
Дарьёю кӯҳсорат.

Сард аст қуллаи кӯҳ,
Гарм аст домани он,
Поёни барфи анбӯҳ
Наргис бувад шукуфон.

Дар осмони нилгун
Дорад уқоб парвоз.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бульдозерон зи водӣ
Ҳар сӯ диҳанд овоз.

Бишкофта дили санг,
Дарьёи Вахш ҷорист.
Гӯё зи манзили танг
Бар водиҳо хуморист.

Дӯлонаҳо базеб аст
Дар кӯҳсори Норак,
Хандону
дилфиреб аст
Фасли баҳори Норак.

Ин фасл ибтидо шуд
Бар сохтмони аъзам,
Аз мушкбӯ ҳаво шуд
Атроф сабзу хуррам.

Эй дӯстам-бинокор,
Хуб аст ҷои корат.
Дорад ҳазор асрор
Дарьёю кӯҳсорат.

Аз илми давр огаҳ —
Эҷод мекунӣ ту.
Бо техника мусаллаҳ —
Буньёд мекунӣ ту.

Онро ту аз дили пок
Бар халқ месупорӣ
Қохе зи худ
шарафнок
Мерос мегузорӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДАРЬЁИ ВАХШ

Асрҳо буд беҷилав дарьёи Вахш,
Буд ҷорӣ оби бепарвои Вахш.
Медамиду меҷаҳиду мепарид
Аз миёни кӯҳ то саҳрои Вахш.
Бо хурӯшу ҷастухези мавҷи худ
Барқ мепошид сар то пои Вахш.
Лекин аз он нафъи корӣ набуд
Аз барои мардуми тагҷои Вахш.
Ташналабҳо дар лаби оби равон
Бенасиб буданд аз савғои Вахш.
Халқи озоди советӣ бо ҳунар
Сохт ГЭС-и тоза дар болои Вахш.
Аз дили хоро баланду сербар
Ёфт роҳи тозае маҷрои Вахш.
Бин, ба амри қаҳрамонони замон
Гапдаро шуд зӯри беҳамтои Вахш.
Соҳил ин ҷо гарчи ҳоло дилрабост,
Дилработар мешавад фардои Вахш.
Об барқу хок зар гардад аз он,
Бас фаровон аст неъматҳои Вахш.

## ТАГИ БАҲР

Деҳаи Тутқавул назарногир,
Кулбаҳояш гилину пасту хамак.
Шудааст ин деҳи куҳан ҷогир,
Дар миёни ду кӯҳи сар ба фалак.

Тангу пурчанг кӯчаҳо дорад,
Соҳил ин ҷой росту ҳушрӯст,
Пасту боло ду осиё дорад,
Мардумаш хоксору меҳнатдӯст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Асрҳо бо ғурури худ ҷорист
Вахши шӯхоб аз нишебии он.
Лек суде аз он казой нест,
Монда ин деҳаро замин урьён.

Қад кашад назди ГЭС банди матин,
Тутқавул зери баҳр мемонад.
Оби рӯдаш ба кас суруди ҳазин
Баъд аз ин ҳеҷ гаҳ намехонад.

Мардумаш лек меравад шодон
Сӯи водии нав ба хидмату кор.
То биёбони Данғара, Ёвон
Гардад аз зӯри дасташон гулзор.

Деҳааш зери об монад ҳам,
Орзӯҳош рӯиоб шавад.
Дар замини кушоди навкорам
Қори он лоиқи китоб шавад.

## БА ДУХТАРИ ЛОИҲАКАШ

Духтари лоиҳакаш, номи туро
Додам аз матлаи ашъорам ҷой,
Рӯи ту гарму нигоҳат зебо,
Хати ту хубу рақамҳои ту бой.

Ман аз он дидаи хоболудат
Бахти бедори сухан мебинам.
Шарафи умри хушу масъудат,
Меҳри покат ба Ватан мебинам.

Омадӣ аз ҳама пеш аз марказ,
То барояд ба амал афкорат.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Мекашӣ нақша ба рӯи коғаз,
Ҳамаи мо нигарон бар корат.

Бе ту дарьё наравад аз раҳи нав,
Бе ту қомат нафарозад сарбанд.
Надиҳад ГЭС ба мардум партав,
Нашавад деҳа ба марказ монанд.

Нақшаву лоиҳаву тадбират,
Нотаи савту садои Норак,
Ин,
  ки дорад ба назар тасвират
Ҳар бинокори шуҷои Норак.

## НОРАКИ ПУРНУРАКИ МО

*Суруд*

Моҳи ягона мешавад
Ёраки масрураки мо,
Фахри замона мешавад
Нораки пурнураки мо.
Дилбари шӯху меҳрубон
Меҳнати пурбаҳо кунад,
Ҳамраҳи ёру дӯстон
Бинои нав бино кунад.
Хандакунон чу духтарон
Фасли баҳор омадаст,
Баҳри ривоҷи сохтмон
Давраи кор омадаст.
Моҳи ягона мешавад
Ёраки масрураки мо.
Фахри замона мешавад
Нораки пурнураки мо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Лоиқи нақшаҳои худ
Ғайрати беш мекунем,
Хурраму хубу хушнамуд
Қишвари хеш мекунем.
Мисли ривоҷи кори мо
Мавҷ занад Вахши пуроб,
Чун ГЭС-и шӯълабори мо
Ханда намояд офтоб.
Моҳи ягона мешавад
Ёраки масрураки мо,
Фахри замона мешавад
Нораки пурнураки мо.

## ҚӮҲИ НАВ

Халқи тоҷик курсии нав мениҳад,
То бигирад шаҳри Норак рӯҳи нав.
То ба чархи ГЭС-и худ қувват диҳад,
Рӯи дарьё барфарозад кӯҳи нав.

Ҳо, ба мисли кӯҳ хоҳад шуд азим
Дар миёни қуллаҳо дарғоти нав,
Оби баҳри он ба ҳар сӯ мустақим
Меравад, то гул кунад боғоти нав.

Халқи ман дар роҳи истиқболи худ
Кӯҳро бо зарба талқон мекунад,
Аз барои бастани маҷрои руд
Лозимояд, кӯҳи нав меофарад.

## ТАРҚИШҲОИ ФАРАҲБАХШ

Аз ин таркиш ҳаросе нест дар дил,
Табиатро кунад аз хоб бедор,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Аз ин таркиш бинову боғу манзил
Шавад буньёд дар ҷои валангор.

Ба ҳар навбат расад раъди шиносаш,
Занад фаввора
                    аз дил завқу эҳсос.
Ба фатҳи беназири нақшаи худ
Бинокорони мо доранд ихлос.

Аз ин таркиш бикӯчад хораву санг,
Фурӯ резад ба рӯи мавҷи дарьё,
Шавад баҳри азиму осмонранг
Миёни кӯҳсори кишвари мо.

Аз ин таркиш табиат хезад аз хоб,
Бигардад зӯри он тобеи инсон.
Дигар бинмуда маҷрои худашро,
Фиристад Вахш обашро ба Ёвон.

Аз ин таркиш шавад ҳар сӯ муайян,
Шумори техника,
                    мошин, масолеҳ.
Қад афрозад чунон шаҳри музайян,
Ки арзад он ба насли нектолеъ.

Дар ин ҷо ин замон бо бурдборӣ
Ҳама саргарм бо кори муборак.
Бувад ин таркиши буньёдкорӣ
Барои шаҳри Норак,
                    ГЭС-и Норак.

Аз ин фардо саросар Тоҷикистон
Ба нури боз рахшонтар шавад ғарқ,
Шукуфон гашта садҳо боғу бӯстон,
Фурӯзон гардад ин ҷо машъали Шарқ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МӮЪҶИЗАИ МАРДУМИ МО

Ана ин шаҳр, ана ин садд гуфтам,
Оташу об ба ҳам зад гуфтам.
Банд таркиду фурӯ рехт ба руд,
Дилам аз завқ натаркад, гуфтам.
Васл шуд лоиҳа бо ҳосили кор,
Мо расидем ба мақсад, гуфтам.
Қудрату мӯъҷизаи мардуми мо
Шуд ба Норак фузун аз ҳад,
гуфтам.
Паси ҳам монеаҳо пеш оянд,
Мекунанд аз раҳи худ рад, гуфтам.
Зинда бошед ба бахти коммунизм,
Саратон дард набинад, гуфтам.
Хуб дидам ҳунари он хубон,
Узр мехоҳам, агар бад гуфтам.

## ВАХШ БЕСАРАНҶОМ АСТ

Эй Вахш, чаро ту бесаранҷом?
Симобсифат надорӣ ором?

Заршӯю даманда об дорӣ,
Бесабрию изтироб дорӣ.

Бинмуда ҷамоли хештанро,
Бикшодаӣ зулфи пуршиканро.

Хуш медиҳӣ ихтиёр аз даст,
Маъшуқаи ту ба паҳлӯят ҳаст.

Шодам зи ҳавою авҷҳоят,
В-аз шӯру шитоби мавҷҳоят.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй Вахш, чи эҳтимол, ҳоло
Пай бурдаӣ ту зи нақшаи мо.

Воқиф шудаӣ, ки дасти одам
Хушбахт кунад туро дар олам.

Ин аст, ки хубу соҳилоро —
Як шаҳри наве намуда барпо,

Мо ГЭС-и пуриқтидор созем,
Ҷӯлу даман обшор созем.

Даҳчанд зиёду хубу арзон —
Аз нури ту баҳра гирад инсон.

Эй Вахш, ту дар низоми мой,
Шӯҳратфикани мароми мой.

## ХУШ БУВАД АЙЁМИ МАН

Омад иди навбаҳору ҷӯш зад илҳоми ман,
Нур меборад диёрам, хуш бувад айёми ман.
Водии хуррам бигӯяд, к-аз қиёми офтоб
Ханда дорад боғҳои наргису бодоми ман.
Меҳрсимову сияҳкокул нигорам омадаст,
Дар ҳасад сӯзад рақиб аз кайфи субҳу шоми ман.
Дида мавҷи шӯху нооромӣ рӯди Вахшро,
Боз ноороммтар шуд қалби ноороми ман.
Мекунам ширкат ба кори Нораки фирӯзи худ,
Дар раҳи хушбахтии халқ аст ҳар иқдоми ман.
Бо мубориз-дӯстонам, эй сабо, табрик гӯй,
Мерасон то ҳар бинокори Ватан пайғоми ман.
Ман ғазалхон, булбули сармастам аз шавқи баҳор,
Бесабаб охир намебошад Баҳорӣ номи ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЗАМИНИ ВАХШ

Халқи мо ин сон ривоят мекунад,
Ақли инсонро ҳидоят мекунад:
Як замоне мӯсафеде будааст,
Кулбааш дар зери беде будааст.
То асо созад ба худ, аз шохи бед
Навдаеро кандааст он мӯсафед.
Он асо будаст ӯро такьягоҳ
Дар дами истодану ҳангоми роҳ.
Мениҳодаст ӯ қадам мисли ҷавон,
Бардаму боэътимоду шодмон.
Пирамарди зиндадил пазмон шудаст,
Дафъае меҳмони фарзандон шудаст.
Пеш аз он ки ӯ ба ҳавлӣ по ниҳад,
Тӯҳфаи худро ба келинҳо диҳад.
Дар лаби ҷӯ, дар қатори занги ток
Хаста мондаст ӯ асояшро ба хок.
Соате рафту баромад мӯсафед,
Аз лаби ҷӯбор асои худ кашид.
Аз замин лекин асо берун нашуд,
Аллакай дар хок реша ронда буд...
Ин замини Вахши зархези ман аст,
Хоки поки шӯҳратангези ман аст.

Ман ба ин водии гул пазмон шудам,
Чанд рӯзе дар бараш меҳмон шудам.
Айни тасфи рӯзу авҷи кор буд,
Пахтакору пахтачин бисьёр буд:
Пиру барнои ба нусрат роҳҷӯ,
Марди майдон — духтарони моҳрӯ.
Шуд замини Вахш дар даврони мо
Нозу неъматбахш — дастурхони мо.
Авҷи онро дида бо чашмони худ,
Фахрҳо бинмудам аз даврони худ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ҳар чи ки лозим ба инсон, медиҳад,
Ризқу рӯзии фаровон медиҳад.
Меваи бисьёру гандум медиҳад,
Пахтаи аъло ба мардум медиҳад.
Меҳнат онро кард ҳосилхезтар,
Пешрафту инкишофаш тезтар.
Хандақи лимӯ қатор андар қатор,
Боғҳои себу анҷиру анор,
Фермаҳои номдори молу шир,
Сохтмонҳои бузургу бенaзир...
Ин замини Вахши пуршони ман аст,
Хоки поки Тоҷикистони ман аст.

*Колхозобод, 27 октябри с. 1961.*

## АДИБИ ҶАҲОНӢ

Агарчанде ки фасли тирамоҳ аст
Баҳори дилкушое дорам имруз.
Китоби Рӯдакӣ оламnаноҳ аст,
Аз он шавқи расое дорам имрӯз.

Аз он боғи дилам яксар шукуфта,
Ба чашмам менамояд лолазорон.
Гули бодоми ҳамчун дурри суфта,
Гулоболуда оби ҷӯйборон.

Аз он бинам ман абри осмонро,
Ки дорад гирьяҳо чун чашми Маҷнун.
Аз он бинам баҳори тоҷиконро,
Ки мисли орази Лайлост гулгун.

Варақ гардонаму таълим гирам,
Шавам мафтуни мазмуни баландаш.
Сафои тоза меёбад замирам
Зи абьёти ҳақиқатбору пандаш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Аз ин сад сол ё даҳ қарн ҳам пеш
Набуд аҷдоди тоҷик нимваҳшӣ!
Дар олам бо нуфузу санъати хеш
Чу шамсе менамуд ӯ нурбахшӣ.

Чунин тӯҳмат ба тоҷики куҳансол
Зи нодонист ё аз кӯдакияст!
Далели равшани ин фикр алҳол
Ҳамин ҷашни суханвар — Рӯдакияст.

Аё устоди мумтозу хирадманд,
Ба мо бас арҷманду ифтихорӣ.
Ба халқат,
мисли як арзанда фарзанд,
Басо ҳикмат бимондӣ ёдгорӣ.

Ту кору зиндагонӣ менамудӣ
Дар он сон давру дар он сон замона,
Ки «гар ғамро чу оташ дуд будӣ,
Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона!»

Аз ин рӯ дасти қаттоли тааддӣ
Кашид он дам ба ҳар ду дидаат мил,
Валекин боз ҳам дидан гирифтӣ
Ҷаҳону ҳастиро бо дидаи дил.

Кунун байроқи назми оташинат
Дурахшон аз сари Боми Ҷаҳон аст.
Каломи байтҳои дилнишинат
Сипоҳи сулҳро вирди забон аст.

Нанолад: «Осмон боло, замин сахт!»
Кунун авлодат — авлоди тавоност.
Туӣ бобокалони насли хушбахт,
Асарҳои ту шаъну шӯҳрати мост!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Агар имрӯз ту мебудӣ, устод,
Суруди тоза иншо менамудӣ.
Диёрат хуррам асту халқат озод,
Суруди шодмонӣ месурудӣ.

Ба ту, фарзанди тоҷик, ҷаши имрӯз,
Адиби аввалини рӯзгорон!
Аз осорат бубинад халқи фирӯз
Мароми дӯстӣ, файзи баҳорон!

## ТАЛАБ АЗ УМР

Боре нишаста дар лаби дарьёи пур зи об,
Дидам, ки дорад он ҷадалу шавқу изтироб.
Чун ошиқе, ки маст зи уммеди васли ёр,
Аз қуллаҳо ба водии паҳнест дар шитоб.
Шод асту бардам аст, агарчи ҳамеша он
Сарро ба санг мезанаду мекашад азоб.
Мағруру беқарор шабу рӯз медавад,
То бар бисоти боғ диҳад ҳусну обу тоб.
Ин гуна шӯру шавқ маро айни муддаост,
Ин тарзи зиндагист ба дил айни интихоб.
Саргарми ишқу кораму аз ёд мебарам,
Ман низ чист роҳату чун аст хӯрду хоб.
Маълум: шуғли ошиқи бесабр ҷустуҷӯст,
Мафҳум: ҳарфи лӯъбати танноз пуритоб.
Бигзор, умри ман гузарад мисли оби ҷӯй,
Лекин ҳамеша бар талаби дил диҳад ҷавоб,
Боғи умеду ишқ шукуфон намуда, он
Гардад аз ин саодати камьёб комьёб.
Ҳар рӯзи он ба халқу Ватан суд оварад,
Ҳар қатра инъикос кунад қурси офтоб.
Умри азиз, сарф ту бар ишқи пок шав,
Аз роҳи баргузидаи худ ҳеч сар матоб.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Илҳом гир аз амали руди зиндадил,
Як умр шав муборизи ҳар гуна фатҳи боб!

*Июли соли 1961*

## ШАҲРИ АЗИЗ

Маро ҳар кас, ки пурсад аз куҷой?
Куҷо гаштӣ ту аз модар таваллуд?
Ту, эй шаҳри азизам, менамой
Ба чашмам бо ҷамоли тозаи худ.

Ба назди дӯстон бо шодмонӣ
Ҳамегӯям, ки ман аз шаҳри Ленин,
Аз он шаҳре, ки онро ҷовидонӣ
Фаро бигрифтааст эъзозу таҳсин.

Аз он шаҳре, ки дар оғӯши дарьё
Ба мисли лаъл тобиш менамояд,
Аз он шаҳре, ки меҳри доҳии мо
Варо ҳар дам навозиш менамояд.

Аз он шаҳре, ки халқаш бо хунарҳо
Баровардаст номи худ ба олам.
Дучандон мекунад акнун зафарҳо,
Ба байроқаш нишони шахси аъзам.

Гилеми лоларангу шоҳивораш
Писанду зеби ҳар як хонадон аст.
Аҷоиб баҳру ГЭС-е дар канораш,
Ки он сарчашмаи барқи равон аст.

Иморатҳои зебои тамаддун —
Муносиб бӯсагоҳи боди форам...
Кунун ҳуснаш, ки рӯз аз рӯз афзун,
Ман аз ин шаҳри худ дар ифтихорам.

*Январи соли 1951*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## КӮЧАИ ЛЕНИН

Бегоҳи баҳор, баъди борон
Ин кӯча,
  ки турфа хушнамуд аст,
Аз ҷозибаю таровати он
Дил кони масаррату суруд аст.

Ду сӯй дарахту байн гулзор,
Раҳ мераваму надорад охир.
Он гуна ки ошиқ аз рухи ёр,
Аз дидани он намешавам сер.

Шодона шавам равона бо он,
Шавқи дили ман зиёда гардад.
Аз чеҳраи шаҳру рӯи хубон
Баҳри дили ман кушода гардад.

Имрӯз, ки иди навбаҳор аст,
Иди ҳама сулҳҷӯи дуньё,
Ин кӯча мисоли лолазор аст,
Пурнуру фароху хубу зебо.

Ҳар як қадам аст сабзу хуррам,
Бо маънии томи ин ибора,
Гирам нафас аз ҳавои форам,
Дорам ба ҳама тараф назора.

Бинам рухи одамони масъуд,
Пайваста бинои барҳаворо,
Дар фарқ самои софу бедуд,
Дар зер замини босафоро.

Аз нури ҳаётбахши хуршед,
Аз ҷилваи байрақи сарафроз,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Болу пари нав бигирад уммед,
Илҳоми баланд ёбад оғоз.

Аз буи хушу ҷамоли ғулшан
Фахрам бурун аз ҳудуд гардад.
Шавқи дили ман мисоли фонтан
Фаввора занад, суруд гардад.

Ҳарчанд суруди тоҷикист ин,
Бар халқи ҷаҳон азизу фаҳмост!
Зеро ки ба зидди ҷанги хунин,
Дар бораи инкишофи дуньёст.

Гар ранҷбари тамоми олам,
Якдил шавад, иттиҳод гардад.
Гардад ҳама фитнаҷуй сархам,
Уммеди пучаш ба бод гардад.

Имрӯз гирифта дасти фарзанд,
Бо роҳи Ленин равона ҳастем,
Масрури чунин ҳаёти хуррам,
Мамнуни чунин замона ҳастем.

Бегоҳии иди навъи инсон
Ин роҳ фароху хушнамуд аст.
Аз ҷозибаю таровати он
Дил кони масаррату суруд аст.

## АЗ ОН ФАХРАМ

Аз он фахрам, ки ман ҳам аз радифи бахти бедорам,
Барои мардуми худ, кишвари худ шахси даркорам.

Вуҷудам к-аз наху пуди вафою меҳр бисришта,
Ба монанди анори сурх дилро руи каф дорам.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дучор оям ба садди роҳи умру роҳи эҷодӣ,
Ҳақиқат мешавад дар ҳалли мушкилҳо мададгорам.

Надорам эҳтиёҷе ман ба эронию тӯронӣ,
Аниси тоҷикони тоҷдори кӯҳнаасрорам.

Рақиби бешараф ҳар лаҳза меҷӯяд гуноҳамро,
Намебинад ҷилои ҳусни рангоранги осорам.

Қади шамшоди ёрам сояи сар мешавад ҳар рӯз,
Мунаввар аз маҳи тобони рухсораш шаби торам.

## САРЗАМИНИ ЗАРНИСОР

Ленинободи азизам, ифтихори ман туӣ,
Сарзамини зарнисору номдори ман туӣ.
Дар бари ту хуни нофам рехт, во шуд дидаам,
Аввалин бор офтоби шӯълаварро дидаам.
Дар бари ту дониш аз худ карда илм омӯхтам,
Бо китоби ленинӣ меҳри дилам афрӯхтам.
Дар бари ту ақлу идрокам басе боло гирифт,
Меҳри ту дар мағз —
мағзи ҷисму ҷонам ҷо гирифт.
З-ин сабаб номи туро такрор месозам мудом,
Бо фараҳмандию миннатдорию бо эҳтиром.
Ленинободи азизам, ифтихори ман туӣ,
Сарзамини зарнисори номдори ман туӣ.

* * *

Мардуми ту аз замонҳои қадим гулдаст буд,
Лекин аз зулми ситамгар эътибораш паст буд.
Руси аъзам тоҷиконро чун зи банд озод кард,
Шаклу мазмуни туро доҳӣ — Ленин обод кард.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хоки покатро намуд ин боз ҳосилхезтар,
Суръати гул-гул шукуфтанҳои ту шуд тезтар.
Халқи меҳнатдӯстат меҳнат фаровон мекунад,
Водии Фарғонаро яксар зарафшон мекунад.
Ленинободи азизам, ифтихори ман туӣ,
Сарзамини номдору зарнисори ман туӣ.

* * *

Ҳар пагоҳӣ чун барояд офтоб аз пушти кӯҳ,
Чун шавад афзун Ватанро ҳусну шодию шукӯҳ,
Аз газета хушхабарҳо мерасад бо номи ту,
Радио ахбор мегӯяд, ки хуш илҳоми ту.
Сарбаландам,
сарбаландам, пешоҳангӣ ба кор,
Меписандам, меписандам, муждаҳоят бешумор.
Ту яке аз водиҳои пахтакори тоҷикон,
Пахта бошад, обрӯи устувори тоҷикон.
Ленинободи азизам, ифтихори ман туӣ,
Сарзамини номдору зарнисори ман туӣ.

## ШАБИ ДУШАНБЕ

### *Суруд*

Шаҳри Душанбе, хушу зебо туӣ,
Боғсифат ҷои тамошо туӣ.
Рӯзи ту пурҷӯшу хурӯш асту лек
Хуштару пурҷозиба шабҳо туӣ.

Шаҳри азизам, шаби ту нурбор,
Шоми мурод асту шаби ғамбарор.
Бӯса занад боди сабо аз рухат
Рақскунон омада аз кӯҳсор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Файзи шаб аз руи фурӯзони ту,
Шаъшаа пошанд чароғони ту.
Сайргаҳи ошиқу маъшуқаҳост
Раставу майдону хиёбони ту.

Ҳусну ҷамоли ту тараннум кунам,
Шавқи дил изҳор ба мардум кунам.
Аз шаби васли ҳаяҷонбахши ту
Ҳамчу гули лола табассум кунам.

Шаҳри Душанбе, хушу зебо туӣ,
Боғсифат ҷои тамошо туӣ.
Рӯзи ту пурҷӯшу хурӯш асту лек
Хуштару пурҷозиба шабҳо туӣ.

## ЛАБ БАШАНД

Омадем аз сайругашти кӯҳсор,
Сайругашти қад-қади дарьёи Ғунд.
Аз миёни деҳаҳои сабзазор,
Аз канори тармаҳои тезу тунд.

Манзили мо деҳаи Ванқалъа шуд,
Чорподорони номӣ ҳамнишин.
Барф зад ногаҳ,
ҳамон шаб сард буд,
Неш мезад лек гандум аз замин...

Дидам он ҷо қуллаву деҳу дара,
Сарзамини мардумони дилкушод.
Ин саёҳат, ин диёр, ин манзара
Нақш мебандад ба хотир умрбод.

---

* Лаб башанд — ба забони шуғнонӣ «Хеле хуб!»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бегаҳӣ аз нав ба Хоруғ омадем,
Шаҳр буд сабзу чароғон, ғарқи нур.
Қуллаҳои сарбаланди гирди он
Рӯи каф медошт гӯё моҳи пур.

Мурғи шаб бикшод вақте болу пар,
Дӯстони помирӣ ҷамъ омаданд.
Пурсиданд аз ман, ки чунӣ аз сафар?
Шодмон гуфтам ба онҳо: «Лаб башанд!»

## ВАРЗОБ ЧИҲО ДОРАД?

Варзоб чиҳо дорад?
Хуш обу ҳаво дорад.
Аз сабзаву аз раъно
Зебо сару по дорад.
Як силсилаи қулла
То авҷи само дорад,
Боғоту гулистони
Дар нашъунамо дорад.

Варзоб чиҳо дорад?
Сад кӯҳу ҷарӣ дорад.
Дар ҷангали анбӯҳаш
Қабкони дарӣ дорад.
Мардони ҳунарманду
Занҳои парӣ дорад.
Дар ишқу вафодорӣ
Аҳди ҷигарӣ дорад.

Варзоб чиҳо дорад?
Даҳ кӯша чанораш ҳаст,
Дарьёчаи шӯхобу
Гулбоғи баҳораш ҳаст,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сурхангуру ғелоси
Ранги гули нораш ҳаст,
Бо ошиқу маъшуқа
Доим сарукораш ҳаст.

Варзоб чиҳо дорад?
Дил дораду ҷон дорад.
Аз ҳур-ҳури шаббода
Гӯё ҳаяҷон дорад.
Сад гӯшаи роҳатбоб,
Сад наҳри равон дорад.
Ганҷинаи бисьёре
Дар сина ниҳон дорад.

Варзоб чиҳо дорад?
Тоҷе ба сараш Моҳ аст
В-аз куллаи барфинаш
То меҳрн фалак роҳ аст.
Аз қисмати тоҷикон
Ҳар санги вай огоҳ аст,
Моро бувад он кишвар,
Дигар ҳама сайёҳ аст.

## РОҲҲАТИ МАН

Ба қолинбофдухтарони Хуҷанд

Эй азизон,
ин қадар гарм аст бозори шумо,
Ин қадар бисьёру боҳиммат харидори шумо?
Дар намоишгоҳи Ғарбу Шарқ шуд вирди забон,
Зеби ҳар як хонадон шуд ҳосили кори шумо.
Завқи беандоза мебахшад ба домоду арӯс
Қолини хушрангубори ҳамчу гулзори шумо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ранга-ранга, хел-хел, аз ҳамдигар хушруйтар
Мебарояд он зи дастони пуросори шумо.
Мавҷ дорад Баҳри тоҷик аз насими субҳдам,
Авҷ дорад комбинат аз ғайрату кори шумо.
Кӣ чунин ақли расову ҳусни зебо дидааст?
Некбахт аст он ҷавоне, ки шавад ёри шумо.
Роҳхат дорад Баҳорӣ ҳар замон сӯи Хуҷанд,
То ки як бори дигар бинад чаманзори шумо.

## МАНБАИ НУР

Ту, оби Шаршара, бас сеҳрнокӣ,
Надорӣ аз фулузу санг боке.

Шитобон меравӣ рӯ ҷониби пеш,
Хурӯшон меравӣ аз қисмати хеш.

Ба рӯят чун назар андохтам ман,
Дилу ҷонро ба мавҷат бохтам ман.

Чунон мавҷи ту бошиддат бирезад,
Зи қалби чархи оҳан ҳавр хезад.

Чунон аз зарбаи ту чархи мақдур
Шавад гардон, диҳад фаввораи нур.

Ба маҷроят диловархалқи озод
Чи хуш ГЭС-и бузурге кард буньёд!

Туро имрӯз нурангез мавҷ аст,
Аз он кори саноат ҳам дар авҷ аст.

Расидӣ пойтахти тоҷиконро,
Мунаввар сохтӣ ҳар хонадонро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нигоҳат равшану ГЭС-ат фароз аст,
Дилат пурғайрату умрат дароз аст...

Агар ман ҳам мисоли ту бикӯшам,
Шитобам, ғулғул андозам, хурушам,

Дилу дида маро пурнур мебуд,
Зи корам халқ ҳам масрур мебуд.

## САФИ МУБОРИЗ

Даме ки хурдсолу шӯх будам,
Падар панду насиҳат менамудам.

Ки созам тарки хоку лойбозӣ,
Дарахту бомчаспӣ, кучатозӣ.

Зи дарси зиндагӣ таълим гирам,
Ҳунар омӯзаму дониш пазирам.

Ба ҳар як кор боандеша бошам,
Вафодору адолатпеша бошам.

Хулоса, номи неке карда пайдо,
Бигирам аз қатори одамон ҷо...

Ба мулки меҳрубон пайвандам акнун,
Ба халқи қаҳрамон фарзандам акнун.

Ман акнун дар қатори одамонам,
Ба сӯи мақсади олӣ равонам.

Ман аз он саф, ки маҳбуби замон аст,
Сафобахши замину осмон аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Аз он саф, ки шафақосо дурахшид,
Ҷаҳонро як ҷаҳон уммед бахшид.

Аз он саф, ки матину беназир аст,
Баҳодур насли Ленини кабир аст.

Ливобардори асри бист-ин саф,
Сипоҳи ҳизби коммунист-ин саф,

Ба он вобаста мазмуни ҳаётам,
Муроду мақсаду азму суботам.

Сабақ омӯзам аз эъҷозҳояш,
Дилу ҷонро сипар созам барояш.

Бифармояд,
ба ҳар майдон равам ман,
Сазовори мароми он шавам ман.

*Июни соли 1961*

## РАҲБАРИ МАН

Ба саҳни боғи хушбоду ҳавоям,
Чу сарв озод дар нашъунамоям.
Барои қад кашидан ҳизби Ленин
Муҳити табъи дил бинмуд атоям.
Назар афканда бар фардои фирӯз,
Ман аз тақдири худ беҳад ризоям.
Намегирад чаро пои ман ором?
Чаро доранд пина дастҳоям?
Дилам аз шавқу ғайрат мезанад ҷӯш,
Фараҳбахш аст меҳнат аз бароям.
Чаро бегонаам аз фитнаву шар,
Ҳамеша бо адолат ошноям?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чаро бар даъвати имрӯзаи сулҳ
Шарикам, бо дилу ҷон ҳамсадоям?
Зарур астам ба бахти кӯдаконам,
Азиз астам ба ёри бовафоям!

* * *

Кушоянд ошиқон болу пари худ,
Ҳамеша дар ҳавои дилбари худ.
Аз он рӯзе, ки дод устод таълим,
Ҳақиқатро намудам раҳбари худ.
Суханҳои «Намедонам ман инро»
Паси ҳам хат задам аз дафтари худ.
Ман аз ишқи Ватан гап мекушоям,
Ки қуту кувватам дод аз бари худ.
Ман аз партия меболам ҳамеша,
Ки халқам хонад онро сарвари худ.
Наметарсам зи садду мушкилоте,
Далерам бо ливои аҳмари худ.
Дили худро ба кӣ бахшам муносиб?
Ба зери пои кӣ монам сари худ?
Зарур астам барои кори кишвар,
Азиз астам ба мушфиқ модари худ.

## ХАЙРУХУШ

Вазон аст бегоҳӣ боди баҳорон,
Пур аз одаму рафтуо саҳни перрон,
Ба рафтан каме мондааст.
Нигаҳ менамудам ба рухсори ҷонон,
Ба он чашмҳое, ки дил доим аз он
Ҳадиси вафо хондааст.

Дар он лаҳза ман рӯ ба рӯяш ситода,
Намудам ба ӯ ошкоро ифода



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳама орзуҳои худ.
Табассумкунон рози дилро кушода,
Бигуфт ӯ: «Маро ҳам чунин аст ирода».
Чӣ хушбахтии беҳудуд!..

Набуд интиҳое дигар шодиямро:
Мададгори ман гашт он ёри зебо,
Тарафдори аъмоли ман.
Ба азми матину ба завқи дуболо
Кунун меравам сӯи мақсуди аъло,
Ба сарчашмаи илму фан.

Ману он нигори дақиқу дурандеш
Намудем сӯҳбат зи ояндаи хеш,
Зи ояндаи пурзафар.
Дили ман ба ҷӯш омад аз нуктадонеш,
Бигуфтам ташаккуру ҳам раҳмати беш
Ба ҷонона пеш аз сафар.

— Ба тадқиқ сирри табиат кушоед,
Заминҷунбиро пешгӯӣ намоед.
Зарур аст ин ихтироъ.
Ба фатҳу зафар боз гашта биёед,
Наканда зи роҳи шумо чашми уммед,
Манам интизори шумо!..

Чунин гуфту ӯ боз хуштар назар кард,
Суханҳои хубаш ба ман сахт асар кард,
Фишурдам зи дастони ӯ.
Дар ин лаҳза поезд ҳам роҳ сар кард,
Пур аз ишқ ду дил хурӯши дигар кард,
Даҳон монд аз гуфтугӯ...

Ҳамон рӯи хандону рӯмоли ҷунбон
Бишуд то ба дере ба чашмам намоён,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ва оҳиста шуд нопадид.
Ба Маскав шитобида аз Тоҷикистон,
Ба ман болу пар шуд суханҳои ҷонон,
Дил аз хуррамӣ метапид...

## ҲАРГИЗ НЕ!

Аз дилам меҳри ту хомӯш кунам? Ҳаргиз не!
Қасами хеш фаромӯш кунам? Ҳаргиз не!
Қард аз рашку ҳасад тӯҳмати ноҳақ ағьёр,
Ба ҳамон лофи разил гӯш кунам? Ҳаргиз не!
Маи ҷонбахши лабони ту ниҳода, акнун
Заҳри он кӯрнамак нӯш кунам? Ҳаргиз не!
То расидам ба висолат,
ки ба лаб омад ҷон,
Бори ҳиҷрони ту бар дӯш кунам? Ҳаргиз не!
Назди як хӯса суҷуд овараму сар биниҳам?
Бути худ дур аз оғӯш кунам? Ҳаргиз не!
Бо ту ман ҷон ба гарав монда зафар ёфтаам,
Акнун инро ҳама рӯпӯш кунам? Ҳаргиз не!
Гӯям имрӯз: набинам рухи фардои ҳаёт?
Берун аз ёд ва ё дӯш кунам? Ҳаргиз не!
Зи нав он Юсуфи гумгашта ба Қанъон ояд *.
Чашми худро паноҳ аз рӯш кунам? Ҳаргиз не!

## СУБҲИ МАЙ

Тараннум мекунам фасли баҳорон,
Гули хушрангубӯи себзорон.
Ҷаҳони равшан аз нури муҳаббат,
Табассумҳои меҳрангези ёрон.

---

* Мазмуни ин мисраъ аз Ҳофиз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зафар дида ба чандин озмоиш,
Қунем оянда и худро ситоиш,
Ҳаёти хурраму бахти накуро
Ба ҷашни Май диҳем ин дам намоиш.

Тарафдорони сулҳи устуворем,
Адолатпарвару буньёдкорем.
Ба сар парвоз дорад мурғи иқбол,
Аз ин иқболи худ дар ифтихорем.

Саҳаргоҳон сари гаҳвора модар
Сарояд аз тулуи меҳри ховар.
Гузор, он нур пошад босаховат
Ба ҳар як қитъаи олам баробар!

Ният поку амон бошад замона,
Ҳаёт осудаю мақсад ягона.
Шавад аз зиндагӣ шоду баруманд
Тамоми ҳалқи дуньё дӯстона.

## ҶАШНИ ФИРӮЗ

Субҳидам офтоби оламтоб
Байрақи хеш зад ба қуллаи кӯҳ,
Халқи деҳа чу мавҷи чашмаи ноб
Шуд ба майдон равон гурӯҳ-гурӯҳ.

Мешитобад ҷавону пир имрӯз
Ба намоиш — ба ҷониби минбар,
То ки болад зи қисмати фирӯз,
То ки хонад суруди фатҳу зафар.

Идро дод зебу ороиш
Самари меҳнати ҳалоли мо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Саф ба саф мезанад қадам бар пеш
Насли Октябри безаволи мо.

Ҷӯр бо савти дойраю карнай
Шавқу шодии ҳамдиёрон аст,
Талаби сулҳҷӯ, шиори вай —
Даъвати устувори даврон аст.

Ба ғумонам, кунун зи Боми ҷаҳон
Менамояд тамоми рӯи Замин.
Дидаҳо дӯхта ба кишварамон,
Хонад олам ба Москва таҳсин.

Рӯи мавҷи намоиши мардум
Шоҳини бахт мекунад парвоз,
Аз ҳама гӯшаҳои марзу бум
Медиҳад Инқилоби мо овоз!

## ДИЛҲОИ ПУРҲАРОРАТ

Мо бинокорони қасри муҳташам,
Ошиқони меҳнати ҳаққу ҳалол.
Аҳл мегардему мемонем қадам,
Роҳи мову мақсади мо безавол.

Дӯст медорему хизмат мекунем
Бо садоқат мо ба мулки меҳрубон.
Гаштаю баргашта даъват мекунем
Халқи оламро ба сулҳи ҷовидон.

Сулҳ — ҳусни боғҳои рӯҳбахш,
Нозу неъматҳои дастурхони мост.
Сулҳ-нури ГЭС-и Норак, оби Вахш,
Сулҳ,— овози дили ҷӯшони мост.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Сулҳҷӯёни ҷаҳонро ёварем,
Зидди душман мавҷи обу оташем.
Халқ фармояд, ба ҷо меоварем,
Партия даъват кунад, саф мекашем!

* * *

Комсомоли Тоҷикистон —
Бовафо фарзанди Ленин.
Бахри хушбахтии инсон
Ғайратат лоиқ ба таҳсин.

Ту ба ҳар як ҷабҳаи кор
Меравӣ андар сафи пеш.
Меҳри ҷӯшони ту изҳор
Шуд ба нафъи кишвари хеш.

Қуллаҳо шуд зери поят,
Ҷуръати ту достон аст.
Ҷилвагар ин дам ливоят
Дар замину осмон аст.

Дар тамоми кори кишвар
Марди майдонӣ ту имрӯз.
Аз муҳаббат дил мунаввар,
Қони эҳсонӣ ту имрӯз.

## ОРЗУ ВА ҲАҚИҚАТ

Асрҳо рӯ ба қибла истода,
Саҷда мекард мардуми тоҷик.
То ки хуршед чеҳра бикшода,
Оварад рӯзҳои равшану нек.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

То ки зулму асорату зулмат
Абадӣ нест гардад аз дуньё.
Умр бинанду шодию давлат
Бо ҳуқуқи баробар одамҳо.

То ки инсон нафас кашад озод,
Орзуҳош бар амал оянд.
Бошад осуда меҳнату эҷод,
Адлу инсоф олам ороянд.

Халқи тоҷик бо ҳамин аҳвол
Шиква аз умри пурҷафое дошт.
Аз барои ҳақиқату иқбол
Саҷда мекарду илтиҷое дошт.

Лек қибла ба ӯ мадад нанамуд,
Солҳо рафту боз сол омад.
Шафақи асри бист гулгун шуд,
Муждаи шодӣ аз шимол омад.

Тӯпи «Аврора» ғулғуле андохт,
Мавҷ зад рӯди Нева аз зарбаш.
Золимонро ба хок яксон сохт,
Гашт озод халқи заҳматкаш.

Аввалин бор бахт бар одам
Ленини аъзам,
инқилоб овард.
Вай ба ҳар хонадони тоҷик ҳам
Рӯшноию офтоб овард.

Ана имрӯз, эй писар, бинигар,
Чи қадар хуб гирду ҷониби ту.
Аз туяст ин диёри хушманзар,
Меҳрубон аст халқи ғолиби ту.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Боз хандону гул ба сар борон,
Фасли зебои навбаҳор омад.
Боз аз нав ба мулки тоҷикон
Турфа айёми киштукор омад.

Бин, чи сон дар Душанбеи обод
Қад кашад нав
ба нав иморатҳо.
Мешавад боз бештар буньёд
Хонаву боғу мактабу кино.

Иди наврӯзро табиат ҳам
Бо гулу сабза кард истиқбол.
Деҳаву шаҳрҳои мо хуррам,
Манзили одамони хушиқбол.

Мардуми мо ба зӯри ҳикмату фан
Кард қоил тамоми дуньёро.
Фатҳовар ливои давлати ман
Медиҳад саҳни Моҳро оро.

Нақшаи панҷсола аз ин беш
Менамояд ҳаётро ширин.
Аз зафар бар зафар,
равем ба пеш,
Дӯстон, зери байрақи Ленин!

## МЕНАВИСАМ

Гуфтӣ, ки чаро наменависӣ?
Дар бораи мо наменависӣ?

Ку азкияву мароқу илҳом,
Шеъру ғазалу навиду пайғом?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ку шуълаи барқи хомаи ту,
Паймонхату ишқномаи ту?

Ку он ҳама шавқу дилхурӯшӣ,
Аз баҳри чӣ ин қадар хамӯшӣ?..

Эй шамъ, аҷаб забондарозӣ,
Месӯзиву боз менавозӣ.

Афганда маро ба шоми ҳиҷрон,
Боз аз сабабаш худи ту пурсон.

З-он рӯз,
ки рафта будӣ, сол аст,
З-ин дард суруданам маҳол аст.

Ҳаҷри ту бишуд шиканҷаи ман,
Афтод қалам зи панҷаи ман.

Боз омадию гирифтам ором,
Хуш омадӣ, эй аруси илҳом.

Акнун шабу рӯз менависам,
Бо вазни арӯз менависам.

Аз меҳри замона менависам,
Баҳри ту тарона менависам.

Аз равнақи кор менависам,
В-аз фатҳи диёр менависам.

Боз омадию гирифтам ором,
Хуш омадӣ, эй аруси илҳом!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТАБРИКИ ШОГИРД

Ба Институти педагогии ба номи
С. М. Киров

Салом, эй меҳрубон донишгаҳи ман,
Аз эҳсоси дили ман огаҳи ман.

Дар оғӯши ту обутоб дидам,
Китобу дафтару одоб дидам.

Гирифтам баҳра аз боғи маонӣ,
Маро додӣ ту дарси зиндагонӣ.

Бубахшидӣ зи дониш парру болам,
Расонидӣ чу модар бар камолам.

Кунун аз пойтахти Тоҷикистон
Туро табрик созам бо дилу ҷон!

Муборак бод ҷашни баркамолет!
Ҷавонӣ-иди биступанҷсолет!

Чи хуш, донишгаҳи боэътиборӣ,
Барои кишвари мо ифтихорӣ.

Тамоми дастпарвардонат имрӯз
Ба ҳар як гӯшаи ин мулки фирӯз,

Фузуда шаъни илми хештанро,
Намуда хизмати халқу Ватанро,

Адолатпешаву саргарми коранд,
Яке олим,
дигар омӯзгоранд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Яке фарзанди ту — ман шоир астам,
Ватан гўяд ҳар он чӣ,
ҳозир астам.

Ба дастам он қалам, ки дода будӣ,
Нависад васфи мулки беҳудуде.

Ба саҳфа сурати дилҳо кашида,
Намояд хизмат он бо сар давида.

Мунодии ҳаёти навҷавонист,
Силоҳи кори сулҳу зиндагонист.

Салом, эй меҳрубон донишгаҳи ман,
Мароми ту ҳамеша ҳамраҳи ман.

Дилам бар мурғи меҳрат ошьён аст,
Ба ту аз ман ҳамин шеър армуғон аст.

**АФСЎС...**

Васфи вараҳи тоза сурудам боре,
Гуфтам,
ки шавад номаи ишқи ёре.

Рассом кашида ё дар он акси санам,
Шоир бинависад ғазали моҳи аҷам.

Меъмор ва ё дар он намояд тасвир
Тарҳи нави як қасри сафобахшу мунир.

Афсўс, чакида ранги ғафсе ногоҳ,
Шуд рўи сафеди он варақ доғи сиёҳ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТОҶИ САР

Ба пионерони мактаби ба номи
Г. Титови Конибодом

Тоқии чусте, ки бахшидед, шуд зеби сарам,
Ҳар кучое меравам, бошад нишон аз кишварам.

Акс гардидаст дар он қуллаҳои барфпӯш,
Водии доимбаҳори дилкушою дилбарам.

Ҳар гулаш осори дастони ҳунарманди шумост,
Пилтакоғазҳои байнаш номаи ҷонпарварам.

Чун ба шаҳри Қонибодом ид буд он рӯзу шаб,
Ҳар яке истода будед он замон андар барам.

Насли наврас бо ғулу гулдаста истиқбол кард,
Нур меборид дар ҳар манзил аз бому дарам.

Мо сухан гуфтем аз тадбири илму маърифат,
Нутқҳо кардем аз таъсири назми муҳтарам.

Меҳмонҳоро намудетон бағоят шодмон
Гоҳ бо рақсу суруду гоҳ бо лутфу карам.

Дӯстон, як умр ҷо шуд дар дили ман меҳратон,
Тӯҳфае, ки дода будед, ин замон тоҷи сарам.

## НАҒЗ МОН

Дер истодем мо суҳбаткунон,
Аз ситора шуълавар шуд осмон.
Меравам фардо саҳар аз ин макон,
Хайр, то дидан, азизам, нағз мон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ҳамсафар ишқат агарчи бо дил аст,
Дур будан аз ту хеле мушкил аст,
Интизори ман, ки кору таҳсил аст,
Хайр, то дидан, азизам, нағз мон.

Соатеро ҳам намесозам талаф,
Медарорам дурри мақсадро ба каф.
Роҳи ман дур асту аммо бошараф,
Хайр, то дидан, азизам, нағз мон.

Дар раҳи ҳифзи диёри хушнамуд
Бовафоям, чун ту, то дорам вуҷуд.
Хат навис, албатта, бар ман зуд-зуд,
Хайр, то дидан, азизам, нағз мон.

## ТИРАМОҲИ ТОҶИКИСТОН

Хазон пӯшидааст имрӯз ҳар сӯ
Талу пайроҳаҳоро, чун гули зард.
Сабук шуд шохи шамшоди лаби ҷӯ,
Шамол акнун намолуд, андаке сард.

Ба васфи тирамоҳи лаълдоман
Сурудастанд адибон чандборӣ.
Намесозам вале ин фаслро ман
Тасаввур бе замини пахтакорӣ.

Калейдоскопи худро мон, писарҷон,
Биё, боре назар афкан ба саҳро.
Бубин нашъунамои пахтазорон,
Ки гардид ифтихори кишвари мо.

Ту мумкин борҳо дидӣ, шунидӣ,
Чу ман диққат надодастӣ ба ин лек:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба мисли рӯи дастархони идӣ
Бувад бар чашми ман саҳрои тоҷик.

Ана, он холаатро бин, дудаста
Чӣ гуна кардааст аз пахта хирман.
Амак ҳам пешдоманҳо бубаста,
Намемонад қафо дар пахта чидан.

Ба мо Октябрь — моҳи нусрату кор,
Ту инро нағз медонӣ, азизам.
Бигиремаш зи ҳосил ҳарчи бисьёр,
Ба шӯҳрат шӯҳрати нав мешавад зам.

Ҳама меҳнат намудем аз таҳи дил,
Ки гардад кони пахта Тоҷикистон.
Вагарна ҷои аввалро гирифтан
Набуд осон, набуд осон, писарҷон.

Фарох истодааст ин водии нур,
Ба он ҳошия — дарьё, кӯҳ, беша.
Чу дар афсона зебо, ранга, магрур...
Ман инро дӯст медорам ҳамеша.

Ба васфи тирамоҳи лаълдоман
Сурудастанд адибон чандборӣ.
Намесозам вале ин фаслро ман
Тасаввур бе замини пахтакорӣ.

## ДАР ҶАНУБ

Чун кафи даст ин раҳи дуру дароз
Мебарад то рафт моро бар ҷануб.
Теппаи Обикиик ҳам сарфароз
Аз шитоби тези меҳмонони хуб.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Офтоби март аз ҳадди уфуқ
Чеҳраи пурнури худро боз кард.
Дар қафо фавҷе кабутарҳо сафед
Аз райони Куйбышев парвоз кард.

Абр ҳам аз ҷониби дарьёи Вахш
Дар ҳавои соф месозад шино...
Гавҳаратро пош,
моро ҳадья бахш
Эй ту уштури пур аз бори ҳаво.

То шаванд аз неъмати ту баҳравар,
Ин заминҳои васеи пахтазор.
Резад аз оғӯши худ шаҳду шакар,
Ин чаман, ин хок, ин зебо баҳор.

Аллакай шӯхикунон оби равон
Хат ба рӯи дафтари саҳро навишт.
Аллакай гулдаст мардону занон
Аз паи кору чигитрезию кишт.

Аз миёни дашту аз мобайни кӯҳ,
Бо «Победа» мо шитобон дар гузар.
Мевазад ҳур-ҳур кунон аз рӯ ба рӯ,
Рӯҳбахшу мушкбӯ боди саҳар.

Дӯстон, ман дур-дур аз пойтахт,
Дурам аз руди Душанбе ин замон.
Бо шумоён лек аз рухсори бахт
Баҳравар ҳастам ба як шавқи калон.

Шаҳри Қурғонтеппа мегирад нафас,
Аз ҳавои навбаҳорони ҷануб.
Аз баландӣ ҳамчу гулбоғи ҳавас
Менамоянд он басе сарсабзу хуб.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кӯчаҳо ҳамвор, иморат саф ба саф,
Бар сари онҳо дарахтон соябон.
Мактаби Ленин намоён як тараф,
Хонаи зебо Тамаддун ҳам аён.

Мебарояд савти тору доира
Аз даруни он бинои сербар.
Фикр карда аз гузашта-ҳозира
Шаҳри худро мебиёрам дар назар.

Ин аз он хуб асту он беҳтар аз ин
Кишвари мо бемисолу хушнамуд.
Дар тамоми гӯшаҳояш мо барин
Одамон хурсанд аз ҳастии худ.

*Апрели соли 1952*

## НОМУ ШАРАФ

Ҳар бор ба саҳро раваму пахта бичинам,
Барбод равад занги дилу чини чабинам,
Гуё ки таваллуд шуда аз модарам, аз нав
Дуньёи пуранвору фараҳбахш бубинам.
Бинам, ки табиат чӣ қадар сеҳрнигор аст,
Фахрам,
        ки ман эҳьёи ҳамин обу заминам.
Як умр намекӯчам аз ин хоки муқаддас,
Савганд ба халқи ҳамадону ҳамабинам.
Аз зиндагию кору талабҳои замона
Нав-нав сабақ омӯхта, бо фатҳ қаринам.
Он мошинаи чидану ман қоили онам,
Ин духтари ронандаю ман моили инам.
Тоҷик,
        ки дорад шарафу ном зи меҳнат,
Аз дасти вай ояд ҳамаи кор, аминам!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## ПАХТА ШУКУФТ

*Суруд*

Дилбари шухи нозанин,
Ҳосили кори худ бубин,
Нуқра барин,
садаф барин
Пахта шукуфт, пахта чин.

Субҳи сафо дамидааст,
Боди сабо вазидааст,
Даври вафо расидааст,
Пахта шукуфт, пахта чин...

Саъи ту чун ифода шуд,
Қавли ту барзиёда шуд,
Ғунчаи дил кушода шуд,
Пахта шукуфт, пахта чин.

Ҳамраҳи худ бубар маро,
Вақти амал нигар маро.
Ту ҳастию зафар маро,
Пахта шукуфт, пахта чин.

Дар Ватани баҳори мо
Меҳнати пурбарори мо —
Шодию ифтихори мо,
Пахта шукуфт, пахта чин.

Эй сабаби вуҷуди ман
Ёраки озмуди ман,
Хон ту ҳамин суруди ман,
Пахта шукуфт, пахта чин.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## АЗ ТУ ҚАРЗДОРАМ

Азизам, эй нигори пахтакорам,
Ман аз ту бениҳоят қарздорам:
Ба васфи ғайрату кори бузургат
Асарҳои сазоворе надорам.

Қадат сарви гулистон гуфтанам кам,
Лабат лаъли Бадахшон гуфтанам кам,
Ҷамоли бемисолат дилситон аст,
Ба ман ту беҳтар аз ҷон гуфтанам кам.

Туй пеш аз ҳама фарзанди одам,
Ту ҳам дил дорию дил — шодию ғам.
Агарчи кордониву саломат,
Гумон аст, ин ки бошад хотират ҷамъ.

Ба суи ман қадам монӣ, азизам,
Ҳамеша шоду хандонӣ, азизам.
Магар ҳангоми корат ҳам чунинӣ?
Мазан худро ба нодонӣ, азизам.

Ҷӣ ҷои баҳс? Мардумро аён аст,
Ки корат мушкил, аммо пур зи шон аст.
Ба ҷуз ин боз саркорию имсол
Ба давлат ӯҳдадорият калон аст.

Чу гирад пахтазори ту ба оғуш,
Намоӣ истироҳатро фаромӯш,
Гумонам ин,
ки ғайрат аз дили ту
Мисоли чашмасорон мезанад ҷӯш.

Агарчи ҳосили пахта фаровон,
Агарчи ғайрати ту боз ҷушон,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ба дастон бист тонна пахта чидан,—
Фақат бо гуфтану дар гуфтан осон!

Сабо бозида зулфи мушкбӯят,
Тамоми рӯз мебӯсад зи рӯят.
Вале чун ман намебошад вай огоҳ,
Аз эҳсоси дилат, аз орзӯят.

Ба давроне ки атому машин аст,
Маҳи сунъӣ дар атрофи Замин аст,
Чаро мо пахтаро бо даст чинем?
Хиҷил балки дили ту аз ҳамин аст?

Зи давлат ҳар чӣ буд, ёрӣ гирифтанд,
Машини пахтағундорӣ гирифтанд.
Чаро онро набурданд истифода?
Ту балки бо чунин андешаӣ банд?

Қафои дар зимистон аст ин дам,
Вале ҳосил фаровон аст ин дам.
Чунон ки кокули мушкинат аз бод,
Туро хотир парешон аст ин дам.

Аз ин рӯ ман ба саҳро мешитобам,
Бичинам то ки тилло,
мешитобам.
Диҳам то ёрмандӣ бо дилу ҷон
Ба ту, эй ёри зебо, мешитобам.

Аз ин рӯ ман на танҳо ҳамчу ошиқ
Шавам, ҷоно,
туро ҳамкору содиқ.
Нависам бояд акнун шеърҳое,
Ки бошад он ба тавсифи ту лоиқ!

*Соли 1955*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БОҒИ ҚОЛХОЗ

— Азизам, боғи колхози шумо ин дам чиҳо дорад?
— Ҳавои анбарафшону насими дилкушо дорад.
Ба як сӯ пухта себи арғувон, гелоси тиллоранг,
Дигар сӯ растаи шафтолуяш авҷи расо дорад.

— Азизам, гар шавам меҳмони он боғат, туӣ розӣ?
— Қабул созем меҳмонро ҳамеша бо сарафрозӣ.
— Чиҳо мебахшию бо чӣ зиёфат мекунӣ моро?
— Ба ҳар чизе, ки дорад дар бисоташ боғи колхозӣ.

— Азизам, дил фақат бо меваҳо қонеъ намемонад,
Вай аз ишқу ҷавонӣ як суруде низ мехонад.
— Ба фикрам, дар тамоми олам ин расму таомул ҳаст,
Ки дар меҳмонӣ меҳмон ҳадди худро нағз медонад.

— Азизам, розӣ шав, то ман шавам аъзои колхозат,
Мисоли ту яке аъзои боғорои колхозат.
Ту ҳақ гуфтӣ, ки меҳмон мебиёяд — меравад, аммо
Бимонам ҷовидон ман дар бари зебои колхозат.

Дар он сурат на танҳо мехурам шафтолую гелос,
На танҳо мекашам аз он ҳавои беғубор анфос.
Умедам ин, ки хулқу қудрати худро нишон дода,
Намоям дар дилат пайдо ягон майлу ягон эҳсос.

Гули ишқи туро мепарварам дар боғи уммедам,
Ситоиш мекунам меҳри туро монанди хуршедам.
Чӣ мамнунам, ки дил аз рӯзи аввал интихобат кард,
Чӣ хушбахтам, ки рӯи партавафшони туро дидам.

— Биёед, аз дилу ҷон ман шуморо мекунам табрик,
Ки таъсири дигар дорад нигоҳи одами наздик.
Ду кас баҳри нумӯю равнақи ин боғ мекӯшем,
Барорад то ки шӯҳрат дар тамоми кишвари тоҷик.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## РӮМОЛИ ХУҶАНДӢ

Ба тасфи рӯз, азизам, гарми меҳнат
Туро дидам миёни пахтазорон.
Намеҷунбид ҳатто аз ҳарорат
Ягон шоху ягон барги дарахтон.

Ба сар чун лаълии пуроташе буд
Дар он вақт офтоби моҳи июль.
Лабу рӯят гули марҷонкаше буд,
Арақ мерехт аз ҳар тори сунбул.

Агарчи духтарӣ, нозукхиромӣ,
Вале ту вақти меҳнат марди майдон!
Ба ин сон нозанинӣ некноме
Биярзад ошиқаш бахшад дилу ҷон!

Ҳамин як тӯҳфаи арзону ночиз—
Ҳамин рӯмоли шоҳии хуҷандӣ,
Ба ту овардаам чун дастовез,
Ба сар то ин ки вақти кор бандӣ.

Бимон, аз найзаҳои нури хуршед
Туро андак намояд он ҳимоя.
Ба мисли соябони ишқу уммед
Ҷамолатро нигаҳ дорад ба соя.

## ТАБРИК

Ба ту, эй пахтакори пухтакори ленинободӣ,
Ҳамеша ёр бошад нусрату хурсандию шодӣ.

Гирифтӣ ҳосили аълои «тиллои сафед» афзун,
Вафо кардӣ ба қавле, ки ба халқу мамлакат додӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гулистон гашта доим аз Сири сероб маъвоят,
Гули рӯи сабад ҳастӣ ту дар оғӯши ин водӣ.

Чӣ ҷои шубҳа, ки будию ҳастӣ дар сафи аввал,
Чӣ ҷои гуфтугӯ, дар касбу кори хеш устодӣ.

Ба ҳар манзил ки по мондӣ, паи пои ту зар гардид,
Ба ҳар кӯе ки афтодӣ, дари эъҷоз бикшодӣ.

Табиат шуд сахӣ аз зӯри бозуи тавоноят,
Ту чашми кор медонию корат кори эҷодӣ.

Агар бо саъю кӯшиш зиндагии халқ ширин аст,
Ба фатҳи қуллаҳои орзӯи хеш Фарҳодӣ.

Камоли бахти мо пайваста ин дам бо нахи пахта,
Ҳаёти хубу осуда, фаровонию ободӣ.

Зиҳӣ, эй пахтакори номдори кишвари тоҷик,
Насибат бод шаъну шӯҳрату хурсандию шодӣ.

## МАРДИ МАЙДОН

Мавҷ мезад, мавҷ баҳри пахтазор,
Дар шино буд киштиҳои бешумор.

Киштиҳои чархдори нилгун,
Дурру гавҳарро намуда гирдуғун,

Ҳар яке мерехт дар хирворҳо,
Аз саҳар то шом чандин борҳо.

Завқ мекардем мо аз кори он,
Аз хурӯшу зӯру аз рафтори он.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин машина — дастьёри девкор,
Бо намуду бо чилою бо виқор,

Зеби саҳроҳои тоҷикон шудаст,
Мушкили деҳқон аз он осон шудаст.

Киштиҳо, эй киштиҳои бебаҳо,
Кистанд ин дам ҷилавдори шумо?

Дӯши худро баҳри кӣ ҷо мекунед?
Амру фармони кӣ иҷро мекунед?

Кист некӯбахт инсоне, ки он
Чун шумо дорад ғуломи меҳрубон?

Духтари тоҷик сардори шумост,
Хӯҷаини мутлақи кори шумост.

Духтари тоҷик дар дӯши шумост,
Гуфтаҳояш ҳалқаи гӯши шумост.

Ӯ ба роҳи равнақи мулки азиз
Мошини худро биронад тез-тез.

Саъи худро боз суръат медиҳад,
Пахтаи аъло ба давлат медиҳад.

Эътибори пахтакори номвар
Мешавад аз меҳнати ӯ зӯртар.

З-ин сабаб мо духтари тоҷикро,
Ёри маҳрӯи миёнборикро.

Оҷиза не, марди майдон гуфтаем,
Паҳлавони Тоҷикистон гуфтаем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МЕҲНАТИ ТУ

*Суруд*

Аз баҳри халқу мамлакат
Нафъи зиёде мерасад,
Эй пахтачин, аз ғайратат,
Эй пахтакор, аз меҳнатат.

Бо ту саодат ёр шуд,
Боғу чаман пурбор шуд,
Саҳро гулу гулзор шуд,
Эй пахтакор, аз меҳнатат.

Шуд хирмани ту кӯҳ-кӯҳ,
Бахшад ба ҳар бинанда рӯҳ.
Дорад Ватан шаъну шукӯҳ,
Эй пахтакор, аз меҳнатат.

Меҳри ҳамин водии Вахш
Дар синаи мо баст нақш.
Дорӣ ҳаёти рӯҳбахш,
Эй пахтакор,
аз меҳнатат.

Газвор арзон мешавад,
Равған фаровон мешавад,
Сад мушкил осон мешавад,
Эй пахтакор,
аз меҳнатат.

Айёми хуб айёми мост,
Иқдоми нек иқдоми мост,
Фаввораи илҳоми мост,
Эй пахтакор, аз меҳнатат.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШАРОФАТИ КОР

Дар он ҷое, ки меҳнат ҳаст
Инсофу адолат ҳаст,
Самимият ба гуфтору
Ба рафтор одамият ҳаст.
Хусумат нест,
Туҳмат нест,
Иғво нест,
Ғайбат нест!
Бақо дар зиндагӣ ҳасту
Вафо ҳам дар муҳаббат ҳаст.

Дар он ҷое, ки меҳнат ҳаст,
Дил хурсанд мебошад.
Ба мақсадҳои поку олӣ
Он пайванд мебошад.
Надорад фурсати иғвою фитна
Одами меҳнат,
Ба истеҳсоли неъматҳои дунъё
Банд мебошад.

Дар он ҷое, ки меҳнат ҳаст
Вақти ҳарзагуӣ нест,
Ба ҳар кор айбмонию
Ба ҳар кас айбҷуӣ нест.
Садоқат ҳаст дар қавлу
Ҳамият ҳаст дар виҷдон,
Ба ғайр аз серӣ, ободӣ, амонӣ...
Гуфтугӯе нест...

Дар он ҷое, ки меҳнат ҳаст,
Иззат ҳасту ҳурмат ҳаст,
Ба ҳар кор эътибор асту
Ба ҳар гап қадру қимат ҳаст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Агар хоҳӣ, бубинӣ
Лаззати умру нишоти умр,
Ту меҳнат кун, ки дар меҳнат
Таҷаллои ҳақиқат ҳаст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## Қисми дуюм

# ДӮСТӢ БЕЗАВОЛ АСТ



## ВАТАНИ МАН

— Бобо, ватани шумо кадом аст?—
Гӯед, буд ин тариқа посух:
Ноҳияи самти Язғулом аст,
Ё деҳаи Қистакӯзу Ворух.

Маънои ватан ба давраи пеш,
Ин гуна, ки танг буду маҳдуд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз ҳар кас агар ватан бипурсед,
Мегуфт зи шаҳру деҳаи худ.

Акнун ватани маро бипурсанд,
Бо фахр аз СССР гуям.
Аз оилаи кабири Октябрь,
Аз кишвари муқтадир гӯям.

Гӯям ватани ман аст имрӯз
Ҳам Москваю ҳам Ӯзбекистон,
Аз баҳри Охотск то ба Вильнюс,
Аз Қутби Шимол то Бадахшон.

Хоҳӣ, ки бубинӣ ҳар канораш,
Умри ту намекунад кифоят.
Кӯшида барои иқтидораш,
Аз хасм кунем мо ҳимоят!

*Сентябри соли 1968*

## ДАР ПОЙТАХТИ СУЛҲ

Ба М. Ю. Лермонтов

Дуст медорам ман ашъори туро,
Қоилам ман тарзи изҳори туро,
Хонда ҳар сатри туро аз ин сабаб,
Менишинам доимо то ними шаб.

Ин барин барҷаста фикру ҳиссиёт,
Ин барин тасвири зебои ҳаёт,
Дониши касро мукаммал мекунад,
Мушкили илҳомро ҳал мекунад.

Эй ҳақиқатпарвари машҳури рус,
Назм оро додаӣ ҳамчун арус.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ту ба дил тухми муҳаббат киштай,
Васфи зебо кишварат бинвиштай:

«Субҳи зарринбол, ҳангоми саҳар
Кӣ Кремльро тамошо кардааст?
Дар ҳамон вақте ки сар то пои шаҳр
Аз туман зебой пайдо кардааст,

Дар ҳамон вақте ки байни қасрҳо
Мисли шаҳ бо ифтихору бегумон,
Ӯн маноре, ки бузургу барҳаво,
Мешавад бар чашми кас партавфишон?»

Дар ҳамон вақте ки торикии шаб
Мегурезад аз ҳуҷуми субҳдам,
Дар ҳамон вақте ки рӯзи пуртараб
Мегузорад бо табассумҳо қадам,

Дар ҳамон вақте ки он зебо манор
Мезанад зангӯлаҳои пурхурӯш,
Дар ҳамон вақте ки аз кунҷу канор
Савти ГИМН-и сулҳ меояд ба гӯш,

Ман Кремльро тамошо кардаам,
Ифтихор аз тоҷи дуньё кардаам.
Ман Кремльро тамошо кардаам,
Ишқи мулкамро ба дил ҷо кардаам.

Эй ҳақиқатпарвари номии рус,
Қай навишта будӣ ту он сатрҳо?
Халқ аз онҳо бихонад то ҳанӯз
Меҳри рузафзуни мулки хешро.

Пойтахти сулҳу уммеди ҷаҳон —
Москва ҳоло тамоман дигар аст.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Номи ӯ рамзи наҷоти одамон,
Ҳуснаш аз дирӯза ҳам зеботар аст.

Ин замон бо он манори номдор
Қасрҳои нав баробар гаштаанд.
Москва ҳоло макони ифтихор.
Ҳамчу хуршед эътибораш ҳам баланд.

Ин замон ин шаҳри зебои азим
Такьягоҳи ҷумлаи меҳнаткашон,
Ин замон файзаш ба монанди насим
Паҳн гардидаст дар рӯи ҷаҳон.

Чашми худро ҷониби он дӯхта,
Халқи олам хушхабарҳо интизор.
Доим аз ин ҷо ба ҳар сӯ меравад
Хушхабар мисли насими навбаҳор.

Хушхабар аз кори эҷодии мо,
Аз ривоҷи сохтмонҳои кабир.
Хушхабар аз дӯстии халқҳо,
Сулҳу осоиштагии беназир.

Эй, ҳақиқатпарвари машҳури рус,
Маскав акнун раҳнамои одам аст.
Ин муқаддас шаҳри мо дар ҳар хусус
Пойтахти сулҳи рӯи олам аст!

## ДАРЬЁИ САХО

Волга, Волга! Шуҳрати подори рус,
Пурсаховат модари анҳори рус.

Манбаи илҳоми устодони назм,
Кони неъмат, кони қудрат, кони назм.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Асрҳои аср ҷорӣ мешавӣ,
Ибрате дар бурдборӣ мешавӣ.

Мекунӣ орому бо тамкин назар
Аз Урал то домани баҳри Хазар.

Кишвари худро саробон мешавӣ,
Аз паи сарсабзии он мешавӣ.

Хислати русӣ ба ман буд ошно,
Хуб медонистам аз хурдӣ варо.

Лекин акнун шуд ба чашмонам аён
Холиқи ин халқу хислатҳои он.

Волга, Волга! Шуҳрати подори рус,
Пурсаховат модари анҳори рус.

Дар бузургию накӯкорӣ туро
Нест ҳамтое, магар кӯҳсори мо.

Хизмати дарьёи заррин мекунӣ,
Бо ҳаёт атроф таъмин мекунӣ.

Мекушоӣ роҳҳои бешумор,
Мерасонӣ муждаи фасли баҳор.

Баски халқат бо ту доим рӯ ба рӯст,
Акси рангат сабт дар чашмони ӯст.

Аз ту рахшон аст ҳар ҷо нури барқ,
Аз ту пайванд аст хоки Ғарбу Шарқ.

Эй хати таърих, эй оби ҳаёт,
Ман шино кардам ба рӯи мавҷҳот.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хостам, як узви асҳобат шавам,
Ё ба арзиш қатраи обат шавам.

То ба баҳру абрҳо ҳамдам шавам,
Рӯи гулҳои Ватан шабнам шавам.

Ман дар оғӯши ту, чун моҳӣ дар об,
Ғарқи шодӣ будаму дар изтироб.

Дида ҳар ду соҳилатро бо ҳавас,
Мегирифтам аз ҳавои ту нафас.

Ду канорат сабзу хуррам дашт буд,
Бешаҳои боби сайругашт буд.

Шаҳр буду ГЭС-ҳои сарбаланд,
Мардуми дарьёдили бо кор банд.

Дар замини кишт — гандумзорҳо,
Дар миёни руд — моҳидорҳо...

Волга, Волга! Шӯҳрати подори рус,
Пурсаховат модари анҳори рус.

Бесабаб як номи ту Эдил набуд,
Шах шавад хуни бадан, гар дил набуд.

Қош, аз ин хислату атвори ту,
Бетамаъ, бе бори миннат кори ту

Худситоён дарс меомӯхтанд,
Кибри худро ҷоҳилон месӯхтанд.

Мешуд одат: дил ба дилбар бохтан,
Некиҳо карда дар об андохтан!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МОДАРИ ГУРҶӢ

Модари гурҷӣ, ба пеши пои ту
Қуллаи Қазбек сар хам мекунад.
Зӯри ту,
таърихи ту, симои ту
Эътиқоди нав ба дил зам мекунад.

Асрҳо чун посбон истодаӣ
Ту ба истиқлоли халқу кишварат.
Ханҷари тезе ба каф бинҳодаӣ,
Қосаи шарбат ба дасти дигарат.

Яъне ояд дӯст, шарбат нӯшад он,
Хайра мақдам,
нури дида, тоҷи сар.
Душман ояд бар талоши молу ҷон,
Чок гардад қалбаш аз теғи дубар!

Шодам аз он, ки ба уммеди зиёд
Муттаҳид гаштем дар як хонадон.
Ваҳдати мо меваҳои тоза дод,
Дӯстии халқҳо шуд ҷовидон.

Шодам аз он, ки зи ҷоми дӯстӣ
Гурҷию тоҷик шарбатнӯш шуд.
Ҷониби мақсад,
ба номи дӯстӣ
Аҳли меҳнат якдилу ҳамдӯш шуд.

Шодам аз он,
ки ба хотир нақш баст
Созу оҳанги ба дил часпони ту.
То абад дар назми шоир нақш баст
Меҳри оламгири фарзандони ту.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БА ЯНКА БРЫЛЬ

Як ҳафта дар диёри ту мо меҳмон шудем,
Дар Белоруссия — ватани ғолибон шудем,
Беш аз рафиқу дӯст ба ҳам меҳрубон шудем,
Будӣ ба мо ту раҳбалад, эй додари азиз!

Бо ифтихор нақл намудӣ зи кишварат,
Ояндаю гузаштаи халқи хунарварат,
Бишнида бас ҳикояту истода дар барат,
Мафтун шудам ба қудрати авлоди қаҳрамон!

Ҳар ҷо ба рӯи мо дари дилҳо кушода буд,
Дар чашмҳо муҳаббати ҷӯшон ифода буд,
Гулдастаю таронаю лутфи зиёда буд,
Эй дӯст, ин ба хотири ман нақш бастааст!

Аз Минскӣ сабзу хуррами зебо чу навбаҳор
Рафтем то ба қалъаи Бресті номдор.
Хуршед нурпошу ҳаво буд беғубор,
Шуд армуғон табиати тоҷик ба наҳри Буг.

Чӣ ранҷу чӣ ҷафо, ки надидаст ин замин,
Майдони ҳарбу зарби шадид аст ин замин,
Акнун чу офтоб падид аст ин замин
Бо зӯру бо шаҳомату бо ҳусни безавол!

Аз оташе, ки санг чу мум об-об шуд,
Бисьёр шаҳру деҳаю ҷангал хароб шуд,
Дилҳо зи доғҳои шаҳидон кабоб шуд,
Лек эътиқоди халқ ба нусрат амон бимонд.

Он нону он намак,
ки чашидам зи халқи ту,
Эъзозу хурмате, ки бидидам зи халқи ту,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ҳар арз аз вафо, ки шунидам зи халқи ту,
Қарзест. Қай зи ғардани худ соф мекунам?

Аз бахт, эй бародари ҷон, бениёз шав,
Масрури шодком зи умри дароз шав,
Бо мардуми кушодадилат сарфароз шав,
Чун қуллаҳои Помири пуршаъну эътибор.

Он аҳди дӯстӣ, ки бубастем, то абад
Моро ба сӯи орзӯҳо раҳнамо бувад.
Торафт реша рондаву сарсабз мешавад,
Чун нахли коҷу арча, ки бо ҳам шинондаем!

## ХОКИ МУҚАДДАС

Сутуни мармарӣ, қабри шаҳидон,
Гулу гулдастаҳо дар пояи он.

Либоси қабр байроқи сиёҳ аст,
На байрақ, дуди ҳузнангези оҳ аст.

Шабу рӯз аз даруни ин сағона
Ба берун мезанад оташ забона.

Ситодам ман дар ин ҷо бо сари хам,
Такопӯ дошт дил дар панҷаи ғам.

Дамодам бурда аз сар ақлу ҳушам,
Садо аз қабр меомад ба гӯшам.

Садои нолаҳои зор буд он,
Садои дарди ноҳинҷор буд он.

Суруди ҷонгудози мотаме буд,
Фиғону ҳасрати пӯр аз ғаме буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Садо мегуфт:— Эй оне, ки ҳастӣ,
Бутони зиндагиро мепарастӣ.

Даме бонги дуҳул хомӯш мекун,
Мунҷоти шаҳидон гӯш мекун.

Мисоли ту ҷавон будем мо ҳам,
Дар ин майдон равон будем мо ҳам.

Забони мо ҳавои гуфтугӯ дошт,
Дили мо аз дами хуш орзӯ дошт.

Зи тири хасм афтодем дар ҷанг,
Ватан гуфтему ҷон додем дар ҷанг.

Вуҷуди бетану ҷонем имрӯз,
Ба хоки тира яксонем имрӯз.

Суруди ғам садои манзили мост,
Ҳамин машъал зи гармии дили мост.

Аз ин рӯ, сӯи мо гоҳе гузар кун,
Ба ин хоку ба ин оташ назар кун.

Намон, к-ин фоҷиа такрор гардад,
Насиби халқ рӯзи тор гардад.

Намон, ки наслиг инсон дар ҷавонӣ
Кунад ин гуна тарки зиндагонӣ.

Намон, ки аждаҳои фитнаву ҷанг
Ба домони ҳаёт аз нав занад чанг!»

Чунин овоз омад аз дили қабр,
Ту гӯӣ, наъра мезад тундар аз абр.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ситодам то ба дере бо сари хам,
Такопу дошт дил дар панчаи ғам.

Дар ин ҷо шуҳрату шаъни абад буд,
Муқаддас хоки Сталинград буд.

* * *

Раҳо гардем то аз ғуссамандӣ,
Равон гаштем мо сӯи баландӣ.

Дар ин ҷо низ аз пайкор пай буд,
Пур аз афсона Қурғони Мамай буд.

Нишони ҳарбу зарбу захми пайкон
Намоён буд аз ҳар гӯшаи он.

Дару девори қурғон шоҳасар буд,
Асар аз қаҳрамонию зафар буд.

Аз он ту достони ҷанг хонӣ,
Тариқи ҷонситонӣ, ҷонфишонӣ.

Усули ҳифзи ҳар як хонаю дар,
Ҳимоят кардани маҳбуб кишвар.

Аёнам шуд, ки сарбози советӣ
Надорад мисл дар ҷуръат ба гетӣ.

Ба каф ҷонро ниҳода ҷанг мекард,
Паёпай ҳоли душман танг мекард.

Ба ҳифзи ҳар бинову ҳар хиёбон,
Ба оташ мезад он худро шитобон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Шиораш: фатҳ, ё қурбоншавӣ буд,
Дилаш садпораву рӯҳаш қавӣ буд.

Намегуфт ӯ дар он айёми маҳшар,
Ман аз ин шаҳру ту аз шаҳри дигар.

Ва ё — ман литвагию ӯзбакӣ ту,
Ва ё — ин ҷон диҳад бояд, на ки ту.

Ҳама миллат мисоли панҷ ангушт
Ба болои сари ағьёр шуд мушт.

Ба номи дӯстиву кишвари хеш
Заданд ӯрдуи малъунро пасу пеш.

Тани аз захмҳо абгор дидем,
Нигоҳи аз ғазаб хунбор дидем.

Хати каҷҷу килеби хашмгинро,
Васиятномаҳои вопасинро.

Якояк дида кохи ёдгорӣ,
Зи фӯлоду зи мармар кандакорӣ,

Мисоли зинда ҳайкалҳои чун кӯҳ,
Ватанпарвар далерони қавирӯҳ,

Китоби ҷанги бигзашта кушодем,
Ба меъмораш — Вучетич тан бидодем.

Зи аҳроми Хуфу ҳам зуртар ин,
Зи Эйфели Париж машҳуртар ин.

Дар ин ҷо шӯҳрату шаъни абад буд,
Муқаддас хоки Сталинград буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШОҲРОҲ

Як замон майдону конҳои Сибирь
Маҳбаси пурдаҳшати одам буданд,
Пуштаҳои Байкали дуру ҳақир
Гӯшаҳои хилвати олам буданд.

Мекашид ӯллос танҳо боди сард,
Мерасид овози тунди ваҳшиён.
Гушнагию бекасӣ, дурию дард
Буд насиби сокинони он макон.

Бин, чи сон бедор шуд аз хоби дер
Вусъатободи Ватан то Шарқи Дур.
Роҳи оҳан мекашад халқи далер,
Мешавад пайваст Байкал бо Амур.

Аз фарозу аз нишеби бешумор,
Аз миёни ҷангали касногузар,
Чун шуои офтоби шуълабор
Бигзарад ин шоҳроҳи пурзафар.

Бин, чи сон имрӯз инсони матин
Сӯи фардо мекушояд роҳи нав.
Мекунад буньёд дар рӯи Замин
Ҷаннати нав—
шаҳру манзилгоҳи нав.

## ВИЛЬНЮС

Омадам аз роҳи дур, эй кони дурр,
То бубинам чеҳраи шоди туро,
Боғу майдони гулободи туро,
Мардуми хушбахту озоди туро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Омадам ман аз Душанбеи ҷавон
Бо саломи кӯҳҳои сарбаланд,
Бо саломи водиҳои дилписанд,
Бо саломи тоҷики овозаманд.

Қаҳрабо аз шӯълаи хуршеди бахт
Суфтаву рахшандатар шуд ин замон.
Ҳусни ту чун партави тирукамон
Менамояд аз сари Боми Ҷаҳон.

Вильнюс,
эй шаҳри азизу номдор
Ту яке аз додарони Маскавӣ.
Дӯстии мо ки мегардад қавӣ,
Қадрдони тоҷикон ҳам мешавӣ.

Пойтахти Литваи соҳибҷамол,
Ман дар оғӯши ту ҷавлон мекунам,
Бӯсаҳо аз рӯи хандон мекунам,
Ҷони худ қурбони ҷонон мекунам.

## ЗИНДОНИ НӮҲУМ

Қаме берунтар аз шаҳри Қаунас
Бидидам ӯрдаи дерина маҳбас.

Тамоми гирду ҷониб қалъабандӣ,
Дараш дуқӯша, девораш дучандӣ.

Дарой, ҳуҷраю долони тангаш,
Туро гӯё ки мегирад ба чангаш.

Фароию барой зина-зина,
Нафас мепечад аз даҳшат ба сина.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Намеёбӣ дигар роҳи баромад,
Гумон созӣ, ки умрат бар сар омад.

Фашистонро буд ин зиндони нуҳум,
Ҷаҳаннамхонаи пинҳони нуҳум.

Замони ҷанг, даври истило буд,
Замини Балтика банди бало буд.

Чи аз наврас ҷавонон, чи зи пирон
Даруни қалъа пур шуд аз асирон.

Ҳама маҳкуми марги хеш будӣ,
Дили пурорзушон реш будӣ.

Гуноҳи он асирони забунбахт
Чӣ буд он солҳои тираю сахт?

Чаро ҷонро ба руи каф ниҳоданд?
Чӣ карданду ба ин зиндон фитоданд?

Гуноҳи он асирон буд нафрат,
Бале, нафрат ба хасми пуркасофат.

Ба яғмогар фашисти олмонӣ,
Ба душманҳои сулҳу зиндагонӣ.

«Намебинед аз мо нафъ» — гуфтанд,
«Шавед аз Литваи мо дафъ!» — гуфтанд.

Нашуд чун дафъ, ҳарбу зарб карданд,
Адуро пеш суи ғарб карданд.

Шуҷоатнок фарзандони кишвар,
Литовиҳои истиқлолпарвар,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Лак андар лак дар ин ҷо кушта гаштанд,
Аз онҳо гирди ӯрда пушта гаштанд.

Магар мо мекунем инро фаромӯш?
Ва ё бахшида мегардем хомӯш?

На, ин ҷо марқади ҷон асту хун аст,
Ба ҳар як истилоъ нафрат фузун аст.

Бияндешем тадбире, ки некӯст,
Зи озодипарастони ватандӯст.

Қасе минбаъд дар зиндон нашинад,
Даҳумашро дигар асло набинад!

*Январи соли 1970*

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## МЕҲРИ ОЗОРБОЙҶОН

### ШАҲРИ ҚАМОЛ

Аз чӣ бошад, ки бигӯянд аз қадим
Бокуро шаҳри шамол.
Лек ман додам ба ин шаҳри азим
Номи нав — шаҳри камол.

Бо дили худ машъале афрӯхтанд
Бисту шаш тан комиссар.
Дар ҳамин шаҳр аст ин машъал баланд.
Ҷовидонӣ шуълавар.

Шаҳр зебоясту дар авҷи камол
Чор сӯяш сохтмон.
Чун арӯси нав бувад соҳибҷамол
Раставу боғоти он.

Нур мепошад ба Шарқи адлҷӯ
Он зи Шарқи некном,
Нест ҳампо Басраву Теҳрон ба ӯ
Дар бузургию мақом.

Маркази санъат бувад ин боғшаҳр,
Маркази илму ҳунар,
Доман афшондаст дар оғӯши баҳр,
Соҳилорои Хазар.

Ман камолоти тамаддун дидаам
Дар гулу ғулзори он.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рамзи истиқболи коммун дидаам
Равшан аз рухсори он.

Аз чӣ бошад, ки бигӯянд аз қадим
Бокуро шаҳри шамол.
Лек ман додам ба ин шаҳри азим
Номи нав — шаҳри камол.

## ХАНДАИ ГУЛТАКИН

Хандаи Гултакин сироятнок
Ғулғуландозу завқбахшанда.
Сад қасам, сад қасам ба руҳи пок,
Ҳеҷ нашнидаам чунин ханда.

Хандае, ки ҳавои хуррами он
Бидиҳад бод хирмани ғамро,
Хандае, ки садои форами он
Умри дубора бахшад одамро.

Гултакин ҳар замон, ки механдад,
Гуиё як ба як расад ба назар:
Боғҳое, ки бор мебандад,
Мавҷҳои баланди баҳри Хазар.

Савти пуршури сурнаю дафу тор,
Ишқи пинҳону рози ногуфта.
Чаҳ-чаҳи булбулони боғи баҳор,
Ҷилваи ғунчаҳои нашкуфта.

Сарвати ин диёри гавҳаррез,
Кӯҳсорону чашмаи шаффоф.
Пахтазорони водии зархез,
Моҳи пурнуру осмони соф.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хандаи Гултакин баланд-баланд
Мерасад завқбахшу муждарасон.
Духтари озарӣ хушу хурсанд
Мекунад кори мулки ҷонҷон.

Мисли ҳамшираҳои тоҷики худ
Вай ҳам имрӯз пахта мечинад.
Ҷониби зиндагонии масъуд
Роҳи худро сафед мебинад.

Шодмонӣ ба ғайри меҳнат нест
Дӯстонро дар ин замонаи сулҳ.
Хандаро ҳеҷ ҷои ҳайрат нест,
Хандаи духтарон нишонаи сулҳ.

## МАНОРАҲО

Бешае дидам, ки буд он сохта,
Аз даруни баҳр қад афрохта.

Аввало гуфтам, ки ин чӣ чораест,
Балки ин хоки дигар сайёраест?

Аз чӣ ин ҷангал бувад бе шоху барг?
Ё ки афшондаст баргашро тагарг?

Баъд равшан шуд, ки сирраш дар куҷост,
Ин аҷоиб беша дар ин ҷо чарост.

Ҳар дарахти он — манори оҳанин
Мебаровардаст равған аз замин.

Бо қубур он нафт мегардад равон
Рӯзу шаб бар хизмати меҳнаткашон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо саноатҳои беҳамтои худ,
Бо масолеҳи ниҳоят бои худ

Дар замини Обшӯрон Сумгаит
Мисли додархонди Боку қад кашид.

Ман бидидам зумраи равғанкашон,
Бохтам дилро ба ҷидду ҷаҳдашон.

Нафтро аз чоҳ афзун мекашанд,
Лаълро аз санг берун мекашанд.

Мешинонанд аз манори оҳанин
Бешаҳои нав ба нав дар ин замин.

Боз ҳам то ин ки Озарбойҷон
Гардад ободу тавоно дар ҷаҳон...

Бешае дидам, ки буд он сохта,
Аз даруни баҳр қад афрохта.

Ҳар «дарахт»-и он — манори оҳанин
Мебарорад равған аз мағзи замин.

## ХОНАИ НАЗАРНОГИР

Нуха шаҳрест қадиму машҳур,
Ифтихори ҳамаи кафказиён.
Роҳи он дур,
валекин маъмур,
Мо бигаштем ба он ҷо меҳмон.

Дошт ин шаҳр намуди идӣ,
Гулу гулдаста ба сар меборид,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ба ҳама рӯй фараҳ медидӣ,
Аз ҳама чашм шарар меборид.

Лекин аз хотираҳои ин шаҳр
Монд дар лавҳи дилам нақши чуқур,
На тамошои шаби соҳили наҳр,
На хиёбони зи одамҳо пур,

На зиёфат, ки бидоданд ба мо
Он қадар бо ҳашаму шоҳона,
На саёҳат, ки бигардид ба по
Ба яке қалъачаи вайрона,

На зали комбинати абрешим,
Ки ба як қасри тамаддун монанд,
На ҳикоёт зи даврони қадим,
Ки ба таърихи ҷаҳон шуд пайванд,—

Ҷалб бинмуд ба худ диққатамон
Ҳавлии хурди назарногире,
Биниҳодем қадам бо ҳаяҷон,
Истодем дар он ҷо дере:

Дар ҳамин хона ба дунё омад
Писари содиқу арзандаи Шарқ,
Фикри ӯ мӯъҷизаосо омад,
Нур пошид аз он ҷо чун барқ.

Ин писар сохта аз хома ҳаданг
Бехато зад ба дили хасми башар.
Дар ҷавонӣ зи ҳамин хонаи танг
Мавҷ зад ғайрати вай мисли Хазар.

Он макone, ки зиёрат кардем,
Ҳавлии Фатҳалӣ Охундов буд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сарӣ таъзим фуруд овардем
Ба ҳамин ҳавличаи рангкабуд.

Аз ҳамин ҷо бинамудаст тулӯъ
Тоза назми адаби озариён
Нуха шаҳрест кунун аз ин рӯ
Ифтихори ҳамаи ховариён.

## ҚИШТИЕ ДАР РӮИ МАВҶ

Дар лаби Қаспӣ бинишастем мо,
Ҳазлкунон шарт бубастем мо.

Ҳар кӣ диҳад сахт ҳаво сангро,
Мебарад он коньяки гулрангро.

Мавҷи баланде ба назар мерасид,
Бахр чу симоб ба худ метапид.

Аз нафаси бод ба шӯр омада,
Чун дили ошиқ ба сурур омада,

Бӯса ҳамезад зи лаби соҳилаш,
Фахркунон аз амалу манзилаш.

Кӯшиши худро бифузудем мо,
Сангчапартоӣ намудем мо.

Саъи ману ҷӯраи ман авҷ дошт,
Бахр ҳамон пурғалаён мавҷ дошт.

Ҷалб ба он диққати моён бишуд,
Қиштие аз дур намоён бишуд.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дӯстам — Ориф ба ман онро нишон
Доду бигуфто,
ки нигар, ҷӯраҷон,

Киштии моҳиталабон дар шиност,
Ҷандалаи ҳайати он фахри мост.

Сайди вай имрӯз фаровон шудаст,
Неъмати пурлаззати моён шудаст.

Баъди шароб ар ту биҳоҳӣ сурур,
Моҳии бирьёни сиролуда хӯр.

Баҳри Хазар махзани пурмоҳияст,
Неъмати ин ганҷ ба мо роҳияст.

Завраќу киштии маҳидори мо,
Сайдкунон,
рӯзу шаб андар шино.

Мардуми он шердил асту ҳузарб
Бо хатари мавҷ кунад ҳарбузарб,

То ки шикораш нанамояд барор,
Ҳеҷ наояд ба қариби канор,..

Нақли рафиқам ба дилам кард асар,
Чашм намекандам аз оби Хазар.

Мавҷ ҳанӯз аз паси ҳам медавид,
Баҳр чу симоб ба худ метапид.

Киштии моҳиталабон рӯи мавҷ
Сайдкунон буд шиновар ба авҷ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШИНОСИ НАВ

Маро дар ҳотели «Боку»
Шиноси тоза пайдо шуд.
Сулаймон буд номи ӯ,
Ки ҷо дар ҳуҷраи мо шуд.
— Шуморо, тоҷиконро, ман
Ниҳоят дӯст медорам,—
Бигуфту то дами хуфтан
Нашуд аз ман ҷудо як дам.

Будаст ӯ сокини Кӯкчай,
Ҳамин рӯз омадаст ин ҷо,
Аҷоиб буд ҷавоне вай,
Ки раҳ меёфт бар дилҳо.
Сухан меронд табъи кас,
Рафиқи меҳрубоне буд.
Ҳақиқӣ одаме, хуллас,
Ки озарбойҷонӣ буд.
Чу фаҳмид ин, ки боре ҳам
Нарафтастам ба сайри шаб,
Ниҳода даст бар китфам,
Бигуфт: «Оё ҳамин ҳам гап?
Шаби ин шаҳрро ҳар кас
Набинад, мехурад афсӯс
Биё, дигар нишастан бас,
Бароему ҳаёт омӯз».
Чунин гуфту Сулаймон худ,
Кашид оҳиста аз дастам.
Яке таксӣ киро бинмуд.
Чӣ чора? Рафта биншастам.
Мани меҳмон, вайи мизбон
Ба сайри шаб равон гаштем.
Тамошо карда, дар як он
Зи чандин кӯча бигзаштем.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зи истиқболи шаҳри худ
Сулаймон нақлҳо мекард,
Тамошою чароғон буд
Ба ҳар ҷое, ки меовард.
— Душанбеи шумо зебо,
Валекин Боку зеботар.
Дуи ин шаҳри мо гӯё
Ба ҳам хурду калон додар.
Биё, мо рафта мебинем
Акнун боғи Кировро.
Даме нӯшида,
мешинем
Дар айвончаи боло.
Машина бо раҳи асфальт
Рӯболо шитобон шуд.
Аҷоиб манзари хубе
Ба чашми мо намоён шуд.
Ман аз боло назар кардам,
Замин баҳри чароғон буд.
Зи бандар киштиҳо ҳар дам
Ба ҳар ҷониб шитобон буд.
Ба рӯ мезад шамоли баҳр
Ҳур-ҳур бо фароҳмандӣ.
Намеғунҷид дар курта
Сулаймон ҳам зи хурсандӣ,
Ки сайри ин шаби зебо
Ба меҳмонаш писанд омад,
Гирифта завқи дуболо,
Ба илҳоми баланд омад.
Дили моро ба ҷӯш овард
Нуқли хубу ҷоми май,
Паёпай нағмаҳо мекард
Сетору дафу сурнай.
Тамошои шаби Боку
Дилу ҷонро фароғат шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамон шаб дар ҳақиқат ҳам
Аҷоиб як саёҳат шуд.
Сулаймони ватанпарвар
Зи мулкаш ифтихоре дошт,
Вагарна бо мани навошно
Он ҷо чӣ коре дошт?
Ба озарбойҷониҳо
Шудам бори дигар мафтун.
Рафоқат, дӯстӣ он ҷо
Будаст олитарин қонун.

## ШАРОБИ ШАМОХӢ

Азизам, ту бераҳмию дилфарохӣ,
Ба ошиқ макун ин қадар густохӣ.
Биё, ҳар ду нӯшем аз ҷоми шохӣ
Шароби Шамохӣ,
Шароби Шамохӣ.

Биёвардам онро ман аз кишвари дур,
Намоям ба ту то, ки чун туҳфа манзур.
Матарс, эй паричеҳра, ин оби ангур—
Шароби Шамохӣ,
Шароби Шамохӣ.

Дар он ҷо саросар бувад токзорон,
Бичинанд ҳосил аз он гулъузорон,
Диҳад лаззати бемисоле ба ёрон
Шароби Шамохӣ,
Шароби Шамохӣ.

Худат гӯй, ҷонам, ки оби бақо чист?
Чӣ хел аст базми висолу сафо чист?
Ба ин дардманди муҳаббат даво чист?
Шароби Шамохӣ,
Шароби Шамохӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бинӯшидӣ? Аҳсан! Кунун дар барам шин,
Шудам сархушу маст, эй ҷони ширин,
Намедонам аз лаъли ту, ё ки аз ин
Шароби Шамохӣ,
Шароби Шамохӣ.

Даҳони сурохии он танг будаст,
Ба мисли лабони ту гулранг будаст,
Аҷаб нармсози дили санг будаст
Шароби Шамохӣ,
Шароби Шамохӣ.

Ташаккур ба деҳқони гулдасти озар,
Расондаст сад нуқли ширин зи шаккар.
Бинӯшанд аз ӯ дӯстдорони кишвар
Шароби Шамохӣ,
Шароби Шамохӣ.

## САҒ УЛИН

Дар қафои кӯҳи Қофу баҳри шӯр
Сарзамине ҳаст монанди биҳишт.
Дидам онрову ба илҳому сурур
Дод дил фармон, ки мебояд навишт.

Ман навиштам мӯъҷизоти ин диёр,
Лек тасвирам зи хирман хӯшаест.
Ин чунон бошад, ки дар фасли баҳор
Бӯстонро, боғро як гӯшаест.

Эй замини поки Озарбойҷон,
Як бародар Тоҷикистонро туӣ,
Аз ҳама мадҳияҳои шоирон
Дар ҳақиқат чанд сар боло туӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман бидидам сарзамини муқтадир,
Баҳру шаҳру кӯҳу саҳрои туро.
Дидам авлоди Низомии кабир—
Халқи озоду тавонои туро.

Дидаму шуд шавқу илҳомам фузун,
Гаштаю баргашта хондам офарин.
Рӯи дил бинҳода дастамро кунун
Боз мегӯям ба халқат: Сағ улин!

## БА ПАХТАКОРИ ӮЗБЕК

Бародар — пахтакори Ӯзбекистон,
Вафо кардӣ, вафо бар аҳду паймон.

Фузуда шӯҳрату овозаи ту,
Хабар омад зи фатҳи тозаи ту.

Хабар омад, ки бо ҳимматбаландӣ,
Намудӣ туҳфаи оламписанде.

Хабар омад, ки саъю ғайрати ту
Дурахшон кард меҳри давлати ту.

Хабар омад, ки бозӯи матинат
Фаровон ҳосиле дод аз заминат.

Ватанро пахтаи аъло супурдӣ,
На пахта, гавҳару тилло супурдӣ.

Ту боби нозу неъмат боз кардӣ,
Шуҷоат кардию эъҷоз кардӣ.

Ба ту, эй пахтакори Ӯзбекистон,
Ба ту, эй қаҳрамони давру даврон,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Салом аз кишвари тоҷик гӯем,
Ҳама аз ҷону дил табрик гӯем.

* * *

Дӯстон, қоил шудем аз коратон,
Бешикаст омад ба манзил боратон.

Пахтаи аъло супурдед он қадар,
Кӯҳи барфӣ ҳамсари хирворатон.

Соли некӯ аз баҳораш равшан аст,
Буд айни муддао шудгоратон.

Баъд аз он ҷангу ҷадал бо сел шуд,
Неш мезад киштаи такроратон.

Хуш расиду хуш ба бор омад ниҳол,
Гирдуғун шуд ҳосили бисьёратон.

Пахта дорад қимати тиллои асл,
Авҷ дорад з-ин сабаб бозоратон.

Дӯстони пахтакору пахтачин,
Кардаед исбот азму оратон.

Меҳнати ҳаққу ҳалолу пурсамар—
Ин бувад, танҳо ҳамин асроратон.

Мамлакат аз коратон шуд сарбаланд,
Партия гардид миннатдоратон.

Комьёбӣ, обрӯ, фатҳу зафар,
То ҷаҳон боқист, бодо ёратон!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БЕРДЙ-ОҒО

Бердй-оғо, мӯҳтарам устоди мо,
Восифи даврони навбуньёди мо.

Он чй бинвиштед аз таърихи халқ,
Умрҳо мемонад андар ёди мо.

Туркман дорад «Қадамҳои матин»,
Қори он шоистаи авлоди мо.

Шоҳиди меҳри шумо гардидааст,
Қарсаки пурмавҷу рӯи шоди мо.

Дар биёбон меканад ҷӯю канал,
Ваҳ чй ширин нияти Фарҳоди мо.

То ки доман паҳн созад бештар
Воҳаҳои хурраму ободи мо.

Сайди дилҳо кард дар реги равон,
Офарин бар хомаи сайёди мо.

Мешавад бо қиссаҳои ӯ баланд
Шӯҳрати халқи баистеъдоди мо,

Як чанори пир дар Фирӯза ҳаст
Рамзи умри боқии аҷдоди мо.

Мисли он устод пиранду бузург
Аз барои мардуми озоди мо.

Зинда медонам шуморо баҳри халқ,
Бердй-оғо,
мӯҳтарам устоди мо.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## РОЗИ НИҲОН

Дидам андар сарзамини туркман
Саҳнаоро духтарони симтан,
Дар муҳаббат ҳар яке ҷоне ба тан,
Дар ҳунармандӣ ҳама фахри ватан.

Рақси гулҳои чаманпардоз ин,
Чаҳ-чаҳи мурғони хушовоз ин.

Телпаки муинаи зебонамуд,
Куртаҳои сурху шалвори кабуд
Давр гардиду ба ҳам омехт зуд...
Чист,
    к-ин сон мекунад арзи вуҷуд?

Рақси чӯпонони калтакбоз ин,
Нағмаҳои шӯхи таблу соз ин.

Дидам анбӯҳе,
                ки завқаш беҳисоб,
Чун аланга медамиду мавҷи об.
Зери нури бедареғи офтоб
Ин чи сон ҷӯшу хурӯшу изтироб?

Рақси шаҳбозони як колхоз ин,
Дар талоши дилбари танноз ин.

Буд шаб дар Ишқободи накӯ,
Мевазид он дам насими мушкбӯ.
Бо кӣ вохӯрдем он ҷо ду ба ду?
Вай чиҳо гуфту чӣ гуфтам ман ба ӯ?

Шаммае аз олами эъҷоз ин,
Дар дили ман шуд ниҳонӣ роз ин.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШАБИ АРСЛОНБОБ

Шабе буд мисли афсона пурасрор,
Нишастам то саҳар бо бахти бедор.

Самову чатри кавкабҳои рахшон,
Замину қолини ҳулбӯю райҳон.

Ба як сӯ руди кӯҳӣ ғулғуландоз,
Диҳад аз сӯи дигар булбул овоз.

Надонистам куҷо ғарбу куҷо шарқ,
Намекардам шимолаш аз ҷануб фарқ.

Қамоли қуллаҳои кӯҳ дидам,
Ҷамоли ҷангали анбӯҳ дидам.

Дил аз ҳусни тавонбахшаш мунаввар,
Димоғ аз бӯи ҷонбахшаш муаттар.

Ҳама атроф зебою ҳуҷиста,
Дарахти чормағзу коҷу писта.

Миёни бӯстон буд чодари мо,
Ҳавои дӯстон буд дар сари мо.

Ба гирди хони пур аз нозу неъмат
Сухан мерафт аз меҳру садоқат.

Дар он маҷлис суруду рақсҳо шуд,
Дили тоҷику қирғиз ҳамсадо шуд.

Чӣ сон берун равад аз ёдам он шаб,
Ки ман ошиқ шудам,
дил додам он шаб.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бути қирғиз маро мафтуни худ кард,
Гирифтори рухи гулгуни худ кард.

Қимизи ғамбарораш нӯш кардам,
Навои қомусашро гӯш кардам.

Садо медод оҳанги Атой*
Зи шаҳди васлу аз доғи ҷудой...

Бидидам, ки ба ҳар ҷо ёварам ҳаст,
Аҷоиб ҷойҳо дар кишварам ҳаст.

Ба рӯям боби Арслонбоб боз аст,
Замини хурраму меҳмоннавоз аст.

## МЕҲМОНИ МАХАЧҚАЛЪА

Агар дар Махачқалъа меҳмон шавӣ ту,
Шарафманди дидори ёрон шавӣ ту,
Чу насли Қамолу чу авлоди Хайём
Ба сар тоҷи зар,
нури чашмон шавӣ ту,

Зи меҳмоннавозии ин родмардум,
Сарат мерасад то ба гардуни ҳафтум.
Ба завқу ба хурсандии ту баробар
Кунад мавҷи баҳри Хазар ҳам талотум.

Ба мо шаҳри Дарбанд дар боз мекард,
Деҳи Хунзах иди нав оғоз мекард.
Расул Ғамзат аз панди олии халқаш
Дар он ҷо на эҷод, эъҷоз мекард.

---

* Атой — бастакори машҳури қирғиз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сухан рафт аз сарвату ҳаққу ҳақдор,
Зи ҳусни базеби замини пурасрор.
Зи Шомил, ки ҷон дод дар ҳифзи номус,
Вале рӯҳи покаш ҳамеша баҷодор.

Фарозу нишеби чарогоҳи Матлас,
Шуда баъди борон ба монанди атлас.
Нишастем мо зодагони кӯҳистон
Ба зонуи як қуллаи осмонрас.

Нишастему дар дастҳо ҷоми шохии,
Дафу най садо дод бо савти таҳсин.
Бихондем дар ҳаққи ҷавлони товус,
Сурудем дар васфи парвози шоҳин.

Ҳамон ҷашн гӯӣ ки аҳди наве буд,
Шафақро зи қавси кузаҳ партаве буд.
Авар ё ки тоҷик, рус ё ки черкас,
Шиори ҳама дӯстии қавӣ буд.

Махачқалъа, эй қалъаи қаҳрамонӣ,
Ҳамеша ҷавон монию шод монӣ.
Зи Боми ҷаҳон бишнав акси садоят,
Ки бо туст паймони мо ҷовидонӣ.

## НОҚИС НЕ!

Шаҳри зебои қароқалпоқро
Аз чӣ бошад, ном Ноқис* додаанд.
Нуқси он дар чист гӯён кофтам,
Ҳуши ман бо ин муаммо буд банд.

---

* Қароқалпоқиҳо пойтахти худ — Нукусро «Ноқис» мегӯянд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сайр мекардам ба боғу растаҳо,
Қасрҳои нав қаторам мешуданд.
Бо рухи хандону дилҳои кушод
Марду занҳояш дучорам мешуданд.

Дар тамоми ин замини сахтгир
Ҷӯш мезад меҳнати илҳомбахш.
Мардуми он дур аз мо—тоҷикон,
Гарчи оби рудашон аз Панҷу Вахш.

Табъи онҳоро бағоят шуд писанд,
Нағмаву оҳангу сози тоҷикӣ.
Васфи сидқу дӯстиву иттиҳод
Шеър хондем аз баёзи тоҷикӣ.

Дод мизбон меҳмононро нишон
Ҷолиби диққат диёри хешро,
Аз музей-дирӯзи пур аз дарду ғам,
Аз ҳаёт-имрӯзи кори хешро.

Қад-қади маҷрои дарьёи Аму
Бандару дарғот барпо мекунанд,
Ногаҳон тӯфони регин ҳам шавад,
Киштирононаш чӣ парво мекунанд?

Пеш меронанд киштиро, ба пеш,
То ба манзил бурда ҳар як бори худ.
Чорводорон ба саҳро мераванд
Шодмону сарфароз аз кори худ.

Дидам он ҷо ман қарокӯли асил,
Тобише равшан зи тилло медиҳад.
Нозанинҳои ҷаҳонро ин матоъ
Беҳтар аз ҳар пӯст оро медиҳад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Беамон дорад ҳуҷум ғармову рег,
Роҳи онро танг кардан лозим аст,
Баҳри ҳар гектар замини киштукор
Бо биёбон ҷанг кардан лозим аст.

Дарривоҷи сохтмонҳои бузург
Дорад он мардум иродоти матин.
Хатти ёқути Бухорою Урал
Нақши худ бигзошт дар ин сарзамин.

Шаҳрҳояш, деҳаҳояш дар нумӯ,
Ҳар якеро файзу ҳусни дигар аст.
Истгоҳи барқпоши Тахьятош
Манбаи нуру сурури кишвар аст.

Моҳидорони Арал ҳам мавҷсон
То миёни баҳр ҷавлон мекунанд.
Тонна-тонна моҳиро бардошта,
Нозу неъматро фаровон мекунанд.

Халқи меҳнатдӯст дар пешин замон
Буд парешону ҳақиру мустаманд,
Баҳри қути лоямуте медавид
Чор сӯ, биншаста болои саманд.

Дорад он ҳарчанд таърихи қадим,
Дар назар акнун намояд навҷавон.
Бо кулоҳи сап-сафеди худ кунун
«Оқйулу оққалпоқ» аст он.

«Қирққиз»*—«Чилдухтарон» бо санъаташ
Халқро шодону мамнун мекунад,

---

* Номи яке аз ансамблҳои рақс ва суруди РАСС Қароқалпоқистон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Бо суруду рақсҳои дилпазир
Мухлисони хеш мафтун мекунад.

Аз ҳамон раққосаҳои моҳру
Қош, ман ҳам келине медоштам,
Хотири ин мардуми бо мо қарин
Нозҳои майда мебардоштам.

Одилона ҷумла қонунҳои бахт
Маҳкам андар он замин, маҳкум нест.
Мулк обод асту мардум шодмон,
Чист пас нуқсони он? Маълум нест!

## РАҚСИ ГУЛ

Одаме, ки ба дилаш азм кунад,
Дӯст ҷамъ овараду базм кунад,
Ҳар кӣ мусиқӣ навозад ҳам, лек
Рақсро духтари Хоразм кунад.

Рақсад ӯ, нозу адояш ширин,
Ҳаракатҳои баҷояш ширин.
Қитф ларзондаву ангушт зада,
Бо як абрӯй имояш ширин.

Алҳазар з-оташи чашми сияҳаш,
Сипаре нест ба теғи нигаҳаш.
Ҷилваи сарви равонаш бинӣ,
Қай ту берун шавӣ аз ҷилвагаҳаш?

Дам ба дам чашмасифат ҷӯшад ӯ,
Хоҳишаш, гуӣ, туро бусад ӯ.
Садқа гардиву ба сӯяш тозӣ,
Шарм медораду меҳӯсад ӯ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дили ту баста ба як шасти нигоҳ,
Мебарорад қадаматро аз роҳ.
Дигар аз ҷону ҷаҳон бехабарӣ,
Нашавад ҳарфи ту дигар ҷуз оҳ!

Лаби анҳору канори сада буд,
Сурнаю даф ба забон омада буд.
Дида ҳусну ҳунари он лӯъбат,
Мӯҳри ҳайрат ҳама бар лаб зада буд.

Қади раъно хушу раъно хушбӯй,
Гули садбарг ба ранги лабу рӯй,
Вай ба рақс омаду ман лол шудам,
Ҳамчу домоди наве дар шаби тӯй.

Бо ҳамон рақси пур аз ишваву фан,
Зинда шуд Хева зи таърихи куҳан.
Меҳри он мулк агар даркор аст,
Ҷустуҷӯяш бикунед аз дили ман.

Рақс не, мавҷи Амударьё буд,
Хирмани нур ҳаму боло буд.
Боғҳои пури гул дар атроф
Мушкборону нишотафзо буд.

Ин заминест ба монанди биҳишт,
Пури боғу каналу гулшану кишт.
Ибни Сино — касали ишқ он ҷо
Ёфт дармонашу «Қонун» бинавишт.

Бути Урганҷ гар оҳанг кунад,
Ба ту дуньёи васеъ танг кунад.
Об гардад дилат аз оташи ҳусн,
Оташу об ба ҳам ҷанг кунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ман ба Хоразм, ба он воҳаи хос
Дили худ бохта, бастам ихлос.
Ёди раққосаи шӯрангезаш,
Мекашам то ки нафас, дорам пос.

*Июни соли 1968*

## ДУ ДИЛ

Тоҷикистони мо бувад машҳур
Чун дили Осиё дар ин олам.
Бо дили Аврупо, ки хеле дур,
Низ ман рафтаву шинос шудам.

Будааст он диёру он манзил
Кишвари хуррами Маҷористон.
Кардам онро муқоиса дар дил
Бо сифатҳои мулки тоҷикон.

Ҳар ду дил майли зиндагӣ дорад,
Ҳар ду дил бо маром дар задан аст.
Ба ҷаҳон шодию сурур орад,
Ба ватандӯстони худ ватан аст.

Ҳар яке бо табиати зебо,
Бо тамаддуну илму иншоот,
Бо сафи наслҳои хубу шуҷоъ
Мекунад аз қадим арзи ҳаёт.

Ҳар ду дил мисли ҷони ширин аст,
Ҳар ду дил хуни гарм мебахшад.
Бо як оҳанги ҷӯр таъмин аст,
Бо як уммеду меҳр мерахшад.

Ҳар ду дил бебаҳо дуру ганҷе,
Ки ба рагҳои қитъаҳо пайванд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лек аз ҳар ҷиҳат агар санҷӣ,
Дили моро ҳарорат аст баланд.

## БАЙНИ ГУЛБОҒҲО

Байни гулбоғҳои хушманзар,
Дар бари деҳаҳои навбуньёд
Порае з-осмони нилуфар
Канда гардиду бар замин афтод.

Кӯл не, мӯъҷиза дар ин майдон
Асрҳои зиёд истодаст.
Ҷоми лабрези чашмасор аст он?
Ё Дунай як замон варо зодаст?

Субҳдам, ки ҳаво туманолуд,
Мезанад мисли баҳр мавҷи баланд
Менамояд ба чашм номаҳдуд,
Бо уфуқ аст доманаш пайванд.

Сайру гардиш дар он нишотангез,
Гарму сардии оби он форам.
Аз насимаш димоғ атромёз,
Шуълаи офтоби он форам.

Мо гузидем чанд гаҳ манзил,
Дар канораш, ки доимо шаффоф.
Оби он мебарад ғубор аз дил,
Рӯҳ меболад аз ҳавои соф.

Зери по реги нарм пойандоз,
Тозаму майли ошно бикунам.
Ку нигори маҷорӣ, ки ман боз
Ҳамраҳаш андаке шино бикунам?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба тароват, ба ҳусну беҳбудӣ
Чун биҳишт аст оғӯши Балатон.
Руди Варзоб агар намебудӣ,
Хаймаро мезадам ба соҳили он.

## ҲАДИСИ ШАРҚ

Халқи афғон, сар ба душман хам макун,
Хешро бо нокасон ҳамдам макун,
Боварӣ бар қавли ноодам макун,
Дил гирифтори шиканҷу ғам макун,
Шӯҳрататро паст дар олам макун,
Шаъни аҷдодони худро кам макун.

Асрҳо кӯшида будӣ мустақил,
Сарбаланду некному зиндадил.
Парчамат дар дасти гурдони асил,
Баҳри истиқболи некат мо кафил,
Халқи афғон, сар ба душман хам макун,
Шаъни аҷдодони худро кам макун.

Азм қатъӣ гардаду ваҳдат шавад,
Аҳли заҳмат соҳиби давлат шавад,
Корҳои хайр беминнат шавад,
Қисмати ҳамсояҳо ибрат шавад.
Халқи афғон сар ба душман хам макун,
Шаъни аҷдодони худро кам макун.

Зидди халқу кишвари худ бин, ки чун
Мезанад ҳар шаб шабехун хасми дун.
То ҳаёти нав шавад зеру забун,
Бо яроқи ғайр меҷангад кунун.
Халқи афғон, сар ба душман хам макун.
Шаъни аҷдодони худро кам макун.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кистанд он нукарони зархарид?
Бо киҳо ҳастанд дар гуфтушунид?
Аз чӣ машғуланд бо ҷанги шадид?
Бош зидди фитнагарҳо муттаҳид.
Халқи афғон, сар ба душман хам макун,
Шаъни аҷдодони худро кам макун.

Ғулғуле монанди раъду барқ кун,
Хасми қотилро ба селат ғарқ кун,
Инқилобатро ҳадиси Шарқ кун,
Дӯстро аз душмани худ фарқ кун.
Халқи афғон сар ба душман хам макун,
Шаъни аҷдодони худро кам макун.

Он, ки яғмо карда қуръон сӯхтаст,
Оташи кину қасос афрӯхтаст,
Сӯи ту чашми ҳасудаш дӯхтаст,
Ин сабақро аз киҳо омӯхтаст?
Халқи афғон, сар ба душман хам макун,
Шаъни аҷдодони худро кам макун.

Аз баҳораш равшан — ин соли накӯст,
Пуртароват боғҳои орзуст,
Равнақаш, ки муддаои ёру дӯст,
Сабзаву гулҳои он хушрангу бӯст,
Халқи афғон, сар ба душман хам макун,
Шӯҳрати деринаи худ кам макун.

Гул кунад то Қобули доимбаҳор,
Мужда ояд аз Ҳироту Қандаҳор,
Зиндагии хуб гардад барқарор,
Чунки мемонӣ ту соҳибихтиёр.
Халқи афғон,
сар ба душман хам макун,
Шаъни аҷдодони худро кам макун.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамчу рустамзодаҳои паҳлавон
Ҳарбу зарбат достон шуд дар ҷаҳон,
Боз хоҳӣ дод ҷуръатҳо нишон,
Боз хоҳӣ монд озоду амон,
Халқи афғон, сар ба душман хам макун,
Шӯҳрати деринаи худ кам макун.

*Июли соли 1980*

## ДУХТАРИ ВЬЕТНАМӢ

Менамуд аз шолизорон
Духтаре саргарми кораш.
Сураташ чун қуи зебо
Дар муҳити обдораш.
Чеҳра гулгун, ғайрат афзун,
Равнақи кишвар шиораш,
Ғарқи нури хеш мекард
Офтоби навбаҳораш.
Ду нафар он лаҳза буданд
Дар сари роҳ интизораш.
Модари бо ҷон баробар,
Ҳам ҷавони дӯстдораш.
Он, ки буд омода доим,
То кунад ҷонро нисораш.
В-он, ки шодон омад имрӯз
Бо бисоти тӯи ёраш.

Ногаҳон калхоти оҳан
Чун бало болои сар шуд,
Аз ғиреви даҳшатангез
Гӯшҳо гӯё ки кар шуд.
Бомбае таркиду мазраъ
Ҳар тараф зеру забар шуд.
Пораи сӯзони маъдан
Духтаракро дар ҷигар шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Олами аз дуд тира
Пеши чашмаш тиратар шуд.
Воҳ гӯён чун бияфтод,
Дигар аз худ бехабар шуд.
Ғунчаи боғи ҷавонӣ
Чок-чок аз қадду бар шуд.
Бо бисоти туй домод
Бар арӯсаш навҳагар шуд.

Мисли ӯ қурбонӣ афзун,
Хунашон дар гардани кист?
Бо чунин яғмою куштор
Муддаои қотилон чист?
Сулҳхоҳу ҷангҷӯро
Банни инсон нағз донист,
Ҷангҷӯю фитнахоҳе
Бештар аз янкиҳо нест!
Вьетнами имрӯза гӯё
Сарҳади сулҳи ҷаҳонист,
Мардуми ин кишвари пир
Дар талоши зиндагонист.
Нафрату қаҳру қасоси
Халқ дар оташфишонист,
Назди он, чун кафки собун
Нақшаҳои хасм фонист!

## МЕҲМОНИ НОХОНДА

Писари Вьетнамаму
шаъну шараф дорам ман,
Ба ҳама анъанаи халқ
тарафдорам ман.
Меҳмондӯстӣ —
аз одати деринаи мост,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Меҳмон ҳар чӣ талаб мекунад,
албатта, равост.
Ба ягон ҳавлӣ агар
омада монад меҳмон,
Мешавад хурду калон
аз паи хурсандии он.
Тоҷи сар гуфта,
барандаш ба даруни хона,
Шамъи дил хонда,
бигарданд ҳама парвона.
Дар бисот он чӣ, ки доранд,
боранд ба хон,
Бе муҳобот, дили хеш
гузоранд ба хон.
Шодмон гаштаву
ҷавлон зада хизмат бикунанд,
Бештар аз падар ӯро ҳама
ҳурмат бикунанд.
Лек меҳмони ман ин дафъа
бишуд нохонда,
Янкие, ки бинишастаст,
ба хон по монда.
«Ман ба ту ҳомиям, эй мӯрча»,—
гӯён алҳол
Ҳамчу хирс омада
кардаст маконам ишғол.
«Хонаро тарк бикун»
гӯяд агар, ман чӣ кунам?
Дар ҷаҳон бе ватану
хонаю дар, ман чӣ кунам?
Баски з-ин нияти
«меҳмон»-и худ огаҳ шудаам,
Зидди ӯ хеста
сарбози мусаллаҳ шудаам.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қисми сеюм

# АЗ ДАФТАРИ ЛИРИКА



## МАВЗУИ ИШҚ

Шоиро, такрор кун мавзуи ишқ,
Қути нав гирад дилам аз буи ишқ,

То гурезам аз ҷафои рӯзгор,
Мешитобам бо садоқат сӯи ишқ.

Дарду ғамро ҳеҷ нанмояд писанд
Он, ки мемонад қадам дар кӯи ишқ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сер кай гардад димоғ аз бӯи гул?
Қай шавад ду чашм сер аз рӯи ишқ?

Кардам аз ин рӯ муҳаббат интихоб,
Гаштаам побанд дар ҷодуи ишқ.

Бас шаби ҳиҷрон, биё, эй маҳлиқо,
Бинамаш эъҷоз аз нирӯи ишқ.

Мондаам андешаҳоро дар канор,
Чунки шуд паҳлӯи ту паҳлӯи ишқ.

Гар бияфтам аз ниқори нокасон,
Боз бардорад маро бозуи ишқ.

Дидам ин сайёраро бо чашми дил,
Ҷо шудаст он дар хами абрӯи ишқ.

## ИМОН ХОҲАМ

Ҷонам ки бувад, ҳамеша ҷонон хоҳам,
Бо васли хушаш ба дард дармон хоҳам.

Аз абрӯи ӯ ба қасди дил қӯшакамон,
В-аз мижаи ӯ ба сина пайкон хоҳам.

Ин тиру камон, ки нархи қимат дорад,
Нақди дилу ҷони хеш арзон хоҳам.

Акнун, ки саманди ғайратам ҷавмаст аст,
Майдони фарох баҳри ҷавлон хоҳам.

Ин дар ғами мансаб асту он дар ғами мол,
Аз даҳр на ин хоҳаму на он хоҳам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хоҳам, ки бувад луқмаи ман ҳаққу ҳалол,
Дар ҳар амалу кори худ имон хоҳам.

## АНГУБИН

### 1

Қош, як шаб он гули раъно ба ман меҳмон шавад,
Рангу бӯяш марҳами ҷон, нури ду чашмон шавад.

Ошиқу маъшуқаро як шаб беҳ аз соли дароз,
Як шабе, ки хубтар аз умри ҷовидон шавад.

Қоматаш сарви хиромонест дар боғи мурод,
Чеҳрааш моҳе, ки аз кӯҳи ғамам тобон шавад.

Қаҳр созад, мефарояд рӯзи мушкил бар сарам,
Илтифоте гар намояд, мушкилам осон шавад.

Офаридгор ин муҳити хуш ба мо кардаст ато.
Қорҳо бояд кунун аз рӯи амри он шавад.

Ангубин дигар нагардад бо гузашти рӯзгор,
Гавҳар оё бо мурури солҳо вайрон шавад?

Орзу дорам, ки аз лаъли лабаш гирам газак,
Мон, ки ин ҷони ғарибам садқаи ҷонон шавад.

### 2

Моҳи нав дар осмони бахти ман тобон шавад,
Дидаҳои интизори ман ба сӯи он шавад.

Илтифоте нест аз вай, ҳоли зори ман хароб,
Қош боре марҳамат бинмудаву меҳмон шавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо умеди субҳи содиқ мениишинам музтариб,
Войн он кас, ки гирифтори шаби ҳиҷрон шавад.

Ҳушу ёди ман ба ӯву ҳушу ёди ӯ ба ғайр,
Ман намедонам, ки ин мушкил чӣ хел осон шавад.

Нест ҷуръат, ки кушоям рози дилро ошкор,
Нест тоқат,
ки даме аз чашми ман пинҳон шавад.

## Ё БИСӮЗУ Ё БИСОЗ

Меравию мебарӣ сабру қарори ёри худ,
Мекунӣ тафсонтар аз ин нархи худ, бозори худ.

Ё бисӯзу ё бисоз,
ин гуна нимбисмил намон,
Омада бояд расонӣ то ба охир кори худ.

Бигзарӣ бо сарви болою гузорӣ зери ғам,
Қомати манро дуто кардӣ ба зери бори худ.

Сарпаноҳам нест ғайр аз васли ту, эй шоҳи ҳусн,
Бандаи худро марон бар кӯча аз дарбори худ.

Рафт азбаски табиби ишқу илҳомам зи бар,
Нола дорам то саҳар аз дарди ноҳинҷори худ.

Ҳусни рӯяш,
бӯи мӯяш кай равад аз ёди ман?
Акс созам рангу бӯяшро ба ҳар ашъори худ.

Ӯ диламро бурд бо як хандаю чашмакзанӣ,
Ман ба ӯ мебахшам акнун ҷони миннатдори худ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ХУШ ОМАД

Ачаб кори табиат ибратомӯз,
Ба амри он баробар шуд шабу рӯз.
Баҳор омад-хушо, айёми фирӯз,
Муборак Иди Наврӯз!

Гулистон тозаю тар шуд зи борон,
Бихандид офтоб аз талъати он,
Бароед, эй азизонам, ба майдон.
Муборак Иди Наврӯз!

Зи гармӣ наҳрҳо омад ба ғулғул,
Бидод оро заминро сабзаву гул.
Бихонад гӯиё аз боғ булбул:
Муборак Иди Наврӯз!

Зи шодӣ дидаи наргис хумор аст,
Дили лола зи ишқаш доғдор аст,
Баҳор асту баҳор асту баҳор аст,
Муборак Иди Наврӯз!

Биё, ҷонам, ба сайри кӯҳу саҳро,
Чӣ сон атроф зебою тамошо,
Ба хубӣ дил рабояд кишвари мо,
Муборак Иди Наврӯз!

Баҳор омад, баҳор омад, хуш омад,
Насими мушкбор омад, хуш омад,
Замони киштукор омад, хуш омад,
Муборак Иди Наврӯз!

## ИЗҲОРИ САДОҚАТ

Ҳар кас ба доми ишқ гирифтор мешавад,
Алҳақ, асиру шефтаи ёр мешавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Доим шаби муҳаббату рӯзи висолро
Бо нархи ҷони хеш харидор мешавад.
Ёр аҳл бошаду шарафи ишқ бардавом,
Боғоти орзӯ гулу гулзор мешавад.
Ҷоно, ту бо ман астию ман шодмон аз ин,
З-ин рӯ ба ту садоқатам изҳор мешавад.
Пасту баланду печ ба печ аст роҳи умр,
Бе ту қадам ниҳам, магар ин кор мешавад?
Ой шабона бо рухи чун маҳ ба манзилам,
Гӯё ки офтоб падидор мешавад.
Бо меҳри ошиқона Баҳорӣ қалам кашад,
Беихтиёр номи ту такрор мешавад.

## ИНТИХОБИ ДИЛ

Ту имрӯз, эй нигор, аз назди минбар
Гузаштӣ шоду хуррам уррагӯён,
Вале симои ту, меҳри ту дигар
Нахоҳад рафт аз мағзи дилу ҷон.

Намедонам, ки ҳоло дар куҷоӣ,
Куҷо биншаста мехонӣ тарона?
Вале ҳис мекунам, ки месароӣ
Ба мисли ман суруди ошиқона.

Фаромад оби барф аз кӯҳсорон,
Ба монанди дилам дарьё хурӯшид.
Шукуфта лолаи дашту гули боғ
Табиат ҳам либоси идӣ пӯшид.

Чӣ бок, ошиқ шудам, дил бой додам,
Ба ту, эй дилбари шармини ширин.
Насими субҳдам ҳарчанд форам,
Нигоҳе гар кунӣ, форамтар аз ин.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Агар гӯям, ки ту меҳри дилафрӯз,
Маро мебахшӣ, эй ҷоно, нигоро.
Ман аз номи ту ҳам... нӯшидам имрӯз,
Шуд аз ин балки розам ошкоро?

Вале ҳаргиз нахоҳам шуд пушаймон
Ман аз ин интихобу хоҳиши дил,
Маю ҷононаю фатҳу баҳорон,
Ба ҳам зебанд дар ин гуна манзил!

## ФАСЛИ МУҲАББАТ

Баҳор омад, ҷаҳон аз нав тарабнок,
Дамид аз нав гулу себарга аз хок,

Хурӯшон чашмаи аз об лабрез,
Шукуфон табъи мурғони саҳархез.

Бубин ороиши кӯҳу даманро,
Либоси ранғаи боғу чаманро.

Замин маъвои нуру осмон ҳам,
Табиат пурсуруру одамон ҳам,

Биё, ҷоно, ба ту ман лола бахшам,
Нишон аз меҳри чандинсола бахшам.

Дили лола агарчи доғдор аст,
Дили ҳассоси ошиқ беғубор аст.

Дили ошиқ пур аз шавқу умед аст,
Фараҳбахшанда, мисли рӯзи ид аст.

Қабутар нома дар минқор дорад,
Навоҳо булбул аз гулзор дорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Биё, ман ҳам гапи бисьёр дорам,
Чу булбул нолаҳои зӯр дорам.

Раҳи васлат аҷаб пурпечутоб аст,
Сабоҳи иди ман бе ту сароб аст.

Биё, ки вақти сайругашт омад,
Насими рӯҳбахш аз дашт омад.

Гирифта дасти ҳам, акнун бароем,
Суруди меҳри дилҳоро сароем.

Равему бо ҳабибон дар саф истем,
Ливои арғувонӣ дар каф, истем.

Диҳем аҳди қавии худ намоиш,
Кунем ишқи бузурги худ ситоиш,

Ба ҷо орем шукри ин замонро,
Ҳаёти хуррами насли ҷавонро!

## МЕҲРИ РӮЗГОР

Шукр мегӯям, ки ёри ман туӣ,
Меҳри гарми рӯзгори ман туӣ.

Иштибоҳе гар кунам, бахшандаӣ,
Рӯзи сахтам дар канори ман туӣ.

Ҳар куҷое, ки равам, то бозгашт
Бо садоқат интизори ман туӣ.

Шод оям, ғунчаи хандон шавӣ,
Ғамгин оям, ғамгусори ман туӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Садқаи аҳду вафои ту манам,
Қадрдони кору бори ман туӣ.

Моҳу кавкаб назди
ту пинҳон шаванд,
Офтоби шуълабори ман туӣ.

Зинда кай монад Баҳори бе баҳор!
Гулшани доимбаҳори ман туӣ.

## МАЪНОИ ҲАЁТ

Меҳрубонам, ғамбарорам, ҷонакам,
Қош боре мешудӣ меҳмонакам.

Дарди ман зӯр асту ҳоли ман хароб,
Нест ғайр аз васли ту дармонакам.

Ишқи худро як ба як гӯям, шунав,
Лутф фармову бишин дар ёнакам.

Бӯсам аз зулфони анбарпоши ту,
Бӯсаму аз дил равад армонакам.

Қай шаби моро мунаввар мекунӣ
Бо рухи ҳамчун маҳи тобонакам?

Ашкбор аст ин ду чашми интизор
Бе тамошои гули хандонакам.

Чист, мегуфтанд, маънои ҳаёт?
Будааст он васли ту,
эй ҷонакам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## НАВНИҲОЛ

Эй навниҳоли гулбасар,
В-эй сарви боғи орзӯ,
Савти диламро гӯш кун,
Чанде сухан дорам ба ту.

Содиқ шуда бар аҳди худ,
Аз лутфу эҳсон кам нашав.
Ҳар сӯ вазон гардад шамол,
Даррав ҳамон сӯ хам нашав.

Бишнида таърифи рақиб,
Аз худ нарав,
шодӣ макун.
Шамшоди тӯфондидаро
Даъвои устодӣ макун.

Ҳоло ниҳоли наврасӣ,
Ҳоло тамоман ту ҷавон.
Суду зиён аз чист-фаҳм,
Кӣ душману кӣ дӯст-дон!

Реша давон дар хоки адл,
Озод бошу устувор,
То шаъни ту гардад баланду
Меваҳоят шаҳдбор.

## БОРЕ БИЁ

Ман чеҳраи туро, ёр,
То кай ба хоб бинам?
Боре биё, ки бедор
Он обутоб бинам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Дар ишқ роҳате ҳаст,
Базму фароғате ҳаст.
Аммо ман аз ту доим
Ранҷу азоб бинам.

Белаъли майгун акнун
Гардидааст дил хун.
Ҳар гаҳ диҳам саволе,
Аз ту хитоб бинам.

Гар илтифотат ин аст,
Қорат итобу кин аст,
Ин гунбади фалакро
Ҳамчун хубоб бинам.

Ояд ба сар ҷавонӣ—
Шодоби зиндагонӣ,
Абьёти орзуро
Рун китоб бинам.

Ман чеҳраи туро, ёр,
То кай ба хоб бинам?
Боре биё,
ки бедор
Он обутоб бинам.

## ТУИ ИДОНА

Шаби ялдо гузашту рӯ ба
хуршед
Замини мо шудаст аз нав
шитобон,
Ба ҷашни Соли Нав пайваста
омад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чи хуш тӯи шумо, эй нав—
арӯсон!
Агарчи барф меборад ба
кӯҳсор,
Зимистон ҳукм меронад ба
берун,
Баҳори пурсафо доред дар
дил,
Мисоли арча сарсабзеду
гулгун.
Агар аз оташи ишқу садоқат
Дили одам ҳамеша гарм
бошад,
Ба мардум ғайрати ӯ нафъ
бахшад,
Ба кишвар матлаби ӯ нур
пошад.
Ба боғи зиндагӣ ду
навниҳолед,
Қи ширин мева з-ин
пайванд хоҳем,
Ба Соли нав фаровонӣ,
амонӣ,
Саодат бар ҳама фарзанд
хоҳем.
Ба домоду арӯс аҳсанту табрик
Бигӯему гулу гулдаста орем,
Зимистон асту табъи мо
шукуфон,
Дар оғӯши баҳори рӯзгорем.

## ШӮХИ ГУЛАНДОМ

Ин рӯзу шаб, эй шӯхи гуландом, кучой?
Ду дидаи чорам ба дару бом, кучой?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Маҷрӯҳ шуд аз тири муҳаббат дили ошиқ,
Бояд, ки диҳӣ кори худ анҷом, куҷоӣ?

Аз ҳаҷри ту он бесару сомону гумонбар,
Бо васли ту он мешавад ором, куҷоӣ?

Дар боғи баҳорам ҳама омодаи базм аст,
Эй маъракаорои дилором, куҷоӣ?

Хоҳам, ки ба комам расад аз меваи пухта,
Бе маслиҳатат нақшаи ман хом, куҷоӣ?

Лабрез шуд аз ғам дили хунини ман, эй маст,
Аз баҳри ту пурбода бувад ҷом, куҷоӣ?

Аз холи лабат гардаму аз кокули пурпеч,
Ман моили ин донаву он дом, куҷоӣ?

Танҳо зи ту дорад гила бечора Баҳорӣ,
Эй чораи ин ошиқи айём, куҷоӣ?

## ХАБАР КУН, ЭЙ САБО

Хабар кун, эй сабо, он нозанинро,
Ки ёдаш бурд аз ман ақлу динро.

Дучорам ояд ӯ дар гӯшаи боғ,—
Ман аз тақдир мехоҳам ҳаминро.

Ниҳолаш то бубахшад бори сероб,
Фишонидам арақҳои ҷабинро.

Ба умед омадам, эй хирмани гул,
Марон аз бӯстонат хӯшачинро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба кунҷи ду лабат холи сиёҳ аст,
Чашад ин гуна занбӯр ангубинро.

Ман аз гирди ту дур асло нагардам,
Бале, Хуршед медорад Заминро.

Бути тоҷик, тасвири ҷамолат
Ба ҳайрат оварад наққоши Чинро.

Намеояд ба дасте ганҷи беранҷ,
Мубориз бошу барзан остинро.

Табиат сайд дорад, дом дорад,
Қамандаш баркану бишкан каминро.

## ҲАҶРИ ЁР

Додаст табиат, ки ба ман пои равонро,
Бинам ҳама пастиву баландии ҷаҳонро.

Дар Шарқи куҳан будаму дар Ғарби навовар,
Омӯхтам асрори заминрову замонро.

Қадри Ватани хеш бифаҳманд ғарибон,
Донанд шикамгурснаҳо қимати нонро.

Ҳаҷрат, ки кунун бори гарон аст ба дӯшам,
Бардор ту аз дӯши ман ин бори гаронро.

Бозори муҳаббат ҳама доройи ман бурд,
Савдозада кай фарқ кунад суду зиёнро?

Хоҳам, ки бибӯсам зи ҳамон абруву мижгон,
Сайёд ба сайдаш бидиҳад тиру камонро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шояд шавам озод зи ишканчи фироқат,
Бо васли ту хомӯш намоям ҳаячонро.

## ДАСТУРЕ НАВИС

Шоиро, бар ошиқи дилдода дастуре навис,
Чораи наздикии маъшуқаи дуре навис.

Мондаам дар кулбаи тор аз фироқаш хору зор,
Қай дурахшон мешавад аз равзанам нуре, навис.

Дил самандарвор руи оташ афтодаст, бин,
Аз тапиданҳои ноорому ночӯре, навис.

Қош, бар бемори ҳичронаш каме шафқат кунад,
Дар шаби пурғам паёми рӯзи масруре навис.

То ба ёд орам чамоли ёри бепарвои худ,
Васфи лаъли шаҳдбору чашми маҳмуре навис.

Фитнаҳо дорад рақиби кӯри худ бинои кас,
Сӯхтанҳои ду чашми аз ҳасад кӯре навис.

То гузар созад нигори мо ҳам аз куи вафо,
Илтимос, аз номи ман як номаи зӯре навис.

## СУРАТИ ДЕВОР

Дилаке дораму дилдорам ҳаст,
Васфи дилдору дил ашъорам ҳаст.

Дилу дилдор зи ман дур шуданд,
Чашми чору тани афгорам ҳаст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сари ман з-ин мағал аз савдо пур,
Қадаҳи чаппаи саршорам ҳаст.

Роҳзан молу зарамро дуздид,
Молу зар несту бозорам ҳаст.

Ҳама шаб аз аламу дарди фироқ
Нолаи то ба саҳар зорам ҳаст.

Гули ман сарви равонест, ки рафт!
Булбули хастаю ночорам ҳаст.

Мушкил он аст, ки дар боғи ҳаёт
Бо гули зинда сарукорам ҳаст.

Гули зинда дилу ҷонам, ки рабуд,
Пайкаре-сурати деворам ҳаст.

## АРОЗ

Гуфтам, ки ту ҷафокор
Намеҳрубону айёр.
Гуфтӣ: чунин ки бошам,
Аз чӣ шудӣ талабгор?

Ваҳ-ваҳ чӣ ноз кардӣ,
Аз ман ароз кардӣ.

Аз бозуят ба сӯям
Кашида, бӯса гӯям,
Оҳистакак задӣ ту
Бо кокулат ба рӯям.

Ваҳ-ваҳ чӣ ноз кардӣ,
Аз ман ароз кардӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Гуфтам: ба ҳар баҳона
Аз ман шавӣ равона.
Гуфтӣ: чунин ки бошад,
Дигар наё ба хона.

Ваҳ-ваҳ чӣ ноз кардӣ,
Аз ман ароз кардӣ.

Гуфтам, ки дод аз ишқ,
Ранҷи зиёд аз ишқ,
Қалби ту ҳам, худоё,
Озурда бод аз ишқ!

Ваҳ-ваҳ чӣ ноз кардӣ,
Аз ман ароз кардӣ.

## ИЛТИМОС

Шодам, ки ман дар олам
чун ту шинос дорам.
Паймони бастаи худ
ҳар лаҳза пос дорам.

Ин рӯзу шаб зи ман дур,
ошуфтаиву ранҷур.
Аҳволи бедилонро
аз худ қиёс дорам.

Моро рақиби бадбин
дорад хусумату кин,
Аз кори он суханчин
хавфу ҳарос дорам.

Ӯро махон ту довар,
ӯро макун ту бовар,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳушьёру мустақил бош—
ии илтимос дорам.

Аз як ситезан ту
дар доми ғам фитодам,
Бо як нигоҳи гармат
роҳи халос дорам.

Ҷоно, ситеза бас кун,
раҳме ба ҳоли кас кун.
Бар васли меҳри софат
чандин асос дорам.

Эй хуш гуле, ки во шуд,
бо рангу буи махсус.
Ман ҳам ба боғи тасвир
услуби хос дорам.

## ЭЪТИҚОД

Ҷони худ қурбони ҷонон мекунам,
Қорро аз руи виҷдон мекунам.
Баски дорам дар дили худ эътиқод,
Ҳар чӣ фармояд дилам, он мекунам.
Амри бисьёру қарори бешумор
Таҳ намуда, мушкил осон мекунам.
Эй рақиб, худро ба нодонӣ назан,
Ҷавр ман бо ҷони нодон мекунам.
Ному мансабро ба мансабдӯстон,
Чун гадоро чаққа, эҳсон мекунам,
Туҳфаи ман ҳурмати заҳматкаш аст,
То тавонам, хизмати он мекунам.
Халқ медонад абири мушки ман,
Гарчи саҳми хеш пинҳон мекунам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лозим ояд теғи урьён мешавам,
Ҳамчу раъду барқ туғьён мекунам.

## ШАРҲИ ДИЛ

Дили ман гар дилороме намедошт,
Қарору сабру ороме намедошт.
Ба боғи зиндагӣ меҳре намебаст,
Ба кори худ саранҷоме намедошт.
Фараҳмандии худ ифшо намекард,
Зи шавқи ишқ пайғоме намедошт.
Миёни мардуми соҳибирода
Тани гарму накӯ номе намедошт,
Чӣ суд аз умр будӣ, гар дили кас
Ба меҳнат рағбати томе намедошт?
Ва ё ҳамроҳи дилбар сӯи мақсуд
Шуҷоатнок икдоме намедошт?
Баҳорӣ шарҳи дил асло намекард,
Дар ин бобат гар илҳоме намедошт.

## ФАСЛИ БАҲОР

Зимистон рафту дар боғи Ватан фасли баҳор акнун,
Ба мо саҳрои сабзоғӯши гулпӯш интизор акнун.
Саҳаргоҳон шунидам булбуле бо ғунчае мегуфт:
Табассум кун, ки шабнам шуст аз рӯят ғубор акнун.
Сабо бозида бо гулҳо абири тоза меорад,
Чаман аз шӯълаи хуршед пурнақшу нигор акнун.
Суруданҳои мурғон мерасад чун савти мусиқӣ,
Аҷаб хушманзар аст аз байни гулҳо обшор акнун.
Нафас гирем аз боди баҳори кишвари тоҷик,
Замин ронем бар нафъи Ватан бо ифтихор акнун,
Биё мутриб, ту ҳам шодона, иди киштукор ин ҷост,
Ғазалҳои Баҳорӣ хону зан чангу дутор акнун.

*Апрели соли 1948*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

# МОҲИ КӮҲИСТОН

*Суруд*

Эй санами ҷонии ман,
Моҳи кӯҳистонии ман.
Васфи ҷамоли хуши туст,
Шеъру ғазалхонии ман.

Моҳи кӯҳистонии ман,
Ёри дилу ҷонии ман.

Чеҳраи туст дилфиреб,
Қомати туст саҳназеб,
Ҷилва намой мисли гул,
Садқа шавам чу андалеб.

Моҳи кӯҳистонии ман,
Ёри дилу ҷонии ман.

Нашъунамои ту хуш аст,
Қадди расои ту хуш аст,
Ғамзакунон ба сӯи ман
Нозу адои ту хуш аст,

Моҳи кӯҳистонии ман,
Ёри дилу ҷонии ман.

Фасли баҳор омадаст,
Давраи кор омадаст.
Фораму шӯх аз чаман
Савти ҳазор омадаст.

Моҳи кӯҳистонии ман,
Ёри дилу ҷонии ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Шуд Ватанам макони сулҳ,
Мову ту посбони сулҳ.
Рақс куну тарона хон
Дар сифати замони сулҳ,

Моҳи кӯҳистонии ман,
Ёри дилу ҷонии ман.

## ЛУТФ ФАРМО

Чу мешуд, лутф фармоӣ,
Қадам монӣ ба даргоҳам,
Диламро шод бинмоӣ,
Шавӣ аз ҳолам огоҳам.

Аз он рӯзе ки истодам,
Ба рӯят дида бикшодам,
Ба роҳи ишқат афтодам,
Намегардам ман аз роҳам.

Дар ин даврони некӯям,
Ки обод аст ҳар сӯям,
Мудом ишқи ту меҷӯям,
Фақат васли ту мехоҳам.

Гулистон мешавад кӯям,
Шукуфон мешавад рӯям,
Агар ой ба паҳлӯям,
В-агар бошӣ ту ҳамроҳам.

## БАР ҶОНАМ ЗАНӢ

Роҳи ман аз кӯи ту афтод, бар ҷонам занӣ,
Дидани рӯят насибам бод, бар ҷонам занӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо умеди васлат, эй ҷонон, ба парвоз омадам,
Пас, умедамро мадеҳ барбод, бар ҷонам занӣ.
Шухчашму зиндадил, марғуламўю кордон—
Чун ту духтар модаре кай зод, бар ҷонам занӣ?
Кардай дилро шикор, эй шўх, бо тири нигоҳ,
Чашми фаттони ту шуд сайёд, бар ҷонам занӣ.
Ҳусни ту аз чашмаи меҳнат тароват ёфта,
Эй гули ин боғи навбуньёд, бар ҷонам занӣ.
Пилла рўёнди фаровон баҳри халқу мамлакат,
Ту ба касбу кори худ устод, бар ҷонам занӣ.
Бар тамоми кишвари мо паҳн шуд, мисли насим,
Шуҳратат аз Қомсомолобод, бар ҷонам занӣ.

*Комсомолобод, 19 январи соли 1962*

## НИГОРИ ХАТКАШОН

Биёр аз дўстон мактуб,
Хабарҳои хушу марғуб.
Саломи нав, паёми нав,
Газета, журнал аз Маскав.
Ба роҳат чашмдорам ман,
Ба васлат интизорам ман,

Нигори хаткашони ман,
Нигори хаткашони ман.

Ба китфат сумка овезон,
Рухат монанди гул хандон.
Ҳама хешу табори ту,
Чи сон нағз эътибори ту,
Ба наздам як нафас биншин,
Забонат ин қадар ширин,

Нигори хаткашони ман,
Нигори хаткашони ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хусусан ҳавлии моро
Ба хотир нағз медорӣ,
Ба ман ҳар рӯзу ҳар ҳафта
Ту нав-нав мужда меорӣ,
Худат ҳам хатчас карда
Чӣ мешуд ин, ки биспорӣ?

Нигори хаткашони ман,
Нигори хаткашони ман.

## БАЪДИ БОРОН

Баъди борон буду саҳрои кушод,
Мо саёҳат доштем
Гӯиё дар мазраи дилҳои шод
Донаҳо мекоштем.

Буд монанди лабу руҳсори ту
Тозаю тар лолазор,
Рехт мисли зулфи қаҷчакдори ту
Мушку анбар навбаҳор.

Тохтӣ ногаҳ зи рӯи сабзаҳо,
Гардам аз нозиданат!
Ман давидам аз паят ҳамчун сабо,
То бигирам доманат.

Доманатро, эй парӣ, орам ба даст,
Гардад осон мушкилам.
Қатраи борон ба рӯи гул нишаст,
Оташи ту дар дилам.

Абр агар шуяд замину осмон,
Гул кунад кӯҳу даман,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лутфу эҳсони ту афзунтар аз он
Рӯҳ мебахшад ба ман.

Ҳам ҳавои тоза, ҳам дидори ёр
Бар ҳарифон орзуст.
Зиндагию нашъаи фасли баҳор,
Ҷони ман, дар ишқи туст!

## МУРОД АЗ ЗИНДАГӢ

Ба шӯр оям, бигӯянд аз ҷавонист,
Хамӯш истам, нишони нотавонист.
Чӣ эҳсосест дар мағзи дили ман,
Намефаҳманд,
ки рози ниҳонист.
Вале бахри чӣ пинҳон мешавӣ ту?
Магар он ваъдаҳо рӯизабонист?
Дилам безори қахру хашму истез,
Шиори ошиқон сулҳу амонист.
Сабо орад абири зулфи сунбул,
Зи боғи орзӯям муждагонист.
На ҷонон, ҷони ман ту ҳастию бас,
Шавам қурбони он, ки ёри ҷонист.
Мурод аз зиндагӣ гар ишқу кор аст,
Ягона мақсади ман зиндагонист.

## САБР КУН

Ба дилдор арзи дилдода табиист:
Азизам, сабр кун, боз андаке ист!

Агар ман бо туям, шабҳост кӯтоҳ,
Вале бе ту шабамро интиҳо нест.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба ҳар сурат надорам хобу ором,
Насиби ошиқон бедорхобист.

Нигар он Зуҳраи равшанҷабиниро,
Ки чашмак мезанад ин лаҳза беист,

Агарчи пок монд он покдоман.
Ба танҳоӣ вале чун метавон зист?!

Ба паҳлӯят набошад ёри дамсоз,
Намедонам, мурод аз зиндагӣ чист.

Ту ҳастиву дилам бо орзӯ пур,
Ту ҳастиву дилам аз ғусса холист.

Тулӯи офтоби рӯзи навро
Ба ҳам бинем, ҷонам, андаке ист.

---

## ТАБИБИ МАН

*Суруд*

Ҳамшираи шафқат,
Эй духтари ғамхор,
Рафтию шудам ман
Аз ҳаҷри ту бемор.

Аз дарди муҳаббат
Бесабру қарорам,
Ҳамшираи шафқат,
Боз о ба канорам.

Эй табиби ман,
Дилфиреби ман,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ту ҳузури ҷон,
Ту ҳабиби ман!

Боз о, ки ҷамолат
Армони дили ман,
Биншин, ки висолат
Дармони дили ман.

Бо ҳар каси ранҷур
Устоди наҷотӣ,
Аммо ба ман акнун
Ту оби ҳаётӣ.

Эй давои ман,
Маҳлиқои ман.
Меҳри гарми ту
Муддаои ман!

## ҚАШИДА РӮЗ ДОМАНАШ...

Кашида рӯз доманаш, баногаҳе шабона шуд,
Дилам тапиду пои ман ба кӯи ту равона шуд.
Дарат задам баромадию гуфтӣ ту «хуш омадӣ»,
Китоби Саъдии бузург ба воҳӯрӣ баҳона шуд.
Надода бой сирри дил, хамӯш будӣ он нафас,
Ду рӯи сурхгаштаат зи шӯри дил нишона шуд.
Ишора кардам, аз паям баромадӣ ба пушти дар,
Ба кокулони анбари ту панҷаҳом шона шуд.
Лабони ту, забони ту, сари дилу миёни ту
Ба боғи ҳусн ҳар яке анори дона-дона шуд.
Дар он диле ки ишқ ҳаст, ба кина роҳ бастааст,
Ба ишқи безаволи ту дили ман ошьёна шуд,
Матарс, эй рамандаам, аз он шабу аз он висол,
Нагуфтаам ба ҳеҷ кас, фақат ҳамин тарона шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ИШҚИ МАНУ ТУ

Эй дилбари ман, ба тӯи колхоз
Рафтию маро хабар накардӣ.
Беҳуда шудам ман интизорат
Аз кӯчаи мо гузар накардӣ.

Ту духтараки баобрӯӣ,
Ҳам пешқадам ба кори колхоз,
З-он аст,
ки ман муҳаббатамро
Бо меҳри фузун намудам огоз.

Бастем ниҳонӣ аҳду паймон
Мо соли гузашта вақти хирман.
Аммо ту ҳануз байни мардум
Мешармию мегурезӣ аз ман.

То кай нафишонад ишқи ду дил
Дар боғ абири анбаринаш?
Бигзор, намояд ошкоро
Хуршед ҷамоли нозанинаш!

Бигзор, сабо барин шавад паҳн,
Ишқи дили покро сароем,
Аз бозуи ҳамдигар гирифта,
Ҳамроҳ ба ҳар куҷо бароем.

Бе ман ту марав ба тӯи колхоз,
Гар мешумарӣ маро рафиқат.
Ҷонам, ту наранҷ аз гапи ман,
Берун нашудам ман аз ҳақиқат.

Ошиқ ҳама дам дар ишқи маҳбуб
Дил бохта, ташнаи висол аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамроҳи ту зиндагӣ ба ман хуб,
Бе руи туам вале маҳол аст.

*Июни соли 1950*

## ҲАМДАРД ДАРКОР

Ба ман ҳамшаҳр не, ҳамдард даркор,
Висоли моҳи танҳогард даркор.
Ба ин хел ошиқи бесабру ором
Чунин маъшуқаи хунсард даркор.

Чунон бори ғамаш вазнину раҳ дур,
Ба бурдан чун камина мард даркор.
Ғам оварду нишот оварду уммед,
Маро ҳар чӣ ки ӯ овард, даркор.

Ҷазое ки ба ман ӯ дод, лозим,
Ҷафое ки ба ман ӯ кард, даркор.
Ба мижгони ду чашми интизорам
Кунун аз хоки пояш гард даркор.

Барои зеби паҳлуи гули сурх
Гуле, мисли рухи ман зард даркор.
Напурсам «аз куҷо», гӯям, ки чунӣ,
Ба ман ҳамшаҳр не, ҳамдард даркор.

## ГУЛИ МАН

Гули ман, аз паси булбул ту чиҳо мегӯӣ?
Қиссаи тоза ва ё он чӣ ба мо мегӯӣ?
Ту ба аҳли чаман аз хизмату андешаи мо,
Ман шунидам, ки суханҳои хато мегӯӣ.
Дар назар арз намоӣ, ки вафодорам ту,
Мо набошем, надоранд вафо мегӯӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бош ҳушьёр ту аз фитнаи чуғзони лаин,
Барад аз боғ ҳар он чӣ ба сабо мегӯӣ.
Гул малеҳ асту маҳин асту надорад тагу рӯ,
Қай ба муштоқи худ аз будагиҳо мегӯӣ?
Ҳар чӣ гӯӣ, ба ту ихлоси дилам афзун аст,
Дорам уммед, ки охир ту «биё» мегӯӣ.
Хуб омӯхта иншои Баҳорӣ, рӯзе
Дилу ҷонам ба вафои ту фидо мегӯӣ.

## ИН ҲАМ ҲИКМАТЕ

Орзу дорам, ки бо ту вохурам дар хилвате,
Ошкоро ишқи худ гӯям, намоям сӯҳбате.
Баҳра гирам як нафас аз давлати дидори ту,
Нест аз дидори ту беҳтар ба ошиқ давлате.
Ончунон лаъли лабони ту базебу дилфиреб,
Чист аз лаъли ту ширинтар ба олам шарбате?
Байни зулфони сиёҳат,
вах чӣ хуш, рӯи сафед,
Моҳи том ин сон надорад дар дили шаб талъате.
Бе висоли ту ба ман даркор не умри дароз,
Беҳтараш, ки ҳамраҳи ту бошаму он фурсате.
То ба ин дам шуд дучорам маҳҷабини бешумор,
Ман валекин мисли ту ҳаргиз надидам лӯъбате.
Хикмате гӯяд ба кас: ширинтарин ҷон асту бас,
Ман туро ширинтар аз ҷон гуфтам, ин ҳам ҳикмате.

## БӮСТОНЕ, КИ НАДОРАД ДӮСТОН...

Бӯстоне, ки надорад дӯстон,
Шавқу илҳоме намебахшад ба дил.
Ғуи гул бе рӯи ёри меҳрубон
Лаззати томе намебахшад ба дил.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар лаби оби равони ҷӯйбор,
Дар миёни сабзаҳон кап-кабуд
Меннишинам ман... ҳазину беқарор
Аз фироқи ёри бепарвои худ.

Навиниҳолеро бубинам, ҳар замон
Қомати ӯ ёд меояд маро.
Бишнавам чаҳчаҳзании булбулон,
Суҳбати ӯ ёд меояд маро.

Чашмам афтад бар гули сурхи чаман,
Лаъли ширинаш ба хотир мерасад.
Бар машом ояд агар бӯи суман,
Зулфи мушкинаш ба хотир мерасад.

Шӯълапошӣ мекунад бар рӯи ман
Моҳи танҳо ҳам зи авҷи осмон.
Ӯ наход, ин ки наёяд сӯи ман,
Бе висолаш умри ман гардад хазон?

Чор сӯ дорад аҷоиб манзара,
Рӯди шӯху боғҳои хушнамуд.
Лек ман бе ӯ миёни ин дара
Зиқ шудам. Маҳзунам аз аҳволи худ.

Бӯстоне, ки надорад дӯстон,
Шавқу илҳоме намебахшад ба дил.
Рӯи гул бе рӯи ёри меҳрубон
Лаззати томе намебахшад ба дил.

## ИЛҲОМ

Баҳор омад, аз илҳомаш сароям достонамро,
Замини сабзапӯшамро, нигори меҳрубонамро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Димоғи ман муаттар шуд зи бӯи сунбулу райҳон,
Аҷаб зеби чаман мебинам он сарви равонамро.
Нигоро, ошиқат мебошаму ин ошкоро шуд,
Сабо дуздида рафт аз дил кунун рози ниҳонамро.
Гули садбарг садпора шавад, чун созӣ наззора,
Зи ҳусни худ мунаввар мекунӣ боғи замонамро.
Ҳаёти кӯтаҳи раъно зи рашки рангу бӯят шуд,
Макун заҳри сабукдилҳо шароби арғувонамро.
Чӣ хушбахтам, ки дар оғуши ин гулзор мегардам,
Ситоиш карда бо дилбар баҳори бехазонамро.
Шукуфон боду хуррам то абад ин мулки амният,
Зи номаш лаззати шаккар бувад тарзи баёнамро.

## ҚИССАИ ДУШВОР

Эй азизам, дилбарам, ҷонони ман,
Бастаи зулфат дили ҳайрони ман.
Қай ту, охир, мешавӣ меҳмони ман?
Сӯи ту чашмони ман.

Қай ба охир мерасонӣ кори худ?
Мешавӣ дар ихтиёри ёри худ?
Ман ба кӣ хонам кунун ашъори худ,
Қиссаи душвори худ?

Қиссаи ишқи ману ту беҳисоб,
Аз ту бепарвоию аз ман азоб,
Мегузорӣ илтимосам беҷавоб.
То ба кай нозу итоб?

Қай вафои аҳду паймон мекунӣ,
Қай ба ошиқ лутфу эҳсон мекунӣ?
Бо рухат шомам дурахшон мекунӣ,
Дил чароғон мекунӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БА ВАСФИ ТУ

Ҳамин қадар ба васфат, эй санам, ғазал сурудаам,
Ғами дили фигорро ба ту баён намудаам.

Ҳамеша аз табассумат чаман-чаман шукуфтаам,
Китоби ишқи хешро варақ-варақ кушудаам.

Зи остони кӯи ман ба рӯзҳо гузар кунӣ,
Ба нақши пойҳои ту шабона чашм судаам.

Агарчи аз ҷафои ту шумори умр кам шудаст,
Ба васли ҷонфизои ту умеди худ фузудаам.

Наход пай намебарӣ, ки ин туӣ, бале туӣ!
Ягон нафас, ки фориғ аз хаёли ту набудаам.

Лабони холдори ту чаро итоб мекунанд?
Магӯй кори беҳуда муҳаббати баҳудаам.

Чу хуш, агар ба бар шавӣ,
зи рози ман хабар шавӣ,
Умеди туст дар дилам — аҷаб бабахт будаам.

## КОШКИ

Мерасидам дар хаёлат кошки,
Боз медидам ҷамолат кошки.
Боз мекардӣ ишорат сӯи мо
Бо ду абрӯи ҳилолат кошки.
Даст бар зулфони мушкинат занам,
З-ин намеомад малолат кошки.
Мегирифтам баҳри тасвири ҳаёт
Нусхае аз ҳатту холат кошки.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ҷон ба лаб омад, кунун оби бақо
Бахшӣ аз ҷоми висолат кошки.
Чун ҳазор аз нав ба чаҳ-чаҳ сар кунад
Ошиқи аз ғусса лолат кошки.
Бо навозиш як табассум менамуд
Ҷониби мо ҳам адолат кошки.

## НОМАИ ОШИҚ

Ин номаи ошиқона, эй дӯст,
Бо номи ту шуд равона, эй дӯст.

Дерест, ки тири чашми шӯхат
Дорад ба дилам нишона, эй дӯст.

Фармудаӣ, дур-дур бинем...
Ин гап магар ошиқона, эй дӯст?

Аз ҳаҷри рухат дар изтиробам,
Беҳуда макун баҳона, эй дӯст.

Ҳаргиз нашикаст орзӯям
Аз суҳбати ғоибона, эй дӯст.

Хоҳам, ки ба рӯи ман биханди,
Меҳрам бизанад забона, эй дӯст.

Хоҳам, ки ҳамеша бошӣ дар бар,
Хонем ба ҳам тарона, эй дӯст.

## ДИЛИ БЕҚАРОР

Сарви чамани замонаӣ ту,
Насли ватани ягонаӣ ту.
Бо даъвати дилбаронаи ту,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман омадаам ба хонаи ту,
Эй шӯх, куҷо равонаӣ ту?

Дил садқаи қадди нозанинат,
Чашмони хумори тезбинат,
Зулфони сиёҳи анбаринат.

Ман омадаам ба хонаи ту,
Эй шӯх, куҷо равонаӣ ту?

Ҳар дафъа, ки фатҳи тоза созам,
Аз фабрика ҷониби ту тозам,
То нақл кунам тамоми розам,

Ман омадаам ба хонаи ту,
Эй шӯх, куҷо равонаӣ ту?

Умри гузаро, ки дар вафоист,
Ҳар лаҳзаи он гаронбаҳоист,
Даврони ҷавонӣ пурсафоист.

Ман омадаам ба хонаи ту,
Эй шӯх, куҷо равонаӣ ту?

Ҳарчанд, ки кору бор дорам,
Дар меҳнати худ барор дорам,
Бе ту дили беқарор дорам.

Ман омадаам ба хонаи ту,
Эй шӯх, куҷо равонаӣ ту?

Ин қадр назар накарда бар дар,
Як лаҳза агар нишинӣ дар бар,
Дил шиква насозад аз ту дигар.

Ман омадаам ба хонаи ту,
Эй шӯх, куҷо равонаӣ ту?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ИЛТИМОС АЗ БОҒБОН

Боғбон, гулдаста мехоҳад дилам,
Аз гули навраста мехоҳад дилам.
Рангу бӯяш мешавад пайванди ҷон,
Шодии пайваста мехоҳад дилам.
Хаставу бетобам аз ҳиҷрони ӯ,
Зулфи райҳонхаста мехоҳад дилам.
Аз даме ки ҳусни он барҷаста шуд,
Сӯҳбати барҷаста мехоҳад дилам.
Аз лабаш то орзӯям бишканад,
Пистаи нашкаста мехоҳад дилам.
Нест, гуфт,
аз ишқи мо роҳи халос,
Гулшани сарбаста мехоҳад дилам.
Дар баҳори умр аз боғи баҳор,
Боғбон,
гулдаста мехоҳад дилам.

## ҚАДИ ШАМШОДИ ТУ

Гарчи ту ёд зи боғам накунӣ,
Бӯи гулро ба димоғам накунӣ,
Набиёиву сурoғам накунӣ,

Наравад ёди ту ҳеҷ аз ёдам,
Қади шамшоди ту ҳеҷ аз ёдам.

Беҳтарин ёвару ёрам будӣ,
Марҳами ҷони фигорам будӣ,
Бахти бедори канорам будӣ,

Наравад ёди ту ҳеҷ аз ёдам,
Чеҳраи шоди ту ҳеҷ аз ёдам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лашкари ғам биситезад сӯям,
Сурати неки туро меҷӯям,
Бӯят аз чеҳраи гул мебӯям.

Наравад ёди ту ҳеҷ аз ёдам,
Ҳусни ободи ту ҳеҷ аз ёдам.

Пешпо хӯрдаму чун афтодам,
Ту намудӣ сари вақт имдодам,
З-ин сабаб ҳам ба ту ман дил додам.

Наравад ёди ту ҳеҷ аз ёдам,
Лутфу имдоди ту ҳеҷ аз ёдам.

Бе ту ҳам мекашам имрӯз нафас,
Лек дорам ба висоли ту ҳавас,
Аз раҳи ишқ намегардам пас.

Наравад ёди ту ҳеҷ аз ёдам,
Қади шамшоди ту ҳеҷ аз ёдам.

## СУРУР ДОРАМ

Эй ёри азизу номдорам,
Ишқи ту бувад барори корам.
Меҳрам ба ҳаёт зӯртар шуд,
Зеро ту ҳамеша дар канорам.
Ту ҳастиву ман суруд хонам,
Ту ҳастиву ман сурур дорам.
Мафтуни баҳору сабзаву гул,
Мамнуни ҳавои беғуборам.
Бовар бинамо, ки ҷовидонӣ,
Дар роҳи муҳаббат устуворам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар роҳи муҳаббату ҳақиқат
Ҷонам гарав аст, месупорам.
Монанди ту бо тамоми ҳастӣ
Дар хизмати мардуми диёрам.
Ин аст иродаи дили ман,
Асрори ниҳону ошкорам.
Аз дӯстии ту сарбаландам,
В-аз қисмати худ дар ифтихорам.

## АГАР ФАРОМӮШ НАМЕКАРДӢ

Гар намекардӣ фаромӯш аҳди худ,
Ҳоҷати арзу шикоят ҳам набуд.
Доманат, ки аз кафам барчидаӣ,
Мекунам аз нав ба ту арзи вуҷуд.

Ман намедонам, рақиби фитнагар
Аз чӣ медӯзад ба ман чашми ҳасуд.
Ғайри сидқу сабр чӣ дидӣ зи ман?
Гирумонат аз чӣ дигаргуна шуд?

Барфурӯзон оташи меҳрат ба дил,
То напечад оҳи ман монанди дуд.
Ранҷ аз шоми фироқат бешумор,
Эътиқод аммо ба васлат беҳудуд.

Нест чун ман ошиқе дар кӯи ту
Ростқавлу меҳрубону озмуд.
Орзу дорам, ки минбаъд, эй санам,
Вохӯрӣ бо қадрдонат зуд-зуд.

## МАҲ БАРОЯД

Маҳ барояд агар аз рӯй ба рӯям, чӣ шавад?
Фиканад як назари гарм ба сӯям, чӣ шавад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

То ба кай оташи ишқаш ба дилам пинҳон аст!
Ошкоро ба худаш рафта бигӯям, чӣ шавад?
Тарсам аз он, ки рақиб аз паи буҳтонбофист,
Баъди ин орзую кори накуям чӣ шавад?
Гар ниҳам по ба лаби вартаи навмедию яъс,
Дорам аз зулфи каҷи ғолиямӯям, чӣ шавад?
Ҳеҷ ҷо ҳеҷ гапе нест ҳанӯзу ғавғост,
Бо чунин арбадаҷӯён шаби тӯям чӣ шавад?
Истиҳола ба дилам зад, ба дилам сабр намонд,
Раваму посухи он моҳ биҷӯям, чӣ шавад?
Ман надонам, ки Баҳорӣ ба раҳи ишқу вафо
Оқибат ин ҳаракат, ин такупӯям чӣ шавад?

## САВДОИ ТУ

Боз чу савдои ту бар сар фитод,
Дар дили ман ҷой шуд ин эътиқод.
Ошиқи маъшуқаписанди бабахт
Он, ки ба навмедию ғам тан надод.
Он, ки ба боғи шарафу орзу
Хайма заду пайраҳаи нав кушод.
Он, ки расида бари дарьёи ризқ
Қард ҳазар аз пули муфт умрбод.
Ғурбати оне, ки ба халқаш кам аст,
Хизмати оне, ки ба мулкаш зиёд.
Ҳамдами ҷонон шуда то поси шаб,
Рафт ба кор он, ки зи нав бомдод.
Он, ки ниҳоят чу Баҳорӣ ба худ
Дарк намуд оқибати адлу дод.

## ГИЛА АЗ ДӮСТОН

Дӯстони меҳрубону қадрдон,
Хотири ин ҷони беминнат кунед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар Душанбе рангу коғаз будагист,
Ман хавотир ҳастам, охир, хат кунед!
Дар қафои баҳри Шуру кӯҳи Қоф
Буданамро лоақал ҳурмат кунед.
Он чӣ некӣ кардаам, ёд оваред,
Ҳар хато, ки сар зад аз ман, рад кунед.
Қарсак аз ду даст ҳосил мешавад,
Ман нависам бас магар? Навбат кунед.
Шавқи дидори шумо тобам рабуд,
Илтимос, андак аз он суҳбат кунед.
Боғи умр оҳиста мегардад хазон,
Хуб не, гар з-ин ҷиҳат ғафлат кунед...

*ш. Гагра*

бароИ мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## ТӮЁНА

*Бо оҳанги халқии «ёр-ёр»*

### ҲАНГОМИ ГУСЕЛИ АРӮС

«Як донаи мо ду дона шуд,
Ошиқи мо бегона шуд».

Сурма кашед ба мижгонаш,
Шона занед ба зулфонаш.

Духтар берун аз хона шуд,
Ҷон садқаи ҷонона шуд.

Рухсат диҳед, падарҷонаш,
Розӣ шавед, модарҷонаш.

Духтаратон келин шавад,
Зиндагияш ширин шавад.

Бахти ин нозанин тофта,
Номзадашро худаш ёфта.

Қор аз рӯи ихлос шудаст,
Дар фабрика шинос шудаст.

Имшаб шаби тӯю сурур,
Мо меравем ба роҳи дур.

Эй дилбари мумтози мо,
Огаҳ шавед аз рози мо.

Пурчин хами мӯи шумо,
Хандон гули рӯи шумо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хезед акнун мо интизор,
Кӯча равшан, «Волга» тайёр.

Аз саратон пул мечошем,
Ба роҳатон гул мепошем.

Ошиқатон беқарор аст,
Дар раҳатон интизор аст.

Хурду калон дорем умед,
Роҳи сафед, бахти сафед!

## ДАР РОҲИ ХОНАИ ДОМОД

Шӯхикунон

Шаб омаду маҳ баромад,
Мошина ба раҳ даромад.

Мошинаро оҳиста рон,
Модарарӯс дарди миён.

Роҳи келин роҳи асфальт,
Падарарӯс одами салт.

Шоду ғазалхон меравем,
Бо молу бо ҷон меравем.

Чашми арӯс гирьён будаст,
Аммо дилаш хандон будаст.

Бо бахташ мағрур нашавад,
Аз хешонаш дур нашавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хизматҳои базеб кунад,
Хонаю ҷош насиб кунад.

Домод уро маъкул донад,
Қадри гулро булбул донад.

## ТАРАФИ ДОМОД ВА ТАРАФИ ҚЕЛИН

Баҳскунон:

— Тобон баромад моҳи пур,
Омад арус аз роҳи дур.

— Имшаб шаби маҳтоб будаст,
Тарафи домод дар хоб будаст.

— Домод дараш боз мекунад,
Тарафи келин ноз мекунад.

— Мо омадем шоду хурсанд,
Тарафи домод ҳавобаланд.

— Ҳар кас дилашро соф кунад,
Тарафи келин инсоф кунад.

— Тарафи домод маъзур дорад,
Талаби худро манзур дорад.

— Писар омад аз аскарӣ,
Акнун даркор як гулпарӣ.

— Парии мо дилбар духтар,
Ҷонон духтар, чевар духтар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

— Домод ҷавони дилбаста,
Аз ЗАГС омад бо гулдаста.

— Қелин дорад ду рӯи сурх,
Мо омадем ба тӯи сурх.

— Эй гул чида, хуш омадед,
Нурӣ дида, хуш омадед!

## ҲАМА БАРОБАР МЕСАРОЯНД:

Гулҳои мо гулдаста шуд,
Ду дил ба ҳам пайваста шуд.

Модар набинад доғатон,
Гулҳо чинад аз боғатон.

Уммедатон иҷро шавад,
Толеатон боло шавад.

Модарҳоро ҳурмат кунед,
Бар мулки худ хизмат кунед.

## АЛЛАИ МОДАР

Зебои она, раънои она,
Дар олами ман моҳи ягона,
Акнун ту хомӯш, чашмони худ пӯш,
Ман алла гуфта, хонам тарона.
Аз ҳусни рӯят в-аз рашки мӯят
Оина ҳайрон, садпора шона.
Аз хоби ширин хезӣ агар бин,
Дар рӯи болин ангуштпона.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чашмаш зи ёқут, бандаш зарандуд,
Бахт оварад он чун дар фасона.
Гар по гузорӣ, дандон барорӣ,
Аз нав шавад туй бо ин баҳона.
Ҷонам, калон шав, ширинбаён шав,
Бо дӯстон шав мактаб равона.
Аз панҷу аз чор ту муждаҳо ор,
Бӯсам зи рӯят чун шодиёна.

* * *

Зебои она, раънои она,
Дар олами ман моҳи ягона.
Хоҳам, ки келин гардию лекин
Ҳамроҳи домод ой ба хона.
Дил мекушоӣ, ҷон мерабоӣ,
Ҳар гаҳ дароӣ аз остона.
Дар роҳи матлуб бо хизмати хуб
Меҳрат ба дилҳо бошад нишона.
Боғи баҳорат, шаҳру диёрат
Гардад зи корат фахри замона.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## РУБОИЁТ

1

Гуфтӣ: «Бинавис ҳар он чи дар дил дорӣ,
Аз чӣ ту шикояту чӣ мушкил дорӣ?»
Чуз ҳаҷри рухат шикояте нест ба дил,
Мушкил бувад он, ки аҳди ботил дорӣ.

2

Он рӯз,
ки бо рухат ту мотам кардӣ,
Лаззатбару сарҳуш аз ҳаётам кардӣ.
Ҷуз ақлу дилу ҷон ба бисотам, ки набуд,
Ту рафтиву ғорати бисотам кардӣ.

3

Уммеди висол агар тақозо бикунад,
Боз ин дили бечора шикебо бикунад.
Авсофи ту авроқи маро рангин сохт,
Шояд ки ҳамин майли ту эҳьё бикунад.

4

Ман ишқи туро ба хеш ҳомӣ донам,
Аз ҳар чизи ин ҷаҳон гиромӣ донам.
Ҳарчанд ки ғарқ пухтагӣ меваӣ ту,
Истезаю қаҳри ту зи хомӣ донам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

5

Домони сухан васеъ танг аст лабат,
З-ин аст, ки изҳор накардӣ талабат.
Эҳсоси дили туро худам сабт кунам,
Осуда бубину хону н-ояд ғазабат.

6

Мезавқаду ноз мекунад дилдорам,
Аз он ки бияфтод ба дасташ корам.
Аҳволи маро рақиб тамошо дорад,
Ман ҳусни нигори худ тамошо дорам.

7

Ин ҷо гулу булбул асту ман хурсандам,
Як умр ба ҳусни боғ дил мебандам.
Ҳар кас,
ки қимоб бошад аз булбулу гул,
Донед, ки ман ба ҳоли ӯ механдам.

8

Қурбони шаби хамӯшу маҳтоб шавам,
Сомеъ ба ҳар маҷлиси аҳбоб шавам.
То субҳ мусоҳиб шуда бо аҳли назар,
Ҳамроҳи ситораи само об шавам.

9

Маҳбубаи ман, пур шуда ҳаждаҳ солаш,
Якбора дигар сохт ҳама омолаш.
Фардо агар ӯ ба комбинат кор кунад,
Ман ҳам биравам чу соя аз дунболаш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

10

Бодом шукуфт, гули бодом шукуфт,
Мурғи саҳар «эй дӯст, баҳор омад!» гуфт.
Ҳар ғунча ба булбул дили худ ифшо кард,
Танҳо зи ман он сарви равон роз нуҳуфт.

11

Аз рози нагуфтааш хабар дорам ман,
Аз нори нуҳуфтааш шарар дорам ман.
Парвона ба сӯхтан бувад омода,
Бинҳода ба каф ҷону ҷигар дорам ман.

12

Як поси шабона занги соат зада шуд,
Ҷононаи маҳҷабин ба зери сада шуд.
Аввал зи висол ҳарфи ширин гуфтем,
Аз мӯҳлати тӯй гап шуду арбада шуд,

13

Рӯзе, ки ба сӯям нигаҳи сард кунад.
Аз дуди тамоку сари ман дард кунад.
Аз тарки тамоку рухи кас сурх шавад,
Тарки шаби васли ёр рӯ зард кунад.

14

Ҳар шаҳр ба хеш кӯчабоғе дорад,
Ҳар хонаи он ба шаб чароғе дорад.
Маъшуқа зи бахту
толеаш ғарқи ғурур,
Ошиқ ҳаяҷону дили доғе дорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

15

Ҳарчанд ки мекашам аз ӯ ранҷу ҷафо,
Навмед наям зи васли он моҳлиқо.
Рӯзе, ки шавад шамъи умедам хомӯш,
Донед, ки рафтаам тамом аз дунъё.

16

Дунъё ба ҳама сифат шабоҳат дорад,
Дарду ғаму шодию фароғат дорад.
Хушбахт ҳамон кас,
ки дар ин даҳри дудар,
Бар нозу итоби ёр тоқат дорад.

17

Сармеҳвари баҳру бар агар хуршед аст,
Сарчашмаи зиндагии халқ уммед аст.
Заҳмат кашаму расам ба васли ҷонон,
Пайдост, ки баъди рӯзадорӣ ид аст.

18

Абрӯи камон дорию мижгони чу тир,
Ҷон металабӣ? Лутф бикун, омада гир.
Равшан бишавад кулбаи эҳзон боре
Шояд, ки ба ин баҳона, эй моҳи мунир.

19

Мақсад зи ҳаёт агар накукорию бас,
Бо ҳар каси хоргашта ғамхорию бас,
Ман зинда ба уммеди висолат ҳастам,
Пас, хислати номбурда ту дорию бас.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

20

Ҳар ҷо равӣ, чун соя ба паҳлуят ман,
Маҳтал ба имои хами абрӯят ман.
Дар олами беаввалу охир гуё
Ту Зӯҳраи ҳусну Моҳи маснӯят ман.

21

Дур аз рухи ту як шаби маҳтобам нест,
Дар дидаи интизор ҳам хобам нест.
Дил дар қафаси сина чу мурғест асир,
Таб дораму дар пайкари худ тобам нест.

22

Хунсард шудам ба ҳар чӣ меояд пеш,
Қас ҳеҷ надид тоқате аз ин беш.
Ихлосу халос гуфта ман, меҳри туро
Мепарварам имрӯз даруни дили хеш.

23

Моро ба фироқу ғам маяндоз акнун,
Дил ранҷа шудаст,
чорае соз акнун.
Дар арсаи меҳр гуй чавгон мебоз.
Зӯру ҳунарат нишон деҳу тоз акнун.

24

Дар сафҳаи рӯзнома \номат дидам,
Бо сурати чун моҳи тамомат дидам.
Ту дона ба мазраи вафо мекиштӣ,
Дубора дили хеш ба домат дидам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

25

Ман бо ту ҳамеша шоду масрур шавам,
Аз меҳри тавонбахши ту пурзӯр шавам,
Маҳбубу мукаррамӣ чу нури дида,
Эй дӯст, ба қадрат нарасам, кӯр шавам.

26

Аз сайру саёҳате ба дигар манзил
Қай бе ту шавад муроди ошиқ ҳосил?
Он боғ, ки мисли ту надорад гули сурх
Ҳаргиз надиҳад завқу сафое бар дил.

27

Боз о, санамо, сабоҳи хуррам омад,
Аз кӯи мурод боди форам омад.
Одам бидиҳад нишон бибояд коре,
Як бор, ки дар қатори одам омад.

28

Ин субҳдам овози трактор омад,
Гуфтам, ки нигорам ба сари кор омад.
Чун булбули маст часта,
сахро рафтам,
Алҳақ, ба дуҷорам гулу гулзор омад.

29

Эй абр, магир пеши роҳам имшаб,
Беҳуда мапӯш рӯи моҳам имшаб.
Дур асту вале ҳалқаи ман дар гӯшаш,
Нураш бифазояд зи нигоҳам имшаб.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

30

Рӯзонаю субҳу шом дар саҳрой,
Ҷуз кор,
ба дигар ҳама бепарвой,
Хам гаштию рост шуд ниҳоли пахта,
Дар меҳнату зӯру сабр беҳамтой.

31

Якбора ду-сета пешдоман баста,
Тиллои сафед мечинӣ дудаста.
Боре шаби маҳтоб ҳам он ҷо мондӣ,
Шодaнд, ки: ин «воқеаи барҷаста!»

32

Қардаст чунон ки рӯзнома тасдиқ,
Доим ту равӣ ба кор субҳи содиқ.
Меой ба хонаат барои хуфтан,
Э вой ба ҳоли он ки бар ту ошиқ!

33

Хоҳам ба канорат раваму кор кунам,
Ҷамъ оварам аз пахтаю хирвор кунам.
Сонӣ бинишаста дар лаби ҷӯи калон,
Аз вақти камат шиквaи бисьёр кунам.

34

Охир, чӣ ниҳон, ман ошиқи зори туам,
Доим ба ғамат ҳастаму ғамхори туам.
Ҷуз ман дили кӣ ба ту чунин месӯзад?
Тайёри кашидани ҳама бори туам.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

35

Гирем зи пахта ҳосили боз баланд,
Ронем машинаро кунун ҷои каланд.
Ҳамвор намоем баланду пастӣ,
Гардад зи ману ту насли наврас хурсанд.

36

Эй духтари ҳамсоя, туӣ фатҳқарин,
Хуш умр ба сар мебарӣ дар рӯи замин.
Аз пахтаи аъло ба Ватан дода фузун,
Ҳаққонӣ гирифтаӣ Нишони Ленин.

37

Ҳозир шуда дар манзили корат саҳарӣ,
Бо меҳри фузун қитъаи худ менигарӣ.
Чун кӯдаки хушҳол бари модари худ,
Ҳар якта ниҳол мекунад ҷилвагарӣ.

38

Маҳтобшабу дар бағали саҳроӣ,
Дар чидани тиллои сафед устоӣ.
Мехонӣ таронаю табиат хомӯш,
Ҳай-ҳай чӣ қадар манзараи зебое!

39

Аз кори ту ғайрат ба танам меояд,
Зебоӣ ба саҳни чаманам меояд.
Вақте ки бубинам,
амали дастонат,
Аз хуррамӣ қарсак заданам меояд.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

40

Ман номи туро чун ба забон мегирам,
Як қувваи нав дар дилу ҷон мегирам.
Дере шуда пайрав ба забардастии ту
Аз хоки сиях ганҷи равон мегирам.

41

Колхози Шумо аҷаб тамошо будаст,
Дар домани кӯху лаби дарьё будаст.
Хобида ба ҳар сӯй заминҳои васеъ,
Аз ҳосили он зиндагӣ зебо будаст.

42

Меҳнат ҳама дам бахри чунин гулшан нағз,
Аз пахта намудан ҳама су хирман нағз.
Баъд аз ғунучин кардану иҷрои план,
Бар Москва мактуб фиристодан нағз.

43

Он кас, ки ба меҳнат ба суботу чолок,
Дар мамлакати мо бишавад шуҳратнок.
Дар кори далерона, ки ибрат шудаӣ,
Хонем ба васфи ту ғазал бо дили пок.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Қисми чорум

# ҲАҶВИЯ ВА МАСАЛҲО



## БА УМЕДИ ОШИ ҲАМСОЯ

*Сурудҳои ҳаҷвӣ*

Қолхози мо агарчи «Победа» аст, ёр-ёр,
Шӯҳраташ ин дам дар таги хасбедааст, ёр-ёр.

Муйлаб монӣ, муйлабат чун шоф бошад, ёр-ёр,
Ваъда диҳӣ, лоиқ ба он инсоф бошад, ёр-ёр.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба як гектар турби тирамоҳӣ киштам, ёр-ёр,
Ба умеди оши ҳамсояҳо шиштам, ёр-ёр.

Ёрӣ диҳед, эй шаҳриҳо, корам чатоқ, ёр-ёр,
То кай равам ба марра бо қӯлтуқтаёқ, ёр-ёр.

Азбаски ман аз аввал мағрур шудам, ёр-ёр,
Ба иқрори гуноҳи худ маҷбур шудам, ёр-ёр.

* * *

Гуфтам: ҳама ранҷид зи ту. Гуфт: Шумо чӣ?
Гуфтам, ки: чаро мондӣ ақиб? Гуфт, ки: бо чӣ?

Гуфтам: супурӣ пахтаи кам. Гуфт: гапат рост,
Гуфтам: сабабаш чист, бигӯ? Гуфт: ҳаво чӣ?

Гуфтам: ба фарогат манишин. Гуфт: бирақсам?
Гуфтам: ту чаро беғаму суст? Гуфт: чаро чӣ?

Гуфтам, ки: пур аз пахта замин. Гуфт, ки қашқа,
Гуфтам: бичин имрӯз варо. Гуфт: паго чӣ?

Гуфтам: шавад иҷрои план... Гуфт: шавад тӯй,
Гуфтам: ба ҳама тӯҳфа диҳанд.— Гуфт: ба мо чӣ?!

## ТАРОНАИ БУЛҲАВАС

*Бо оҳанги «Хезугурез»*

Ҳар ҷо ки равӣ, ман клиентат бошам,
Бинҳода ба руи каф патентат бошам.

Дар Госстрах агар ту бошӣ сардор,
Анкетая пур карда, агентат бошам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар мактаби олӣ шавӣ завкафедра,
Бо нуздаҳу ним бал студентат бошам.

Ҷарроҳ шуда, гурда буридан хоҳӣ,
Наркоз чашида, пациентат бошам.

Гар «Волга»-и ту ба зери борон монад,
То мондани борон брезентат бошам.

Ҳайкал бигузоранд ба ту ҳамчу герой,
Таҳкурсии пои монументат бошам.

Ҳар амр, ки медиҳӣ, ризоям, лекин
Эй ёр, ҳимоб аз алиментат бошам.

## МО ХАФАЕМ АЗ КУЛОЛ

Мо вохӯрдем, эй мардум,
Ба ҳамсояи нобоб.
Бачаҳояш хеле шум,
Безорию беодоб.

Аз бонгу фарьёдашон
Гӯш меояд ба қомат,
Мешавад аз додашон
Рӯи ҳавлӣ қиёмат.

Ҷабру ҷафо мекунанд
Ба хурдакак писарҳо,
Доим халал медиҳанд
Ба бозии духтарҳо.

Нағмаҳо мебарорад
Ҳар яки он ҳархела.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Алфозашон — ҳақорат,
Қорашон тела-тела.

Дару девор бувад пур
Аз доғи бӯру ангишт,
Аз суратҳои манфур
В-аз иборатҳои зишт.

Хамин, ки он бачаҳо
Баромаданд аз хона,
Ҳавлии тозаи мо
Мешавад оғилхона.

Дар як нафас ба ҳар сӯ
Ифлосиҳо чошу пош.
Ҳайфи ҳавлии хушрӯ,
Ҳайфи меҳнати фаррош!

Баъзан бачаҳои шум
Роҳатонро мепоянд,
Аз ошьёнаи ҳафтум
Лашу луш мепартоянд.

Болои сар чун борон
Мерезад ҳар чӣ хоҳӣ:
Қоғазу пӯчоқу нон,
Партови мурғу моҳӣ...

Рӯзонаҳо аз ин зист
Ҳама меояд ба танг,
Шабҳо ҳам оромӣ нест
Аз полкӯбӣ, усталҷанг.

Наход падару модар
Наомӯзанд интизом!


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Охир, калон кулолгар,
Кӯдак бувад лои хом!

Мо хафаем аз кулол,
На аз мундичаи кач.
Фарзандони хушиқбол
Намешаванд ин хел фач!

## СОАТ ҚАРИБ ЯК БУД...

*Солинавӣ*

Соат қариб як буд,
Қайфи ҳама расо буд.
Раис, пиёла дар даст,
Хушнуду хушнаво буд:
— Имсол ҳам, рафиқон,
Қолхози мо зафар кард.
Хирвори кӯҳворе
Чамъ аз дуру гуҳар кард.
Дар соҳаи асосӣ —
Дар кори пахтакорӣ
Пеш аз ҳама намудем
Ичрои ӯҳдадорӣ.
Аз ду ҳазор гектар
Панчоҳ центнерӣ —
Ин ҳазл не, рафиқон,
Ин мардию далерӣ!
Имсол ҳам супориш
Дар сари вақт шуд ҳал,—
Қолхози мо, хулоса,
Бигрифт чои аввал...
— Исто, раис, чӣ гап ин?—
Гӯён бихест соқӣ.—



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ин сол сар шуд акнун,
Пас, ту макун чатоқӣ.
Соли гузашта буд он
Ҳангомаю зафарҳо,
Дар киштукори пахта
Чаққонию ҳунарҳо.
Лекин, азизам, имсол
Моро ҳанӯз аён нест;
Кӣ ҷои аввалину
Байрақ насибаи кист?
Хандид аҳли маҷлис,
Бинмуд раис табассум.
— Фарқе надорад ин,— гуфт,
Худро накарда ӯ гум.—
Бар ҳеҷ кас надодем
То ҳол ҷои аввал.
Имсол ҳам намоем
Ишғол ҷои аввал.
Парво накарда аз ин
Пур кун пиёла, соқӣ.
Аз баҳри нусрати нав
Нӯшам шароби боқӣ.

## ДУОИ МУСТАҶОБ

Солҳое, ки навҷавон будам,
Модари муштипар дуо мекард,
Қ-эй писарҷон, сарат шавад аз санг,
Умри хуш бин, вале набин ғаму дард.

Ин дуо мустаҷоб шуд. Бинед,
Ман чи сон пуршикебу сарсахтам.
Ба сарам чормағз мешикананд,
Накунам лек шиква аз бахтам!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## «ЭКРАН»

Назди тиреза буд партаи ман,
Тирезаи синф монанди экран.

Аз он намояд ҳар гуна манзар,
Омаду рафти ҳар як раҳгузар.

Ҳам замини паҳни пахтакорӣ,
Ҳам сабзаву гулҳои баҳорӣ.

Ҳам се чинори хуби сарафроз,
Ҳам ҷӯйбори пуроби колхоз.

Ана, трактор бар ғурриш омад,
Аз теппа сӯи пастӣ фаромад.

Сар карда шудгор, гардонд рӯлро,
Дуди сиёҳаш гардид боло...

— Ваҳҳоб,
кани гӯй аз боби соиш,
Таҷрибаро ки додам намоиш!—

Гӯён ба ногаҳ пурсид муаллим,
Албатта, будам ман сархаму ҷим.

Охир, чӣ гӯям нофаҳмида ман?
Буд банд доим ҳушам ба «экран».

Аз нотавонем гардида ношод,
Он гаҳ муаллим танбеҳи сахт дод.

Ин гуна коҳиш бисьёр мешуд,
Аз ман вале боз такрор мешуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бедиққатии ман буд зиёда,
Афташ, рафиқон, ман сустирода.

Чунки худам ҳам аз ин бехабар
Боз ба тиреза мекардам назар...

Бо коғазе ман аз паст он гоҳ
Пӯшида мондам тирезаҳоро.

Акнун ки «экран» пӯшидагӣ аст,
Худро гирифтам ман сахт бар даст.

Диққат намуда бар дарс бисьёр,
Ҳатто гирифтам аз физика «чор».

## «РАССОМ»

Сурати шохи арча,
Уштурбаччаю харча,

Матроси папироскаш,
Ракетаи беоташ,

Писарчаи калонгӯш,
Гӯшаш мисоли калӯш,

Сурати мору чайра,
Монанди ин ва ғайра,

Дучорам шуд дар девор
Дар девори коридор.

Коридори як хона,
Хонаи сеошьёна.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қасе онро менавишт,
Бо бӯру лою ангишт.

Рассоми нодон, гуфтам,
Ин коратро мон, гуфтам.

Рассом бошӣ, рассом бош,
Дар сафҳаи альбом бош.

Дару девор альбом не,
Выставкаи рассом не.

## ҶАВОБИ ПУХТА

Хатат омад, ташаккур,
Раҳмат ба эҳтиромат.
Вале хатои он пур
Дар имлою аломат.

Номҳо бо ҳарфи майда,
Қалимаҳо номафҳум.
«Қоида» шуда «қайда»,
Надорад боз «қ»-яш дум.

Ҷумла тамом нагашта,
Аз нуқта хол мемонӣ.
Он ҷое ки лозим нест,
Баъзан савол мемонӣ.

Ҷои нохунак тире,
Баъди изофа вергул.
Навиштаӣ,
ачаб не,
Ба худат бошад маъқул.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар ҷумлаи охирин
Ҳам «бо» ҳасту ҳам «қатӣ»,
Эй ҷӯра, нанвиш чунин
Дар мактуби навбатӣ.

Ҷумлаҳоро таҳлил кун,
Ба аъзоҳояш хат каш.
Забон омӯхтан хоҳӣ,
Такрор куну заҳмат каш!

## БА АДИБТАРОШ

Шарт не, ки ҳар чии бинвиштаат гардад китоб,
Баъзеашро мон ба ҷевони худ аз баҳри савоб.

Хоҳӣ, ки дарҳол дар маҷмӯаҳо дохил кунанд,
Гар ба мактуби рафиқат ҳам нависӣ ту ҷавоб.

Табъи ту дар асл мебошад чароғи хирасӯз,
Менамояд гарчи дар чашми худат чун офтоб.

Сакта хӯрда, медиҳад хонандаи мискин савол,
Дӯғ карда, менависӣ боз нақли пурхитоб.

Рафт баҳри хондани он вақти мардум ройгон,
Дар раҳи фаҳмиданаш шуд майнаи бисьёр об.

Назми ту ҳазьёни бемори табаш хеле баланд,
Бенизому санъаташ вайрону мазмунаш хароб.

Мекашад хамьёзаҳо одам нахонда абзаце,
Оре, оре, насрҳоят беҳтарин доруи хоб.

Метарошӣ хешро имруз адиби бемисол,
Бехабар аз он, ки ҳеҷу бебақоӣ чун ҳубоб.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Баҳри халқ осори ту як пул надорад қимате,
Аз паи мансаб шудан гиру мадеҳ моро азоб.

Ман барои машқ ашъори фузун бинвиштаам,
Ин ҳам аз он шеърҳое, ки набуд аз баҳри чоп.

## АЗ РӮИ ОДАТ

Шляпа дар сару дар даст портфель,
Мунаққид як сафар омад ба артель.

Паси ҳам цеххоро ӯ гузар кард,
Ба аъмоли ҳунармандон назар кард.

Бидид он ҷо зи моли хом хирман,
Мотору дастгаҳҳо ғулғулафган.

Гузашта як ба як аз дасти бисьёр,
Ғарам мегашт маҳсулоти тайёр.

Мунаққид баъди дидан аввало гуфт:
«Дилам аз саъятон чун боғ бишкуфт:

Ташаббусҳоятон лоиқ ба таҳсин,
Баҳо додан ба ҳар як кор мумкин».

Зи рӯи одат ӯ сулфиду сонӣ
Намуд эродгирӣ, айбмонӣ:

«Вале бояд бигӯям, эй рафиқон,
Дар ин ҷо мол холӣ не зи нуқсон.

Сарупоҳо чаро ҳаҷман калонанд?
Чаро аксар фасони ин замонанд?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чаро ин кӯтаҳу он нӯлборик?
Чапон аз чӣ сияҳ чун шоми торик?

Ба ман ин рангу ин размер манфур!
Зи истеҳсол албатта шавад дур!

Ба ман даркор пальтои чилу чор,
Ба ман туфлии сию ҳафт даркор.

Дигар размер кафшу ҷомаву шим
Ба ин артель умуман нест лозим!»

Худаш, ки одами қадпаст будаст,
Ҳам ишликпои кӯтахдаст будаст,

Ба ҳар минбар бароянд он мунаққид,
Қунун мекардааст ин гуна таъкид.

## НИҲОЛИ МАҒРУР

Ниҳоли навгуле бо шохаҳояш
Зи боди субҳгоҳон буд рақсон.
Баёни ҳусн аз сар то ба пояш,
Тамоми аҳли беша ошиқи он.

Вай аз бахту ҷавонӣ масту масрур
Табассум менамуду ноз мекард.
Ба ҳамсоя — дарахти пиру ранҷур
Ғурури хешро оғоз мекард.

Ки эй ҳамсояи фартут, бингар,
Чи сон зебояму хубу ҷилодор.
Зи сар то пои ман аз гул муаттар,
Ба ҳуснам аҳли беша ошиқи зор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ту аммо солхӯрда, умрдида,
Диғар з-обу ҳаво лаззат нагирӣ.
Харобу хушкию қоматхамида,
Яқин имрӯз ё фардо бимирӣ.

Шикаста бори ғам болу паратро,
Дигар ту аз гулу аз мева маҳрум.
Занад дандони арра пайкаратро,
Ба кор ой кунун танҳо чу ҳезум.

Сарат хам, решаҳоят тӯъмаи кирм,
Шамол ояд, ба ҳалқ ояд туро ҷон.
Вале ман дилкашу хушрӯю беҷирм,
Шамол ояд, шавам рақсону хандон.

Заминро навдаҳоям бӯса карда,
Насибам ишрату ошиқнавозӣ.
Туро айём мисли хӯса карда,
Ба марги худ худат мебошӣ розӣ.

Чунин гуфту ниҳол аз нав бирақсид,
Ғариқи нағмаҳои булбулон шуд...
Ба ногаҳ раъд ғуррид, абр печид,
Шамоли сахту пуршиддат вазон шуд.

Ниҳол аз зарби он бишкасту афтод,
Надид осеб нахли пир аз бод...
Марав аз худ, писарҷон, хон масалро,
Маранҷон одами пиру касалро.

## БАДЕҲАИ ЗАРҒИЛДОҚ

Духтари сӯфӣ, биё,
Духтари сӯфӣ, биё.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман ба ту хизмат кунам,
Иззату ҳурмат кунам.

Лонаам ороми ҷон,
Пур бувад аз обу дон.

Чодари гул дар сарам,
Аз пари қу бистарам.

Зуд биё, зиқ шудам,
Ман ба ту ошиқ шудам.

Омада меҳмон шавӣ,
Нур ба чашмон шавӣ.

Ман ба раҳат чашмдор,
Бе ту надорам қарор.

Болу пари худ кушо,
Ваъда, ки додӣ биё!

* * *

— Ҷонаки ман, ту биё,
Ҷонаки ман, ту биё.

Гарчи дили ман кашол,
Ташнаи базми висол

Болу парам бастаат,
Ҷону танам хастааст.

Ҷанг кунад модарам,
Мушти падар дар сарам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дур ман аз кӯи ту,
Дар ҳаваси рӯи ту.

Манзилам ин дам қафас,
Мегирам аз ғам нафас.

Омада бинмо халос
Аз қафасам, илтимос.

Сонӣ аз онат шавам,
Марҳами ҷонат шавам!

## ЗАНБӮРБОН ВА ХИРС

*Масал*

Занбӯри асалпарвар —
Як боғчаи зебое,
Шуд ҷӯраи ҷоноҷон
Бо хирсаки каҷпое
Хӯрда асали ширин
Нӯшида зи оби наҳр,
Хуш зиндагӣ мекарданд
Дар бешаи дур аз шаҳр.
Аз сабзаю аз гулҳо
Атроф фурӯзон буд,
Хуршед дурахшон буд,
Айёми баҳорон буд.
— Эй Мишка, ту камтар шин,
Нимсоатакак хобам,—
Гуён писарак хобид
Дар рӯи алаф хуррам.
То ӯ нашавад бедор,
То ӯ накашад озор,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гирад дами осуда,
Хирсак бишудаш ғамхор.
Поида рафиқашро
Бо меҳру ҳавас биншаст.
Ногаҳ сари бинии
Он бачча магас биншаст.
Хирсак кишу киш-гӯён
Ҳарчанд ки фармон дод,
Он пашшаи бевиҷдон
Аз ҷо напарид, истод!
Хирсак ба ғазаб омад,
Як санги калон бигрифт,
Бо он магаси шумро
Оҳиста нишон бигрифт.
Бо зарбаи сахте зад,
Қ-он пашша маҷақ гардид,
Бинии рафиқаш ҳам
Хуншору пачақ гардид...

* * *

Эй ҷӯра, саранҷоми
Ин ҷурагиро дидӣ?
Аз ин масалам мақсад
Дар чист, бифаҳмидӣ?
Баъзе бача бинмуда
Бар ҷӯраи худ раҳме,
Чун хирсак амал дорад
Аз боиси бефаҳмӣ!

## МУОВИНИ ШЕР

Шуд муовин ба шер рӯбоҳе,
Рӯбаҳи нобакору бадхоҳе.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Шод гардиду остин барзад,
Хомаи бӯҳтон ба дафтар зад.

Вай навишт, ин,
ки булбули беша
Мурғи бадкину кӯтаҳандеша.

Аз саҳар чаҳ-чаҳаш баланд бувад,
Қаллааш бо ғурур банд бувад.

Ғайри гул шоҳиде намедонад,
Фақат аз ҳусни ғунча мехонад.

Дигар аст ин замон қадаммонеш,
Вақту бевақт мекунад хониш...

Матни маъруза бо ҳамин тайёр
Гашт аз баҳри хондани сардор.

Шер маърӯзаро гирифта бимонд,
Дар яке анҷуман саросар хонд.

Карда бовар ба рӯбаҳи мардуд,
Рехт беҳуда обрӯи худ.

Чунки булбул ҳамон чаманорост,
Рӯбаҳ аммо ба фитна беҳамтост.

## ҚАЛЗОҒ

Қалзоғ рӯзе дар чаман,
Ёзида гуфт: «Эй анҷуман,
Қумрию тӯтӣ куҳна шуд,
Омад кунун даврони ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷуфтам набуд, тоқ омадам,
Бо суфраи қоқ омадам.
Одоб медонам каме,
Аз дорулахлоқ омадам.

Бахшед агар камтар нахӯд,
Ё ин ки аз гове ғадуд,
Дар бораи хошоку хас,
Қар-қаркунон хонам суруд.

Ман ибтидои роҳи нав,
Хирманнамои коҳи нав.
Гӯяд касе: «Нодида дид»,
Қобам барояш чоҳи нав.

Бепарда ғайбат мезанам,
Худро ба навбат мезанам.
Гар хома гирам, аз қазо,
Таърихро хат мезанам!»

Қалзоғ баъд аз ин сухан,
Бардошт ғавғо дар чаман.
Аз қар-қари манфури ӯ
Кар гашт гӯши анҷуман.

Дармонда чизе дар гулӯш,
Қалзоғ шуд ногаҳ ҳамӯш.
Аз нав ба чаҳ-чаҳ омаданд
Қумрию тӯтӣ бо хурӯш.

Гумном шуд калзоғи зол,
Ҳаққонӣ будаст ин мақол:
«Зоғе агар ёбад гуле,
Худро шуморад булбуле!»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БАҲОР ВА ҚУРБОҚҚА

Омад баҳори дилкушо
Доман пури гул.
Афзуд аз ин беинтиҳо
Хурсандии кулл*.

Гуё табиат ҳам бишуд
Аз хоб бедор.
Қорвони мӯр ҷунбиш намуд,
Рафт аз паи кор.

Қурбоққае берун ҷаҳид
Ногаҳ зи ботлоқ,
Қорвони мӯронро чу дид,
Табъаш бишуд чоқ,

Биншаста рӯи ғӯлачӯб,
Вай ман-манӣ кард.
Бо кибр бар рӯи дилаш
Муштакзанӣ кард:

«Эй издиҳом, эй тӯдаи
Бесару сомон.
Нигаҳ кунед, баромадам
Ман ҳам ба майдон.

Вақ-вақ кардам, хувайдо шуд
Мавсими баҳор.
Қур-қур кардам, муҳайё шуд
Шароит ба кор.

Суруди худ нахонам ман,
Баҳор наояд.

---

* Кулл — ҳама



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ба кори ҳеҷ кадоматон
Барор наоянд.

Ман махлуқи софдилтарин,
Нағзакак донед.
Ҷабру ҷафое ман барин
Аз шумо кӣ дид?

Агарчи як бурдаи нон
Ба лаб набурдам,
Баромадам аз зимистон,
Ана, намурдам!

Накард аз шумоён касе
Раҳме ба ҳолам.
Охир, ман бепадар ҳастам,
Танҳо ба олам.

Шумо барин ман соҳиби
Анбору дон не.
Эй мӯрчаҳо, гушна гаштан
Қори осон не!

Барои ин шуҷоатам
Тӯҳфа супоред.
Маро акнун қаҳрамони
Даврон шуморед...

Қорвони мӯр хомӯшона
Роҳаш давом дод,
Вақ-ваққунон мадҳушона
Қурбоқа афтод.

Як умр агарчи меҷаҳад
Он ғуки айғоқ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Берун намеояд вале
Акнун зи ботлоқ!

## АҲДИ ХУК

Шер мурду Хук ба болояш ҷаҳид,
Гуфт: «Акнун ман амири бешаам!
Ҳукмронӣ мекунам, навбат расид,
Бохабар бошед аз андешаам.

Аввалан Гунҷишки аз илҳом маст
Васф созад хулқу атвори маро.
Аз паси он: дур кардан лозим аст
Мурдаи ин Шерро аз зери по».

Ҷаст Гунҷишк аз замин дар шохи бед,
Бо ҳарорат кард ин сон чиқ-чириқ:
«Бод роҳи подшоҳи мо сафед!
Бо чунин сарвар намемонем зиқ!

Шер не, аслаш ҳамин кас доштанд
Бешаро аз ҳамлаи гургон нигоҳ.
Шер нею хоҷаам бигзоштанд
Сайди аввалро ба дастархони мо.

З-ин сабаб гӯем мо пиру ҷавон,
Давлати ин хӯҷаин поянда бод!
Ҷангали мо гул кунад дар аҳдашон,
Хуксултон — сарвари мо зинда бод!»

Аз паси ин нутқи «зӯру мухтасар»,
Урраҳо гуфтанду қарсакҳо заданд.
Сурати Хукро намуда ҷилвагар,
Давраи бигзашта пушти по заданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Баъд ҷисми Шерро бардоштанд,
Ногаҳ он афтод бо зарби гарон.
Аз думаш Гунҷишку Хук медоштанд,
Пахш гардиданд ҳар ду зери он.

Аҳли ҷангал дида ин аҳволро,
Зуд зери буттаҳо пинҳон шуданд.
Раъду барқи сахт ғуррид аз само,
Баччаҳои Шер дар майдон шуданд.

-307

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қисми панҷум

# ТӮҲФА БА ХУРДТАРАКОН



## МУЛКИ МУҚАДДАС

*Суруд*

Эй Ватани ҷоноҷон,
Мулки муқаддас,
Умеди мо —
наврасон
Ту ҳастию бас.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шодона сӯи мактаб
Қадам мемонем.
То ки расем ба матлаб,
Аъло мехонем.

Ба модари меҳрубон
Содиқ фарзандем.
Ба хизмати мулкамон
Қамар мебандем.

Мақсади мо ба одам
Хуш зиндагонист.
Шиори мо ба олам
Сулҳу амонист!

## САЛОМ МУАЛЛИМ

Салом, эй устод,
Салом, муаллим.
Ман ба касби ту
Мекунам таъзим.

Ҳар пагоҳ оям
Сӯи дабистон,
Мебинам туро
Бо рӯи хандон.

Аз таълими ту
Пурдонам имрӯз,
Илми ленинӣ
Мехонам имрӯз.

Бар ман омӯхтӣ
Ту аввалин бор



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Асрори олам,
Таърихи афкор.

Ба камол расанд
Шогирдон — гуфта,
Заҳмат мекашӣ
Шабҳо нахуфта.

То шавӣ хурсанд
Мекунем кӯшиш,
Панҷ мегирем
Доим аз хониш.

Ман ба касби ту
Мекунам таъзим.
Салом, эй устод,
Салом, муаллим!

## ДАР ГИРДИ АРЧА

Соли нав омад
Шоду ғазалхон.
Табрик созем
Онро, рафиқон.

Имрӯз рӯзи
Якуми январь,
Рӯзи муборак,
Рӯзи мунаввар.

Рақсему бозем
Дар гирди арча,
Хурсандӣ созем
Дар гирди арча.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Чун одамони
Ин мулки аъзам
Бин, арчаи мо
Сарсабзу хуррам.

Сар то ба пояш
Хубу ҷилодор,
Ҳар шохаи он
Аз мева пурбор.

Рақсему бозем,
Дар гирди арча.
Хурсандӣ созем
Дар гирди арча.

* * *

Бобои барфӣ
Дорад ишора
Бар фарқи арча,
Сӯи ситора.

Он рамзи бахту
Осоиши дил.
Рахшон ба мисли
Наҷми Кремль.

Рақсему бозем
Дар гирди арча,
Хурсандӣ созем
Дар гирди арча.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

Дар кор чобук,
Дар хондан аъло.
Мо насли хушбахт,
Мо насли доно.

Гардем фардо
Донотар аз ин.
Оиндаи мо
Зеботар аз ин.

Рақсему бозем
Дар гирди арча.
Хурсандӣ созем
Дар гирди арча.

## УКОЧАИ МАН

Ман дорам як укоча,
Доночаю балоча.

Аз мактаб, ки омадам,
Намемонад вай як дам.

Шинам хезед мегӯяд,
Тут гӯям, бед мегӯяд.

Саволборон мекунад,
Безор аз чон мекунад:

— Апа, марожнӣ аз чӣ?
Чаро номи ин қайчӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Агар ба Моҳ бароям,
Баъд, чӣ хел мефароям?

Дадам нағз-мӣ, онам нағз?
Чаро кулӯла чормағз?

Апа, ба кӯча баред,
Ба ман таппонча харед...

Монанди ин ва ғайра,
Монанди ин ва ғайра.

Саволборон мекунад,
Безор аз ҷон мекунад.

Агар ба кӯча барам,
Бо ҳайрат менигарам.

Мегардад чун калонҳо,
Ду дастонаш дар қафо.

Рӯ ҷиддиву дил хурсанд,
Ҳушаш ба мошинҳо банд.

Хобаш барад шабона,
Сонӣ ман озодона,

Мекунам дарсам такрор,
Вазифаро ҳам тайёр.

Укочаи ман нағз аст,
Бодомаки думағз аст.

Як рӯз ӯро набинам,
Дар паҳлӯяш нашинам,


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Хониши радио ҳам
Намефорад ба гӯшам.

## ТАРАДДУД

Агар равам ба мактаб,
Лӯхтакам зиқ мемонад.
Бо худ онро мебарам,
То ки ҳамроҳам хонад.

«Алифбо»ро ба ман тед,
Бишнавед, оначонам.
Ман аз рӯи суратҳо
Хонда ҳам метавонам.

Бозичаҳоямро боз
Нагирию намонӣ?!
Аз муаллимам пурсам,
Рухсат медиҳам сонӣ.

Либосу папкаамро
Акнун тайёр кунетон,
Аз мактаб дер намонам,
Саҳар бедор кунетон.

## САҲРО

Аз канори пахтазор
Ҳар рӯз алаф мечинем.
Сонӣ дар лаби ҷӯбор
Дам гирифта мешинем.

Саҳро ҷои тамошо,
Одам зиқ намемонад.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мошина ҳосилотро
Мечинад,
мекашонад.

Ёрӣ диҳем ба модар,
Ба хоҳару бародар.
Саҳрои мо дилкушо,
Меҳнати мо шавқовар.

## САМОЛЁТ

Самолётҷон, самолёт,
Маро ҳам гир ба қанот,

Ба қанотат мешинам,
Ҳама ҷоро мебинам.

Бо ту парам ба осмон,
Равам пеши акоҷон.

Акоҷонам дар Маскав,
Мебахшад тӯҳфаи нав.

## МЕҲМОНОН

Ана, ана меҳмонон
Омаданд, эй модарҷон.

Акнун даррав биёед,
Дастурхонро кушоед.

Асал гиред аз ҷевон.
Себу ангур аз яхдон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Харбузаро «кафонед»,
Қанду мураббо монед.

Ман ҳам хӯрам аз онҳо,
Нишаста бо меҳмонҳо.

## СОЛИ ТАВАЛЛУД

Дар боғча мураббӣ
Пурсидаст аз Гулбибӣ:

— Эй духтарчаи хурсанд,
Соли таваллудат чанд?

Гулбибӣ гуфтаст ба ӯ:
— Аввал буд панҷоҳу нӯҳ,

Акнун пурсад ҳар касе,
Мегӯям, ки шасту се.

## СОАТИ МО

Соати мо баногоҳ
Рӯзона хобид.
Модарам гӯши онро
Сахтакак тобид.

Соат дарров шуд бедор
Аз зӯрии дард.
«Ба хизмат ҳастам тайёр!»—
Гӯён чиқ-чиқ кард.

То ин ки соати мо
Дигар нахобад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Модарам гӯши онро
Ҳар шаб метобад.

## ҲАВЗАК

Ҳавзак, ҳавзак,
Гирдаш сабзак.

Гунҷишк омад,
Об хӯрд.
Моҳӣ
Печутоб хӯрд.

Ҳавзак ҳавзак,
Гирдаш сабзак.

Гунҷишк аз он
Паридаст.
Моҳӣ акнун
Хобидаст.

Ҳавзак, ҳавзак
Гирдаш сабзак.

Дар лаби он
Мешинем.
Моҳичаро
Мебинем.

## ТАСМА

Вақте дадош харидаст
Як тасмаи нав,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ранги Усмон паридаст,
Гуфтаст даррав:

— Ман шудаам бамаънӣ,
Дадоҷон, андак...
— Ин барои задан не,
Ин миёнбандак.

## ГИРЬЯ НАКУН

Гирья накун, хамӯш шав,
Эй укаҷони қандинам.
Ана, ба ту лӯхтаки нав,
Бигир, ҷони ширинам.

Гирья накун, эй укаҷон,
Гирьян ту ҷудо баланд.
Ба лентаи магнитафон
Дадам навишта мегиранд.

## АЛЬБОМ

Ҷӯн калона кофтем,
Се танга пул ёфтем.

Аммо онро нахӯрдем,
Ба касе насупурдем.

Давидему давидем,
Ба магазин расидем.

Харидем альбоми нав,
Бо суратҳои Маскав.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин альбоми суратдор,
Ба клуби мо даркор.

## ГУГИРД

Гӯгирд-оташи сӯзон,
Дастамро месӯзонад.
Бозӣ кунам гар бо он,
Модарам намемонад.

Модарҷон, ана, гӯгирд,
Худатон даргиронед.
Ёрӣ диҳам, чун шогирд,
Ширшӯларо ҷӯшонед.

## БОРОН

Борон борид, борон борид,
Тахтапушти маймун хорид.

Борон омад, борон омад.
Ба табиат ҷон даромад.

Мурғобиҳо қиғғос карданд,
Баррачаҳо маъос карданд.

Гунҷишкон ҳар сӯ париданд.
Мурғон тар шуда давиданд.

Дамида рафт оби ҷӯча,
Холӣ шуд аз одам кӯча.

Дарахтон оббозӣ карданд,
Бачагон ҳам бозӣ карданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## МАСЪАЛАҲО

Дар ду пою дар ду даст
Ба ҳар кас бист ангушт аст.

Ангушт агар дар хона
Бошад расо сад дона,

Гӯед, одам чӣ қадар?
Мо дар хона чанд нафар?

Қурбон овард аз бозор
Ду киса пур-пур анор.

Яктоашро худаш хӯрд,
Якто ба Зебо супурд.

Боз яктоашро кафонд,
Сето дигар боқӣ монд.

Гӯед акнун: чанд анор
Қурбон овард аз бозор?

## БАЧАИ ВОҲИМАЧӢ

Медонед, эй бачаҳо,
Ман кияму ман чиям?
Гаштааст авлоди мо
Машҳури халқи олам,

Модари ман ордендор,
Дадои ман чемпион.
Холаи ман зарбдор,
Аммаи ман қаҳрамон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Додари ман аз Масков!
Хоҳари ман аз Пекин!
Амаки ман Шолохов!
Тағои ман Гагарин!

## ИЛТИМОС

Аз телевизор намуд
Задухӯрди мошинҳо,
Чархи яке ҷудо шуд,
Ғелида монд он ҷо.

Баъди кино ҳамонро —
Кӯчидагӣ балонро
Шумо аз пушти экран
Гирифта диҳед ба ман...

## АФАНДӢ

Аз корҳои Афандӣ
Ҳайрон шуда механдӣ.

Як лӯнда собунро ӯ
Ҳалво гуфта газидаст.

Аз дарди ишкам ҳар сӯ
Вой-вой гуфта давидаст.

Қалӯши наппа-навро
Завракча гумон кардаст,

Онро ба рӯи дарьё
Оҳиста равон кардаст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Асои доящро
Аспак гуфта давондаст,

Туби ҳамсояашро
Тарбуз гуфта кафондаст.

Аз корҳои Афандӣ
Ҳайрон шуда механдӣ.

## ҲАРФИ «О»

Ҳарфи «О»-ро медонам,
Навишта метавонам.

Даҳони «О» доим во,
Магар гушна мондаст «О»?

Вай ҳам мисоли кӯдак
Будаст аҷаб гирьёнчак.

Даҳонашро пӯшондам:
Як қошуқ шавла мондам.

## ХОБИ МОШОН

Мошон хобидаст,
Дар хоб дидаст,

Дар таги девор,
Девори анбор,

Ду муши тозӣ
Машғули бозӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Мошон хазидаст,
Ногаҳ ҷаҳидаст.

Вай бо шитобаш
Хезад, ки... хобаш!

## ПАРОХОД

Об омаду об омад,
Оби ҷудо боб омад.

Завракҳоро бароред,
Ба оби ҷӯ гузоред.

Бинем, кадоми онҳо
Чусту чобук дар шино.

Ана, омад хеле зуд
Пароходи «Робин Гуд».

## ДАРДИ ДАНДОН

Гирья чизи бекора.
Аммо ҳозир чӣ чора?

Монад дарди дандонам,
Ман баччаи хандонам.

Духтурхола, нишинед,
Дандонамро бубинед.

Баъди дорую дармон,
Мешавам боз хандон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## ЎКТАМҶОН

Осмон, ресмон,
Ўктамҷони бе устухон.

Вай дар турник бо ду даст,
Мешавад болою паст.

Варзишҳояшро бинед,
Ҳайрон шуда мешинед.

Вай чобуку чаққон аст,
Рўяш доим хандон аст.

## РАСМКАШӢ

Сурати шерро кашам,
Хирсаки думчадор шуд,
Сурати ғовро кашам,
Уштури баччадор шуд.

Қоз кашам, лўндаю паст
Мисли сари пиёз шуд,
«Қ» нависам, қалам шикаст,
Думчаи «Қ» дароз шуд.

Қаламтарошакам канӣ?
Бори дигар кашам, канӣ...

## СОЛИ НАВ

Биёетон, бачаҳо,
Акнун ба хонаи мо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Писарчаю духтарча
Имшаб ба гирди арча.

Суруди тоза хонем,
Аз ид қафо намонем.

Рӯзи якуми январь
Аз мо шавад мунаввар.

Макони моён зебо,
Замину осмон зебо.

Аз соли нав хурсандем,
Фасон шуда мегардем.

Аз номи ин анҷуман
Раҳмат ба ту, эй Ватан!

## МУСИЧАИ БЕГУНОҲ

Мениҳамаш обу дон
Дар лаби кат ҳар пагоҳ,
То бикунад нӯши ҷон
Мусиҷаи бегуноҳ.

Мусича мисли гунҷишк
Беору ғоратгар не.
Доим ҷиқирросзанон
Гушнаю дар ба дар не.

Ҳатто дар афсонае
Шунида будам як бор:
Агар ягон хонае
Дучор ояд ба сӯхтор,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Барои он ки аз дуд
Нав-нав аланга хезад,
Гунчишк бо нӯли худ
Хас оварда мерезад.

Аз барои он ки зуд
Оташ хомӯш бошад,
Мусича бо нӯли худ
Об оварда мепошад...

Мусича ҷонвари хуб,
Меҳрубон аст ба одам.
Парвозкунон меояд
Ба сӯи мо дамодам.

Месарояд ку-ку-ку,
Баҳор ояд мегӯяд,
Ба шаҳрамон турнаҳо
Қатор ояд, мегӯяд.

Месарояд ку-ку-ку,
Барф об шавад мегӯяд.
Сабзаву гулҳо бедор
Аз хоб шавад, мегӯяд.

Киштукори деҳқонон
Аъло шавад, мегӯяд.
Ризқу рӯзӣ фаровон
Бар мо шавад, мегӯяд.

Агарчи нестам худ
«Мусичаи уболак».
Улфати хуби ман шуд
Ин мурғи некфолак.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Меniҳамаш обу дон
Дар лаби кат ҳар пагоҳ,
То бикунад нӯши ҷон
Мусичаи бегуноҳ.

## АРОЗ

Ту дар сари дастурхон
Доим дилтангу инҷиқ.
Бо арозу гиру мон
Модарро мекунӣ зиқ.

«Инро намехӯрам, ман,
Онро намехӯрам ман.
Агар шикаста бошад,
Нонро намехӯрам ман.

Шӯрбо бошад бепиёз,
Палав бошад бесабзӣ...»
Витаминат кам шуда,
Дигар ту намесабзӣ.

Чой хӯру қанду нон хӯр,
Ҳар чӣ пазанд, аз он хӯр.
Қалон мешавам гӯӣ,
Чаққон хуру хандон хӯр.

## ХОБИ ХУШ БИНЕД

Хеле торик шуд ҳаво,
Бозӣ бас, эй бачаҳо.
Чунки вақти хуфтан шуд,
«Хоби хуш бин» гуфтан шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Бозй дар шабҳо нобоб,
Бояд кунем акнун хоб.

Равем хона ба хона,
Омад гурги девона!

## «ПОХОД»-И ТӮРА

Рӯзе Тӯра ба мо ғуфт:
Ман меравам ба поход.
Пурсидем, ки ба куҷо?
Рафту ҷавобе надод.
Аз боғи колхоз Тӯра
Дуздида себу ғӯра,
Он рӯз ба даст афтодаст,
Ин ҳам магар поход аст?!

## АФСОНАИ НАВ

Як писарчаи хаппак
Омад ба лагери мо.
Ба бозию оббозӣ
Ҳамроҳ намешуд асло.
Лекин дар авқотхӯрӣ
Байни мо буд беҳамто.
Бо мавриду бемаврид
Доим лунҷаш меҷунбид.
Сару либосаш ифлос,
Интизомаш ба худ хос.
Бачаҳо афсонае
Бароварданд баъд аз ин.
Афсона дар ҳаққи вай
Сар мешавад ин чунин:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

«Буду набуд, вақте буд,
Гурбачае ошолуд...»

## ДАР ГИРДИ ГУЛХАН

Дар беруни шаҳр,
Дар соҳили наҳр
Оташ шабона
Мезад забона.

Аз отряди се,
Ҳаммактаби ман —
Раъно бирақсид
Дар гирди гулхан.

Бинмуда ҷилва
Чун лолаи дашт,
Парвонаосо
Ӯ давр мегашт.

Ин гулхани сурх,
Ин рақси зебо
Якҷоя буданд
Хеле тамошо.

Ҳезум дар оташ
Хушнуду хандон
Қарсакзанӣ кард
Ҳамроҳи моён.

Бар рақс ногаҳ
Раъно худ аз худ
Қодирҷонро
Таклиф бинмуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Худро кашида
Қодир қафотар,
— Эй мон маро,— гуфт,—
Ин кори духтар.

Таклифи нав кард
Раъно пас аз он:
— Ин тавр бошад,
Ашӯлае хон.

Вай гуфт: з-ин ҳам
Ояд малолам.
Артист не ман,
Монед ба ҳолам.

— Ин хел бошад,
Бешавқ будӣ,—
Гӯён худаш хонд
Раъно суруде.

Моён ҳамовоз
Гардида бо ӯ,
Бо навбати худ
Рақсида бо ӯ

Якчоя хеле
Кардем бозӣ,
Дар гирди гулхан
Бо сарфарозӣ.

Қодир, аммо
Биншаста танҳо,
Хомӯшу музтар
Медид моро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Дар гирди гулхан,
Дар зери маҳтоб
Мо машғули рақс,
Ӯ аз паи хоб...

## ТАНҲОӢ

Ба ҳамсинфон ҷафо кардам,
Ба ҳар кас моҷаро кардам.

Ду рӯи худ сиё кардам,
Хато кардам, хато кардам.

Ба мактаб ман-манӣ кардам,
Ба кӯча зан-занӣ кардам.

Магар ин ошноӣ буд?
Ғуруру худситоӣ буд.

Кунун ман бо кӣ мебозам?
Куҷо шуд маҳрами розам?

Ба хона мондаям танҳо,
Надорад ҳеҷ кас парво.

Ба дард омад дили решам,
Намеояд касе пешам.

Зи кори худ пушаймонам,
Биёед, эй рафиқонам.

Ман аз танҳоӣ безорам,
Шуморо дӯст медорам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТАРОНАҲОИ ҲАҶВӢ

I

Яку дую сею чор,
Дарси ҳисоб душвор.
Ду дафъа «ду» гирифтам,
Ду карат ду шавад «чор».

Чӣ мешуд, ки худ аз худ
Масъалаҳо шавад ҳал.
Албатта, мегирифтам
Дар синф ҷои аввал.

II

Яку дую сею чор,
Гапи бисьёр ба хар бор.
Дар рӯзи сахт аз дӯст
Бар дӯст ёрӣ даркор.

Аз ман пурсад муаллим,
Даҳон намекушоям,
Хомӯш истода доим
Аз ту луқма мепоям.

III

Яку дую сею чор,
Ман аз спорт безор.
Чун бузича ҷаҳидан
Аз саҳарӣ чӣ даркор.

Болишту ҷои хобам
Гармакаку мулоим.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Монед, ки бихобам
То соати даҳу ним.

## IV

Яку дую сею чор,
Хуршед шуд намудор.
Ту меравӣ ба мактаб,
Ман меравам ба бозор.

Ту бо навис-навис банд,
Ман писта мефурӯшам.
Дар имтиҳон ту хурсанд,
Ман сархаму хамӯшам.

## V

Яку дую сею чор,
Ман писарчаи айёр.
Аз дарсҳо гурехта
Меёбам узри бисьёр,

Гӯё ҳавлимо танҳо,
Ё додарчаам тимоқ.
Ё дар гулӯям дармонд
Устухони қавурдоқ.

## VI

Яку дую сею чор,
Ман дучаи каҷҷакдор.
Шӯхӣ карда мегардам,
Хондан ба ман чӣ даркор?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба дафтари баъзеҳо
Сари худ мехалонам.
Ба хондану навиштан
Ман халал мерасонам.

Аз чангу ҳаллос-ҳаллос
Қацалак шуд поҳоям.
Ман ҷӯраи ҳар ифлос,
Бо танбалон ошноям.

бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## Қисми шашум

# ДОСТОНҲО



## МЕҲРИ АВВАЛ

Ман аз ту узр мехоҳам, Қаромат,
Ки мактубе фиристодам ба номат.

Ба ту вобаста аз нав номаи ман,
Нигорад меҳри аввал хомаи ман.

Агарчи ёди ишқи туст мушкил,
Ба шарҳи он тақозо мекунад дил.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чӣ пинҳон? То ба ин дам гоҳу бегоҳ
Ман аз ту ғоибона ҳастам огоҳ.

Ман огоҳам, ки аҳволи ту чун аст,
Чаро акнун туро ҳасрат фузун аст.

Ман огоҳам, ки рӯзат пурмалол аст,
Шабат ялдою васвоси хаёл аст.

Даруни синаи худ дард дорӣ,
Дили сӯзону оҳи сард дорӣ.

Ниҳода чин ба абрӯ, сар ба зону,
Парешон кардаӣ зулфи суманбӯ.

Гули рӯят ғубор аз ғам гирифта,
Танат пироҳани мотам гирифта.

Ниҳон дар хилвати худ нола дорӣ,
Ба дил доғе мисоли лола дорӣ.

Шунидам, дард дорӣ, марҳаме нест,
Ба паҳлӯят надиме, маҳраме нест.

Ғамат зӯрӣ кунад месӯзӣ аксар
Дарунноки ба мисли ҳезуми тар.

Зи рафторат пушаймонию маҳзун,
Пушаймонӣ надорад суд акнун.

Маро ҳам балки ин дам ёд дорӣ?
Зи ҷабри ноҳақат фарьёд дорӣ?..

Ба ёдат ҳаст? Будам волаи ту,
Асири чеҳраи чун лолаи ту.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шикори чашми фаттони ту будам,
Ба қайди зулфи печони ту будам.

Ба ҳусни дилкашат дил дода будам,
Ба ҳар як хоҳишат омода будам.

Лабонат ғунчаи уммеди ман буд,
Висолат хандаи хуршеди ман буд.

Ҳама шаб бо хаёлат метапидам,
Саҳаргоҳон ба сӯят медавидам.

Ҷамолатро набинам гар ягон рӯз,
Намедидам ман аз шаб фарқи он рӯз.

Ту будӣ орзӯю эътиқодам,
Ягона одами боэътимодам.

Ба ёдат ҳаст? Назди ман, ба хона
Ту ҳам меомадӣ бо ҳар баҳона.

Ба ту даркор шуд гӯё китобе,
Ва ё аз ҳалли машқе дар азобӣ.

Назарногир моро хона будӣ,
Ту ҳамчун ганҷи дар вайрона будӣ.

Ҳар он чӣ буд ба дил, дар рӯй будам,
Ҷавони шӯхи донишҷӯй будам.

Ки болин мешудӣ баъзан китобам,
Газета руйҷои рахти хобам.

Ба гирди сандалӣ мо менишастем,
Хушу хурсанд, ки якҷоя ҳастем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Зи ҳар як боб суҳбат менамудем,
Асарҳоро қироат менамудем.

Ба ту ҳар гаҳ дутори худ навозам,
Ба рақсе менамудӣ сарфарозам.

Ду кас биншаста мо танҳо ба танҳо,
Ҳаме гуфтем аз паймон суханҳо.

Ҷамолат нурбахши ҷони ман буд,
Чароғи кулбаи эҳзони ман буд.

Ба ёдат ҳаст? Боре назди соҳил,
Чиҳо гуфтем мо аз матлаби дил?

Шабе буд равшан аз моҳи дуҳафта,
Шикеб аз дил, қарор аз тан бирафта.

Шаби маҳтоб буду соҳили об,
Ки ҳатто мурғу моҳӣ рафта дар хоб.

Ба худ болида дарьё ҳам равон буд,
Насими форам аз рӯяш вазон буд.

Ҳавои лутфат омад дар суроғам,
Зи бӯи гул муаттар шуд димоғам.

Чашидам аз лабонат шаҳду шаккар,
Нахустин орзӯям шуд муяссар.

— Азизам, чашмаи нӯш ин, на лаб ин!
— Худоё, сар диҳед охир, чӣ гап ин?

Ту бошӣ бо ман ин гуна ҳамоғӯш,
Ғами танҳоиям мешуд фаромӯш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Азизу мӯътамад будӣ бароям,
Гули рӯи сабад будӣ бароям.

* * *

Ниҳоят модари ман рафт боре,
Ба ҳавлетон барои хостгорӣ.

Ман он дам мекашидам нақшаи тӯй,
Табассум гул намуда дар лабу рӯй.

Туро ман, аллакай, чун ҳамсари худ,
Тасаввур менамудам дар бари худ.

Тасаввур менамудам чашму рӯят,
Шиканҷи гесувони мушкбӯят.

Арӯси нав нишинад назди домод,
Чунин бахте насиби ҳар ҷавон бод!

Вале баргашт маҳзун модари ман,
Парид оҳ аз дилу ҳуш аз сари ман.

Падар истода нохуш дар сари ту,
Хабар додаст модарандари ту,

Ки гӯё хурдсолию ҷавонӣ,
Ду-се соли дигар бояд ки хонӣ.

Ба тӯй имконият ҳоло набудаст,
Умуман, вақти ин гапҳо набудаст.

Хулоса, дида ин тақдирбозӣ,
Накардӣ ту ба онҳо эътирозе.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Туро баъди ҳамин ҷое надидам,
В-агар дидам, ба танҳой надидам.

Фақат васлат ба дардам буд чора,
Вале худро гирифтӣ бар канора.

Надонистам, куҷо шуд аҳду паймон,
Шудӣ бо чӣ сабаб аз ман гурезон?

Надонистам, ки бо амри падар шуд,
Ва ё фикру хаёли ту дигар шуд?

Гузашт ин гуна ноҳинҷор моҳе,
Қашидам ҳар замон пурдард оҳе.

Валекин дил накандам з-илтифотат,
Ду чашми интизорам аз ҳаётат.

Вале, ҳайҳот, навмедам намудӣ,
Панаҳ рухсори хуршедам намудӣ.

Пари мурғи ҳумо меҷустаам ман,
Вафо аз бевафо меҷустаам ман.

Дилат сангин шуду паймон шикастӣ,
Ба пулу моли дунъё меҳр бастӣ.

Шунидам ин, ки барпо гашт тӯят,
Умеди охирин кандам зи кӯят.

Гиребон пора кардам, ҷастам аз қаҳр,
Сари худро гирифта, рафтам аз шаҳр.

Зи дида ашки ҳасрат барфишондам,
Зи бахти пасти худ ҳайрон бимондам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хароб аз рашку аз ғам пайкарам шуд,
Тамоку доруи дарди сарам шуд.

Ба аҳдат доштам имони комил,
Дилат, бешубҳа, бар ман буд моил.

Чаро пас толеам рӯ тофт аз ман?
Ба ҷуз дилсофӣ чӣ мекофт аз ман?

Наход айбам буд ин, ки бенавоям?
Раиси суди шаҳрӣ не акоям?

Надорам мӯҳташам ман хонаву ҷо
Ва ё хешу табори рутбаболо.

Хаёлу фикри зан гӯё ки чиз аст,
Бисоти олам аз ҷонаш азиз аст.

Вале манро набудӣ дар бисотам,
Ба ҷуз ишқу вафою ҳиссиётам.

Ҷавони соддаву танҳову нодор...
Бале, ин буд асосан решаи кор.

* * *

Ман аз ту узр мехоҳам, Каромат,
Ки мактубе фиристодам ба номат.

Падар партофт дар роҳат камандаш,
Шудӣ ту зинаи ҷоҳи баландаш.

Ба ӯ даркор буд домоди «абҷир»,
Ки ҳатто такка бошад ҳам, **диҳад шир**.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гирифта мансаби боло ниҳоят,
Муроди ӯ бишуд ичро ниҳоят.

Ба фармони падар гардан ниҳодӣ,
Шудӣ «бону»-и як айғоқи бодӣ.

Туро як рутбаболое амак шуд,
«Саробонат» чавони бенамак шуд.

Макону манзили ӯ қасри олӣ,
Сараш буд аз тамизу ақл холӣ.

Ман огоҳам, ки баъд аз даҳ маҳи тӯй,
Чӣ сон пажмурда гардидат гули рӯй.

Туро шавҳар каси қаллоб будаст,
Қабеҳалфози беодоб будаст.

Зи чабру зулми ӯ бадбахт гаштӣ,
Дучори рӯзҳои сахт гаштӣ.

Туро шому саҳар таҳқир мекард,
Ситам карда, зи чонат сер мекард.

Ҳама рӯзи худо бадмаст мегашт,
Ба фисқу мочаро пайваст мегашт.

Аз ӯ шуд хислати одамгарӣ гум,
Ҳазар асло накард аз ҳаққи мардум.

Басо дӯлоб карда кори савдо,
Ба савдогар супурд анбори савдо.

Ба дарьёи гунаҳ ғӯтид охир,
Шуда ифшо, ба даст афтид охир.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ба райпо гашта омад пулу молаш,
Чи хуш шуд — яслӣ шуд ҷою ҷалолаш!

Қафид он дағдаға чун кафки собун,
Ба ҳоли ту дилам месӯзад акнун.

Амак бадному шӯ ҳабсу падар банд,
Туро дарду надомат дар ҷигар банд.

Зи дасти модари ӯгай ба додӣ,
Шарики ранҷу ғамҳои зиёдӣ.

Дар ин синни ҷавонӣ бевай ту,
Ниҳоли сархаму бемевай ту.

Намебинӣ, ки кори даҳр чун аст,
Чӣ сон зебо самои нилгун аст.

Шукуфта гул ба боғу ханда бар лаб,
Тароват медиҳад дуньёи матлаб.

Зи гармии ҳаво дарьё дамидаст,
Фаровон ҳосили саҳро расидаст.

Деҳоту шаҳр дар авҷи камоланд,
Нишони меҳнати ҳаққу ҳалоланд.

Занон бо хушдилӣ қаҳқос доранд,
Ҳуқуқу бахти худро пос доранд.

Ҳама саргарм бо кори муфиданд,
Ба ҳифзи мулку давлат муттаҳиданд.

Бале, одам шавад аз меҳнат одам,
Дилаш лабрези меҳру хотираш ҷамъ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Бигардад рӯзҳо бо сарфарозӣ,
Ба шаб осояд он аз бениёзӣ.

* * *

Ман аз ту узр мехоҳам, Қаромат,
Қи мактубе фиристодам ба номат.

Дар ин дебочаи ишқи ҷавонӣ,
Қи дорад шиква аз дарди ниҳонӣ,

Намудам сарф нури дидаи худ,
Ҳарорат аз дили ранҷидаи худ.

Дами рӯзонаю хоби шабамро,
Ғизои рӯҳу ширин матлабамро.

Кунун қарзи худ иҷро мекунам ман,
Ҳама рози дил ифшо мекунам ман.

Дар ин давре, ки соф аст осмонаш,
Сафобахш аст боғу бустонаш,

Дар ин давре, ки озод аст ирода,
Дари бахту саодат ҳам кушода,

Дар ин давре, ки ҳар кас метавонад,
Зи умри хеш коми дил ситонад,

Дар ин давре, ки сарзӯрист бадном,
Инон баҳри ризоят дода айём;

Дар ин давре, ки ҷои шоми ҳиҷрон
Шуда восил ҳама бар субҳи рахшон,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мани мискин шаби ноком дорам,
Дили аз ишқ нооором дорам.

Зи дасти нокасон менолам имрӯз,
Ки оварданд бар ин ҳолам имрӯз.

Ҷудо аз ёри ҷононам намуданд,
Ҷафову ҷабр бар ҷонам намуданд.

Салоҳи кори худ диданд бо пул,
Гули боғи маро чиданд бо пул.

Зи баски ҷумла чашми танг доранд,
Дили беҳисси мисли санг доранд.

Ба онҳо мол даркор асту мансаб,
Надорад ҳеҷ маъноее дигар гап.

Барои пул виҷдон мефурӯшанд,
Барои мансаб имон мефурӯшанд.

Падар, албатта, шахси мӯътабар аст,
Вале фарқи падар ҳам аз падар ҳаст.

Яке фарзанди худро меҳрубон аст,
Дигарро духтар ин бори гарон аст.

Барои он ки базми худ фурӯзад,
Ҳаёти духтараш ҳатто бисӯзад.

Чӣ шуд кор оқибат? Медонӣ акнун,
Шуданд онҳо ҳама аз давра берун.

Намебинанд акнун иззати халқ,
Ба худ ҷои гурез аз нафрати халқ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хабар бояд гирифт аз ҳоли мардум,
Ҳазар бояд намуд аз моли мардум.

* * *

Ман аз ту узр мехоҳам, Қаромат,
Ки мактубе фиристодам ба номат.

Чаро ту хираӣ, эй меҳри аввал?
Куҷо шуд ҳусни аввал, чеҳри аввал?

Ҳанӯз, охир, туро дар хоб бинам,
Валекин хоби худ дар об бинам.

Ҳанӯз аз дил ғамат беруи нагашта,
Туро чун ман касе мафтун нагашта...

Машин дар хонаи танҳо хамида,
Марез аз чашми шаҳло оби дида.

Ҳаёти мозии худ пушти по зан,
Бихезу аз сарои ғусса по кан.

Ба ин даврон биёмезу баро ту,
Қатори одаму олам даро ту.

Ғубор аз рӯю занг аз дил зудуда,
Нахустин шавқу эҳсосат фузуда,

Ба боғ оро қади раънои худро,
Кушо болу пари зебои худро,

Ҷавонӣ, аз ҷавонӣ баҳравар шав,
Зи файзи зиндагонӣ судбар шав.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ту ҳам шоистаи халқу Ватан бош,
Биё, дар комбинат шогирди ман бош.

Дар ин ҷо иззат асту эҳтиром аст,
Фиребу ришвату тӯҳмат ҳаром аст.

Дар ин ҷо чашмаи ғайрат ба ҷӯш аст,
Садою сабти пурнусрат ба гӯш аст.

Дар ин ҷо кор ҳасту эътибор аст,
План ҳасту амал ҳасту барор аст.

Дар ин ҷо шодию завқу суруд аст,
Ба истеъдод имкон беҳудуд аст.

Дар ин ҷо ҳам муроду муддао ҳаст,
Муҳаббат ҳасту дил ҳасту вафо ҳаст.

Ду кас аз нав ситода дӯш бар дӯш,
Кунем айёми бигзашта фаромӯш.

Шавем осуда аз буньёду заҳмат,
Шарафманди ҳаёти босаодат.

Гирифта ҳар яке се дастгоҳӣ,
Барорем атласу кимхобу шоҳӣ.

Тани халқи азиз обод гардад,
Ватан аз хидмати мо шод гардад.

*Август—ноябри соли 1961*

## НОМАИ ТХИ

Ман ба ту, эй дугонаи тоҷик,
Мефиристам салом аз Артек.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз бари мавҷҳои баҳри Сиёҳ,
Ки нашуд сер чашми мо зи нигоҳ.

Аз Айиқтоғи номдори Қрим,
Гурзуфи доимобаҳори Қрим.

Дина бо номи ман хатат омад,
Сатрҳои муҳаббатат омад.

Хонда онро ба чашм молидам,
Ҷойҳои навиштаат дидам.

Як ба як ҷилвагар бишуд ба назар
Тоҷикистони бӯстонманзар.

Пойтахташ — Душанбе масрур,
Ки дурахшад мисоли хирмани нур.

Кӯҳҳои баланди гулпӯшаш,
Рӯдҳои даванди пурҷӯшаш.

Водиҳои зи пахта ҳосилхез,
Боғҳои зи мева шарбатрез.

Равнақи кори сохтмони он,
Нораки хурраму ҷавони он.

Вахши аз мағзи кӯҳ тозанда,
Истгаҳҳои барқсозанда...

Лолаҷон, эй дугонаи ҷонӣ,
Фахр кун, ту зи Тоҷикистонӣ.

Кишварат дилкушою марғуб аст,
Дар ҷунон ҷой зистан хуб аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Боз бинвиштай, ки дар Варзоб
Ҳаст лагери дамгирифтанбоб.

Дар сари наҳру дар бари вот аст,
Домани кӯҳи пурнаботот аст.

Бачагон гар ба ҳар тараф тозанд,
Ҳамчу гулҳои боғ мебозанд.

Ту ҳам, Эй Лола, гулшанорой,
Бо рафиқони худ дар он ҷой.

Баъди таҳсил, фасли тобистон
Мекунӣ истироҳат андар он.

Лолаҷон, ту дар охири мактуб
Аз ман ин гуна кардай матлуб.

Ки хабар дода камтар аз розам,
Саргузашти худам баён созам.

Саргузаштам агарчи ғамнок аст,
Нақли он сахттар аламнок аст.

Майлаш, онро ба ту кунам изҳор,
То сабуктар шавад дилам зи ғубор.

Чордаҳсолаам, Тхи номам,
Аз Фулӣ ном шаҳри Ветномам.

Мо ба худ хона доштем он ҷо,
Умри шодона доштем он ҷо.

Модари хубтар зи ҷонам буд,
Ҳам падарҷони меҳрубонам буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Менамудам ба синфи шаш таҳсил,
Ғайрату саъи ман буд аз таҳи дил.

Мешукуфтам чу гул, баҳорам буд,
Орзуҳои бешуморам буд...

Рӯзе аз рӯзҳои фасли баҳор
Ҷашни мавлуди ман бишуд такрор.

Бармаҳал хестам зи бистари хоб,
Ҳавлиро рӯфта, задам пас об.

Хона оростам ба сабзаву гул,
Ҳамааш шуд ба модарам маъқул.

Рафтаму шуста дасту рӯямро,
Шона кардам базеб мӯямро.

Қуртаи чин-чинам ба бар кардам,
Рафта бар оина назар кардам.

Модарам завқ бурда аз ин кор,
Гуфт: «Гаштӣ арӯсаки тайёр!»

Ба канораш кашида манро зуд,
Бӯса мекарду ғарқи шодӣ буд.

Падарам низ тӯҳфаҳо овард,
Сарупои гаронбаҳо овард.

Сонӣ омад зи дуру аз наздик
Меҳмони зиёд бар табрик.

Омаданд инчунин рафиқонам,
Дӯстонам, шарикдарсонам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пош доданд аз сарам пулу гул,
Одатест ин ба халқи мо маъмул.

Давра бигрифта рақсҳо кардем,
Ҳазлу бозии дилкушо кардем.

Ҳамаро бо табассуми часпон
Модарам чеғ зад ба дастурхон.

Ногаҳон... ғуррише ба гӯш расид,
Ғул-ғули таркише ба гӯш расид.

Ҳама дар як нафас ҳаросон шуд,
Хона бар хонааш гурезон шуд.

Дидам ин ки дар осмони соф
Як самолёт, ҳамчу зоғи масоф,

Қарда парвоз паст меояд,
То кунун боз бомба партояд.

Made in USA — хатти болаш буд,
Дуди ғафс аз қафо кашолаш буд.

Во ачаб, гуфтам, ин худаш чӣ кор?
Ман ба чӣ ҳол? Хоб ё бедор?

Пас карахт истода бематлаб,
Баъд аз он тохтам сӯи мактаб.

Ҷои мактаб алангае дидам,
Сутуни чанги рангае дидам.

Дуду хок аз ҳаво ба ҳам мезад,
Даҳшат аз ҳар тараф қадам мезад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Боз таркид бомбаи дигар,
Қард гӯши маро садояш кар.

Ман ҳанӯз истода будам мот,
Ногаҳон сӯхт, пора шуд самолёт...

Пас шитобон ба хона баргаштам,
Худ будам хаста, хастатар гаштам.

Суст шуд ногаҳон ду пою ду даст,
Нафасам дар гулӯ гиреҳе баст.

Хона не, ҳавзи хирае дидам,
Боғ не, лавҳи тирае дидам.

Модарам хоб рафта буд дар хок,
Фарқи сар пора, сандуқи дил чок.

«Очаҷон, очаҷон, туро кӣ кушт?!»
Гуфтаму бар сарам задам бо мушт.

Доду фарьёд карда афтодам,
Пас чиҳо шуд? Набуд дар ёдам...

Лолаҷон, бор шуд ба дил ғами нав,
Беҳтараш, ман нагӯяму нашунав.

Хуллас, аз модарам ҷудо гаштам,
Ман зи болу парам ҷудо гаштам.

Очаҷон, очаҷони ширинам,
Ман дигар рӯи ту намебинам.

Очаҷон, очаҷон, басабрӣ ту,
Гул шинонам ба рӯи қабри ту.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Очаҷон, очаҷони ноёбам,
Лоақал як даро ту бар хобам.

Модарам, оҳ, модари дилсӯз,
Духтарашро ниҳоду рафт он рӯз.

Меҳри вай мисли чашма ҷӯшон буд,
Бемаҳал зери бомба қурбон шуд.

Падарам баъди он силоҳ гирифт,
Зидди хасми диёр роҳ гирифт.

Аз ҳамон рӯз дар набард аст ӯ,
Дар шабехуну ҷанг мард аст ӯ.

Меситонад қасос аз душман,
Интиқоми шаҳидҳои Ватан.

Янкиҳо захру марг боронданд,
Бачаҳоро ятим мононданд...

Мо дар Артек муваққатӣ меҳмон,
Дар бари дӯстони ҷоноҷон.

Сӯи Вьетнам равон шавем аз нав,
Дар сафи ғолибон шавем аз нав.

Ман ҳам он ҷо яроқ мегирам,
Ҷон диҳад душман аз дами тирам.

Лолаҷон, эй дугонаи ширин,
Сурати Тихиҷони худро бин...

Мон, ки ин бар ту ёдгор шавад,
Дӯстимон ҳам устувор шавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман ба авлоди навраси тоҷик,
Мефиристам салому хоҳиши нек.

Ветнам аз хасмҳо шуда озод,
Шоду хуррам чу Тоҷикистон бод!

*Апрели соли 1966*

## «ДӮСТОН ОИНАИ ЯКДИГАРАНД»

Пас аз ноништа чаққон хест Акрам,
Равон шуд сӯи мактаб шоду хуррам.
Намуда савти хуберо тараннум,
Нигаҳ мекард ҳар сӯ бо табассум.
Пагоҳӣ кӯчаҳо хеле тамошост,
Ба ҳар сӯ рафтуои пиру барност.
Машинҳо аз раҳи асфальтӣ тозанд,
Иморатҳои зебо сарфарозанд.
Аз оғӯши дарахтони хиёбон
Ба сӯи кори худ ҳар кас шитобон.
Мисоли гул аз ин Акрам фараҳманд,
Ниҳоят аз ҳаёти хеш хурсанд,
Ки вай ҳам меравад бо мавҷи онҳо
Ба ҷои «кори» худ мисли калонҳо.
Дар ин субҳи сафои даври озод
Чӣ хел охир набошад хурраму шод?
Расонида ба охир хонданашро,
Падар омад зи Маскав дина бегоҳ.
Чу костюми сиёҳу туфлии зард,
Ба Акрам тӯҳфаҳои нағз овард.
Намуд аз пойтахти мо ҳикоят,
Ки буд он завқовар бениҳоят.
Ба ғайр аз ин,
умуман... корҳо нағз,
Ба мактаб хонданаш нағзу баҳо нағз.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Супориш аз арифметика тайёр,
Забони русиро ҳам кард такрор.
Ҳам аз таҳлили ҷумла, ҳам зи тақсим
Баҳояш «панҷ» агар пурсад муаллим.
Падар овардагӣ нав сумка дар даст,
Кунун Акрам қадам мемонд пайваст.
Ана, мактаб намоён гашт аз дур,
Ки саҳнаш аллакай аз бачаҳо пур.
Яке аз дӯстони беҳтаринаш,
Ана, Шодӣ-рафиқу ҳамнишинаш.
Ба назди Шодӣ ҳозир меравад ӯ,
Шарафманди саломаш мешавад ӯ.
Ду кас-ду дӯст боз аз рӯи одат,
Намоянд аз тамоми соҳа сӯҳбат.
Бигӯяд Шодӣ, албатта, чӣ гуна
Қоманди ӯ бишуд дина намуна.
Сухан ё меравад аз журнали нав,
Ва ё дар бораи метрои Маскав...
Умуман ҷуръат бошад, гапат ҳаст,
Ҳамеша фикри ту бо ӯст пайваст.
Ана, ҳозир ба наздаш мебиёяд,
Фараҳмандона сӯҳбат менамояд...
Вале Шодӣ чаро ин гуна рӯ тофт,
Чаро диду вале бар синф биштофт?
Саломе ҳам надод — ин бо чӣ мазмун?
Чаро имрӯз авзоаш дигаргун?
Чаро ин гуна аз Акрам рамид ӯ,
Чӣ гап бошад, тамоман ё надид ӯ?
Равон Акрам ба ҳайрат сӯи дар шуд,
Дилаш аз меҳри мактаб гармтар шуд.
Зали мактаб васеъ,
озода, пурнур,
Зи ҳуснаш бачагон шоданду масрур.
Чу мавҷе зинаҳо ду сӯ ситода,

16—307



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дари ҳар синф бо меҳре кушода.
Гурӯҳе дуртар, дар назди девор,
Намоянд аз чӣ бошад, баҳсу гуфтор.
«Дар он ҷо ҳаст хонданбоб чизе,—
Равам ман ҳам,—
бигуфт Акрам,— ба тезӣ».
Газета будааст он ҷо ба девор,
Ҳама меҳонд аз он ҳар гуна ахбор.
Намоён аст дар боло шиоре,
Шиори равшани хушрангуборе:
«Намуда вақти худро нағз тақсим,
Амал кун доимо аз рӯи режим».
Қасе меҳонд бо овози бурро
Зи такрории дарсу рафти иншо.
Яке бо шавқмандӣ менависад,
Зи қавли баччагону кори отряд.
Бихонданд инчунин з-он, ки Ҳанифа
Зи бепарвогиҳои як писарча
Чӣ сон тайёр месозад вазифа.
Дар он ҷо буд алоҳида хабарча.
Сутуни охирин ҳам диққатангез,
Қанӣ, хонам фельетончаро тез.
Аҷоиб расм ҳам дорад, ки рухсор
Якеро заъфарону ғуссаосор.
Муаллифаш Самеев Шодиҷон-ку,
Шудаст ӯ мухбиру кораш калон-ку!
Қиро танқиди ҳаққонӣ намудаст?
Қӣ ин хел аз спорт безор будаст?
«Ба ман ҳамсинф як хонандае ҳаст,
Ба дил табъаш баланду ғайраташ паст.
Агарчи хондани ӯ мисли булбул,
Намегардад ба физкультура машғул.
Ба вай гӯё надорад ҳеҷ арзиш,
Городкибозию турнику варзиш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гурезон доимо аз тӯббозӣ,
Қиноя мекунад, ки судья — «қозӣ».
Давидан ҳам барояш дарди сар аст,
Зи дуньёи спортӣ бехабар аст.
Шавам иқрор бо ғамгинӣ ин дам,
Ки номи он рафиқи мост «Акрам!»
Пионерон баробар ханда карданд,
Рафиқи худ аз ин шарманда карданд.
Намебардошт Акрам чашму абрӯ,
Ҳама гӯё нигаҳ мекард бар ӯ.
Вай аз шарму ҳаё рӯ чун шафақ кард,
Ҳаво сардасту аммо ӯ арақ кард.
Кунун равшан: чаро Шодӣ пагоҳӣ
Шитобон шуд ба сӯи синф роҳӣ.
Магар аз дӯст буд ин гуна уммед?
Чӣ хел ӯ ин суханҳоро раво дид?
Садои занг ӯро кард ҳушьёр,
Ба синфи худ даромад чору ночор.
Яке аз партаи сеюм ба зудӣ
Бигуфт:
«Акрам, рекорди нав намудӣ».
Ҳанифа гуфт бо шӯхӣ ҳамоно:
«Биё, эй чемпиони отряди мо!»
Ҳама қаҳ-қоҳ хандиданду Акрам
Гузашт аз байни онҳо бо сари хам.
Аз ин гуна пичинги ҷӯраҳояш
Тамоман суст мешуд дасту пояш.
Муаллим чун даромад дарс сар шуд,
Қаме ғам аз дили Акрам бадар шуд.
Ҷавоби додаи ӯ буд пурра
Гирифт аълою дар дил гуфт, урра.
Ба Шодӣ он дам оҳиста назар кард,
Ки гӯё «Аз дуи мо кӣ зафар кард?».
Муаллим дод мавзӯҳою фармуд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нависад ҳар касе иншон худ зуд.
Аҷаб шавқовару хуб аст ин фан,
Шурӯъ бинмуд ҳар кас бар навиштан.
Яке ину дигар он менавиштанд,
Ба ҳар тарзе рафиқон менавиштанд.
Ба ғайр аз шит-шити перо ба ду гӯш
Намеомад садое, синф-хомӯш
Зи тиреза ба берун Шодӣ рӯ кард,
Суханҳои муносиб ҷустуҷӯ кард.
«Навиштан мумкин аст, он чӣ ки бинам,
Зи ҳусни ин диёри нозанинам».
Ҳаво сард асту фасли тирамоҳ аст,
Дарахтонро ба сар зарринкулоҳ аст.
Кунун дар пушти тиреза намоён,
Ки мерезанд баргони дарахтон.
Сутуне дар ҳаво чун гирдбод аст —
Бухори дудкашҳои завод аст.
Зи шоссе бо навои шодиёна
Мошинҳои пур аз пахта равона.
Ҳамон кӯҳе, ки тобон аст аз дур,
Походбобу ба сайру гашт машҳур,
Ба боло абрҳои парча-парча,
Ба поён бешаи анбӯҳи арча...
Ҳамин хел сар намояд, ё дигар хел,
Аҷаб иншонависӣ кори мушкил.
Кашид оҳеву Шодӣ кард он дам
Нигаҳ оҳиста сӯи ҷӯра-Акрам.
— Муаллим, ман шудам!— ин буд нидое,
Нидои аввали форамсадое.
Нигаҳ бинмуд ҳар кас сӯи Акрам,
Ҳасадкоронаю ҳайрону лаб дам.
Супурда бар муаллим зуд иншо,
Намуд ӯ фикр аз нав фельетонро...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

Ҳамон рӯз он ду ҷӯра «қаҳрӣ» буданд,
На вохӯрдӣ, на сӯҳбат менамуданд.
Яке аз ҳаҷви сахти дӯст ҳайрон,
Дигар аз кардагӣ кораш пушаймон.
Яке аз ғам намедонад чӣ гӯяд,
Дигар аз шарм илоҷи сулҳ ҷӯяд.
Ду кас дар фикру сарҳо хам нишаста,
Зи ҳарфи барзиёдӣ лаб бубаста.
Намегӯям агарчанде ба тафсил,
Шуд ин гуна тамом онрӯза таҳсил.

* * *

Ба берун рафт ҳар кас дарс хонда,
Ба ғайр аз Шодии дар синф монда.
Чӣ шуд кор оқибат? Бо ӯ чиҳо шуд?
Наход аз ҷӯраи ҷонӣ ҷудо шуд?
Нагуфтаст ӯ ба ғайри он чи ки ҳаст,
Чӣ бояд кард, гар аҳвол ин аст?
Чаро пеш аз навиштан ӯ насанҷид?
Чаро Акрам аз ӯ бисьёр ранҷид?
Магар ин фельетонаш сахтмазмун,
Магар ин кораш аз одоб берун?
Худи ӯро-ку аз ин пеш — як вақт
Газета карда буд ҳаҷви чунин сахт.
Вале Шодӣ аз он асло наранҷид,
Ҳамон камбудие, ки дошт фаҳмид.
Намуд аз физика дониш мукаммал,
Баҳои бад ба аъло шуд мубаддал...
— Гузор, Акрам ҳам инро нағз санҷад,
Зи танқиди рафиқона наранҷад,—
Чунин гуфту зи парта хест чаққон,
Ба сӯи ҳавлии худ шуд шитобон...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Пионерон зи кӯча сӯи хона
Ҳама саф-саф ба хурсандӣ равона.
Вале Акрам ба дил ҷо дода ғамро,
Чунин оҳиста мемонад қадамро.
Падарро менамояд ӯ тасаввур,
Ки омад дина бегоҳ аз раҳи дур.
Ба Акрам боварии ӯ калон аст,
Ки фарзандаш ба мактаб нағзхон аст.
Гар ин танқиди ҳаққонӣ бифаҳмад,
Намегӯяд падар, албатта, раҳмат.
Қаме истод чун омад ба ҳавлӣ,
Диҳад то ин ки худро ӯ тасаллӣ.
Ба ногаҳ модараш аз рӯ ба рӯяш
Баромад, сар намуда гуфтугӯяш.
— Чаро дер омадӣ, эй ҷони модар?
Чаро истодаӣ дар паҳлуи дар?
Магар дарсат ягон соат фузун шуд?
Бигӯ,
        имрӯза таҳсили ту чун шуд?
— Маро андар газета сахт танқид
Намудастанд...
— Хӯш, он бар чӣ оид?
— Ки шавқи ман ба физкультура суст аст,
— Чунин танқид дар ҳаққат дуруст аст!
Ба Акрам ин гапи модар асар кард,
Аламҳои дилашро тозатар кард.
Шуд ӯ дохил ба хона чору ночор,
Падар бевақт бармегардад аз кор...

* * *

Гаҳе гардида аз паҳлӯ ба паҳлӯ,
Ҳамон шаб фикр карду фикр кард ӯ.
Намеомад ба чашмаш хоб асло,
Хаёлаш менамуд сайри кӯҷоҳо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳама саргарми хоб, атроф-хомӯш,
Гирифтаст осмон маҳро дар оғуш.
Вале ӯ то ба ҳоло буд бедор,
Гаҳе рӯяш ба боло, гаҳ ба девор.
Пас аз наззораи гардиши маҳтоб,
Бирафт оҳиста ӯ дар оламн хоб.
Нафас осуда-осуда кашида,
Ба хобаш ким-чиҳои нағз дида,
Табассум менамуду шодӣ мекард,
Аҷоиб бозиҳо бо Шодӣ мекард.
...Замин гӯё чу кӯрпа нарм будаст,
Ҳаво гӯё чу печка гарм будаст.
Ду кас тозон ба соҳил медавиданд,
Ба якдигар ба шӯхӣ мерасиданд.
Баногоҳ Акрам аз ҷо ҷасту озод.
Қабӯтарвор парвозе намуд шод.
Ба поён бингарад дарьё равон аст,
Ба боло сабзу хуррам осмон аст.
Ана, оҳиста-оҳиста фаромад,
Даруни об гӯё ки даромад.
Ана, Шодӣ ба сӯи ӯ шитобид,
Ана, Усмон, Ҳанифа, Қумрӣ, Обид.
Ба соҳил ӯ шино мекард бо шаст,
Чунон ҳам оби дарьё сард будаст...
...Вале бедор шуд Акрам ба ногаҳ,
Ки ғеҷидаст болопӯши ҷогаҳ...

* * *

— Бихез, Акрам!
— Ҳа, модарҷон.
— Қанӣ, хез!
— Чӣ гап?
— Хезу бирав назди падар тез.
Туро дар пешайвон интизор аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Барои чӣ?
— Намедонам, чӣ кор аст.
Баромад Акрам аз хона шитобон,
Ба айвон аз насими субҳ ларзон.
Падар машғули варзиш буд он ҷо
Шуда ҳар дам хаму поёну боло.
Ба чолокӣ нишастухез мекард,
Аҷоиб машқҳои тез мекард.
Шақаррос карда аз ин устухонаш,
Ҷило медод рӯи арғувонаш.
Ҳар он чизе, ки мефармуд диктор,
Падар мекард устодона такрор.
Ба ҳайрат монд Акрам дида ин ҳол:
«Падар-ку бача не,
марди калонсол!»
Зи ҷастухезу аз оҳанги форам,
Худ аз худ мавҷ мезад завқи одам.
Кашида тезу чаққон ҷомаи хеш,
Қадам партофт Акрам ҷониби пеш.
Ба рафтори падар ӯ пайравӣ кард,
Нишастухезу хеле дав-давӣ кард.
Ду кас аз якдигар мамнун гашта,
Дурахшончашму рӯ гулгун гашта,
Ба сард об аз миён боло бишустанд,
Ба пӯшидан либоси тоза ҷустанд.
Ба мисли чеҳраи гул баъди борон,
Шуд Акрам хурраму хушьёру хандон.
Намонд осори хобу сусткорӣ,
Ба лаззат гашт онрӯза наҳорӣ.
Чу варзиш иштиҳоро дод оро,
Фатиру чои қандин шуд гуворо.
Падар дар вақти ноништо ба Акрам
Намуд хотиррасон: бояд, ки одам
Ба физкультура рағбат баста доим,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Шавад мустаҳкаму хушзеҳну солим.
Пас аз он бо табассум гуфт пайваст:
«Рафиқат Шодӣ ҳаққонӣ навиштаст».

* * *

Равон гардида сӯи мактаби худ,
Ба дил Акрам басе андеша бинмуд:
Ки акнун фикри худ бар Шодӣ гӯяд,
Раҳи сулҳу сафо бояд биҷӯяд.
Баромад ӯ чун аз паскӯча, ногоҳ
Дучор омад ба Шодӣ дар сари роҳ.
— Салом, Акрам!
— Чӣ мехоҳӣ?
— Гапам ҳаст.
— Пас аз оне ки тарбуз аз бағал҆ ҷаст?!
Маро расво намудӣ, ин чӣ пастӣ?
Ту аҳди дӯстии худ шикастӣ.
Ба танҳоӣ нагуфтӣ — мешунидам,
Набуд ин гуна аз ту ҳеҷ умедам...
— Маро мебахшӣ, Акрамҷон, гапат рост,
Қаме, албатта, ин рафтор беҷост.
Вале, медонӣ, бегоҳӣ муҳаррир
Маро якбора диду гуфт «ҳозир
Ба мо даркор шуд як фельетоне,
Чӣ мешуд, ки ту ҳам ёрӣ расонӣ.
Ба мо номи чунон шахсест даркор,
Ки бошад он зи физкультура безор».
Дар он ҷо фикр кардам, фикр кардам,
Фақат ин гуна кас ту будӣ, Акрам.
Наранҷ, эй ҷӯраҷон, ин гап ҳақиқат,
Ба мисли пеш мебошам рафиқат.
Ту ҳам бинвис хатогиҳои манро,
Намеранҷам ман аз танқид асло.
— Маро ҳам бахш,— гуфт Акрам ба Шодӣ,—



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ту бо ҳаҷват маро огоҳӣ додӣ.
Спорт, албатта, нафъи тоза дорад,
Фараҳмандии беандоза дорад.
Қунун машғул шавам бо тӯббозӣ,
Қунам гаимнастика бо сарфарозӣ.
Вале мебош ту ёрирасонам,
Қи то ман шартҳои он тавонам.
Насозад ҳеҷ ҳамсинфам маломат,
Шавам чолоку чаққону саломат.
Чунон кӯшиш намоям, то ки имсол
Зафар созем дар бозии футбол.
Қабул кун бар команди худ маро ҳам.
— Ба ҷону дил, рафиқи ҷонӣ — Акрам!
Намуда Шодӣ ғамҳоро фаромӯш,
Қашид ӯро самимона ба оғӯш.
Намеғунҷид аз хурсандӣ дар пӯст,
Қи Акрам боз бо ӯ беҳтарин дӯст.
Ба он ҷо омад он лаҳза муаллим.
— Баҳоҳоро ба мо гӯед, донем.
— Чӣ пинҳон созам, аз динангӣ иншо
Фақат Акрам баҳо бигрифт аъло.
Вале, Шодӣ баҳои ту каме паст,
Дар имло боз ҳам камбудиат ҳаст.
Расон, Акрам ту бар ӯ ёрмандӣ,
Дар имлову мураккаб ҷумлабандӣ.
— Муаллимҷон, ҳамеша,— гуфт Акрам,—
Ба ҳар як дӯст ёрӣ мерасонам.
Ба китфи ду рафиқ дасташ ниҳода,
Муаллим гуфт: «Хуб аст ин ифода.
Агар ҳар ду ҳақиқӣ дӯст бошед,
Вафодору рафиқу дӯст бошед,
Далерӣ, ростгӯӣ карда пеша,
Бигӯед айби якдигар ҳамеша.
Адолатпарвару бекина бошед,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Барои ҳамдигар оина бошед».
«Ҳамин,— гуфт Акрам,—
аз ин дам шиорам,
Ман аз ҷон дасти Шодӣ мефишорам».
Намуд изҳор бо мамнунӣ Шодӣ:
«Ба ман ту аз бародар ҳам зиёдӣ».
Ду кас гуфтанд раҳмат бар муаллим,
Ки доим медиҳад тарбия-таълим.

* * *

Ту, эй хонандаи даврони озод,
Аз ин ибрат бигиру дор дар ёд.
Наранҷ аз зарби танқиди рафиқат,
Амал кун доим аз рӯи ҳақиқат.
Ҳамеша дӯстдори илму фан бош,
Яке фарзанди маҳбуби Ватан бош.

## «ОШНОҲО»

Дар яке бешаи сари роҳе
Зиндагӣ менамуд рӯбоҳе.

Вай ки айёру корчаллон буд,
Доимо сер буду хандон буд.

Ӯ зи ҳар ҷо ба ҳилаю найранг
Медаровард луқмае бар чанг.

Кори худро ҳамеша буд месохт,
Душманашро ба дом меандохт.

Баъди якчанд сол вай аммо,
Оҷизу пир хис намуд худро.

Дасту пояш шуданд бедармон,
Қувваташ рафту гашт дарди миён.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бахри авқоти серие акнун
Буд ҷонбозиҳои ӯ афзун.

Аз алам чашмҳо пиёла шуда,
Думи ӯ бар замин кашола шуда,

Ҳар тарафро чу гурба бӯ мекард,
Ҳилаи тоза ҷустуҷӯ мекард.

* * *

Буд як гург ҳам дар он беша,
Зӯру даррандаву ситампеша.

Сайди вай ҳар шабона дар қишлоқ,
Буд гӯсфанду барраву тайлоқ.

Рафта-рафта шикор чун кам шуд,
Қам шуд авқоту гург дар ғам шуд.

Ӯ равон гашт назди он рӯбоҳ
Рӯ ба рӯ омаданд дар сари роҳ.

Гург дарҳол бесаволу ҷавоб
Бо чунин даҳшате намуд хитоб:

— Хайрият, ёфт гаштӣ дар охир,
Ман туро хом мехӯрам ҳозир!

Аз чунин дӯғи ғург ларзида,
Гуфт рӯбоҳи сахт тарсида:

— Гӯштам сахту хушку белаззат,
Ба даҳан олудан намеарзад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Беҳтараш ин ки ҳар ду аҳл шавем,
Аз паи корҳои саҳл шавем.

Чун шумо ман гуруснаю пирам,
Гӯш созед як ба тадбирам.

Ҳар дуи мо шавем агар якдил,
Бартараф мешавад ҳама мушкил,

Менамоем ҳар ду деҳқонӣ,
Ҳосил ояд аз он фаровонӣ.

Баҳравар аз ҳаёт мегардем,
Доимо серу шод мегардем.

З-ин сухан гург гашта нарму ҳалим,
Гуфт: «Аввал чи чиз мекорем?»

Гуфт рӯбаҳ: «Зи ҳосили пурмағз
Масалан, лаблабуи қандӣ нағз».

— Рост мегӯӣ, хоҳарам рӯбоҳ,
Ман вале нестам зи кишт огоҳ.

— Ҳеҷ гап не, шумо гирифта ёд,
Ман барин зуд мешавед устод.

Аз шумо кам-каме мадад кардан,
Корҳои асосиаш тани ман.—

Хулласи гап, ки гургро розӣ
Карда рӯбоҳ бо сарафрозӣ

Як заминро ҷудо намуд он гоҳ,
Он замин буд сахту пур зи гиёҳ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Хар барин кор карда рӯзи дароз,
Гург онро намуд хеле соз.

Сангу хошокро ба дур афканд,
То ба он киштгоҳ ҷӯе канд.

Баъд аз он кард қитъаро шудгор,
Панҷаҳояш шуданд аз ин хуншор.

Бегаҳӣ монда зери обу арақ,
Гашта аз зарби кори сахт шалақ.

Гург камтар зи оби сард чашид,
Дар сари он замин дароз кашид.

Шуд равон лек рӯбаҳи айёр,
Ҷониби деҳа аз барои шикор.

Чӯҷае дошту шикам пур кард,
Тухмии хуб ҳам ба даст овард.

Шаб гузашту шафақ дурахшон шуд,
Боз саҳрову беша тобон шуд.

Рӯбаҳи кордон ба чаққонӣ,
Гашт саргарми кори деҳқонӣ.

Бо думаш мола кардаву ҳамвор,
Тухмӣ пошид ӯ қатор-қатор.

Баъд аз он ӯ ба гург гуфт чунин:
— Шартҳои зарури кишт ҳамин.

Додарам, бишнавед, аз ин пас,
Қоратон посбонӣ асту бас.—



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қиштро гург посбонӣ кард,
Лек рӯбоҳ даврронӣ кард.

Рӯзҳо, ҳафтаҳо гузашт зиёд,
Ҳар ду он «ошно» ниҳоят шод.

Қишташон айни муддао сабзид,
Нағз ҳосил намуду нағз расид.

Сабз шуд лаблабуи қандишон,
Аз сабо баргҳои он ларзон.

Аз тамошои он замини васеъ,
Дили кас завқ менамуд басе.

Гуфт рӯбоҳ:—«Гург-ако акнун,
Лаблабу пухту ҳосилаш афзун.

Пас, намоем байни худ тақсим,
Ҳар яке ҳаққи хеш ғундорем.

Решаи қоқу сахти он дар паст,
Маҳрум аз офтоб хобидаст.

Баргаш, аммо чунон ки мебинед,
Пас, акоҷон, кадом мегиред?»

Гург бе ҳеҷ фикру андеша,
Гуфт: «Даркор не. ба ман реша.

Дида истодаӣ, ки ман пирам,
Нармакак баргҳош мегирам».

Ханда карда ба зери лаб рӯбоҳ,
Гуфт: «Ман розиям ба фикри шумо».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гурги бороннадида он ҷо зуд,
Ҳаққи худ баргро дарав бинмуд.

Чун равон шуд ба хонаи худ гург,
Зуд рӯбоҳ бо мароқи бузург.

Як ба як лаблабуи қандиро,
Аз замин кофта гирифт он ҷо.

Пас, шитобид сӯи хонаи худ,
Хонда дар роҳ ӯ таронаи худ:

«Ман рӯбоҳи маккорам,
Қорчаллону айёрам,

Ҳар мушкил бар ман осон,
Чаққонаму ҳушьёрам.

Агарчи куввагам кам,
Ақлу ҳушам дар ҷояш.

Доим мебошам хуррам,
Душман бинад ҷазояш».

* * *

Гург бар хона омаду чаққон,
Хӯрд аз барги лаблабу чандон.

Ишками холиро намуда пур,
Хост хобад кунун каме баҳузур...

Ногаҳон рӯдаҳои ӯ печид,
Ишкамаш дард карда меғуррид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ранги рӯ канду кард ӯ фарьёд,
Қай намуд он чи хӯрда буд авқот.

Сард-арақ рехт аз сараш ба замин,
Дасту пояш шуданд латта барин.

Лек рӯбоҳ даври худ меронд,
То саҳаргоҳ лунҷ меҷунбонд.

Лаблабуро қалам-қалам карда,
Як ба як ҷой бар шикам карда,

Мазза мекарду буд кайфаш чоқ,
Фориғ аз дуздии раҳи қишлоқ.

Буд рӯбоҳ серу хотирҷамъ,
Гурги нодон вале шарики ғам.

* * *

Соли дигар чу вақти кишт расид,
Боз рӯбоҳ «ошно»-ро дид.

Гург вохӯрдӣ карду пас аз он
Гург: «Имсол бо ту, хоҳарҷон,

Боз деҳқонӣ мекунем, аммо
Тухмии сабзавоти дигарро.

Лаблабу турш ҳасту бадхӯр бас,
Мешавад дарди шикам аз он кас.

Гуфт рӯбоҳ: «Хуб, мекобем,
Беҳтараш, тухмии карам ёбем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чунки аз сабзавотҳо асло,
Нест мисли карам дар ин дунъё

Қас пазад шўрбо аз он, ҳай-ҳай,
Мазза-да, мазза, боби хўрдан вай.

Ман, набошад, пагоҳ тухмашро
Мебиёрам.
Шумо ҳамин-ҳоло

Рафта созед он замин шудгор,
То ки бар коштан шавад тайёр».

Гург розӣ шуду равон гардид,
Рўбаҳ аз баҳри тухмӣ биштобид.

* * *

Ҳар ду карданд корҳо дар дашт,
Боз ҳам рўзу ҳафтаҳо бигузашт.

Аз замин тухмиҳояшон сабзид,
Айни хоҳиш карам самар бахшид.

Вақти ғундоштан расид аз нав,
Гург гуфт ин чунин ба рўбаҳ: «Рав!

Баргҳояш аз они ту, ғундор!
Ба ман ин дафъа решааш даркор!»

Аз чунин амрҳои бемаврид,
Рўбаҳи нобакор механдид.

«Хуб» гўён равона гардид ў,
Як ба як ҳосилотро чид ў.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пас, кашониду рехт дар анбор,
Бахри рӯбоҳ боз чӣ даркор?!

Қори вай доимо кунун роҳат,
Хӯрдану хобу гардишу сӯҳбат.

Бо карамшӯрбои лаблабудор
Хуб шуд сер рӯбаҳи айёр.

Гург бошад, чӣ гуна ки шуд ҳал,
Решаҳоро бибурд даставвал.

Сонӣ бо об тоза кард аз хок,
Пухт аз решаҳо ачиб хӯрок.

Решаҳои карам варам карда,
Ишкамашро таранг дам карда,

Боз ҳам гургро азоб бидод,
Ин «қарамшӯрбою» ин «авқот».

Вай шитобон зи чои худ барчаст,
Гуфт: «Ин ҳилаҳои рӯбох аст,

Ман, ки аз кори кишт бехабарам,
Рӯбаҳи пир медиҳад зарарам.

Меравам то диҳам чазояшро,
Фош бинмуда ҳиллаҳояшро».

Гург бо қаҳр рӯ намуд ба роҳ,
Омаду кӯфт ӯ дари рӯбоҳ:

— Хез, дарро кушо, падарлаънат,
Сонитар менамой ту роҳат.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Берун омад ҳамон замон рӯбоҳ:
— Гург-акоҷон чӣ гап, чӣ шуд ба шумо?

— Ту маро ин ду сол ин ҷониб,
Медиҳӣ фанд ҳозиру ғоиб.

Ман чу хар мекунам фақат меҳнат,
Қори ту гапфурӯшию роҳат.

Менамоӣ ҳуқуқи ман маҳдуд,
Мекунӣ ҳосилотро азхуд.

Гуфт рӯбоҳ: «Не, акоҷон, не!
Ин суханҳо зи рӯи виҷдон не!

Вақти тақсим доимо худатон,
Менамоед интихоби он.

Гар набошед розӣ, мепурсам,
Гашта гиред ҳаққи манро ҳам.

Ҳамааш истодааст ин ҷо,
Бурда ҳам месупурдаму аммо...

— Чӣ?
— Ба як ҷой рафтанӣ будам.

— Ба куҷо?
— Як ба гулшане хуррам.

Гург аз ин хел ҷой ҳайрон шуд,
Зуд аз баҳри сайр майлон шуд.

Дод з-ин рӯ давом пурсишро:
— Гӯй, рӯбоҳ, чист дар он ҷо?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Эх, дар он ҷо ба ғайри ҷони кас
Ҳама чизе, ки дил бихоҳад ҳаст!

Масалан, ман ба токи он қоил,
Ҳар сар ангур бар даҳан моил.

Гар бихоҳед, меравем ду кас,
Наравад то ки рӯзи хуб абас.

Гург бо шодмонӣ розӣ шуд,
Ин ба рӯбоҳ айни мақсад буд.

Рафтанд ҳар ду тозон,
Бар сӯи боғи ангур,

То ин ки шуд намоён,
Он боғи хуб аз дур.

Дар гирд-гирди он буд,
Аз қад баланд девор.

Чӣ хуш як обмӯрӣ,
Ба дида шуд намудор.

Рӯбаҳ гузашт аввал,
Чолоку чусту чаққон,

Пас гург ҳам даромад,
Бо як азоб аз он.

Ҳай-ҳай чӣ гуна зебо,
Овезаҳои ангур.

Ҳаррангаву дилоро,
Хурду калону пурнур.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рӯбоҳ хӯшаеро,
Қанду ба гург бахшид,

Аз шавқи хӯрдани он
Чашмони гург рахшид.

Маззакунон бихӯрданд,
Ангурро паси ҳам,

Ҳам шод буд рӯбоҳ,
Ҳам гург буд хуррам.

Рӯбоҳи пири айёр,
Оҳиставу ниҳонӣ,

Бинҳод аз як ангур
Ду донаро ба бинӣ.

Бар гург гуфт: Дидед,
Аз биниам баромад,

Зеро ки мӯл хӯрдам,
Мӯл аз даҳан даромад.

Фаҳмида гург инро,
Тақлид карданӣ шуд.

Аз бинӣ то бароянд,
Ангур хӯрданӣ шуд.

Шуд ишкамаш чунон пур
Нишаста монд дар ҷо.

Аз бинӣ лек ангур,
Наменамуд асло.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гург торафт беҳаловат шуд,
Аз паи хобу истироҳат шуд.

Боғ буд ҷои хавфнок валек,
Хонаи боғбон ҳам наздик.

Бо чунин ишками калон акнун,
Чун шавад з-обмӯрӣ вай берун?

Боз рӯбоҳ ғайб зад чун хоб,
Ин «ба болои сӯхта намакоб».

* * *

Рӯбаҳ он вақт шиппӣ беовоз,
Рафта буд назди боғбон дартоз.

Рафта вай як гурӯҳ деҳқонро
Диду зуд аз тиреза кард садо:

«Ҳой, як гурги дузди беинсоф,
Кард ангури токатонро соф.

Тезтар рафта, гургро доред,
Нобакори бузургро доред!»

Ин садоро шунида деҳқонон,
Ҳар яке бо каланди худ чаққон.

Ҷониби боғ раҳсипор шуданд,
Зуд бо гург ҳам дучор шуданд.

Гург дар обмӯрӣ дармонда,
Ҳеҷ ёрои по задан, ки надошт,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рӯбаҳи дайдуро аҷал хонда,
Сари худ аз замин намебардошт.

Ба сару тахтапушту гардани ӯ
Ногаҳон чӯбу сангҳо борид,

То ки аз мӯйҳоюю аз тани ӯ,
Араку қатра-қатра хун шорид.

Пушти ҳам мезаданд деҳқонон,
То даме ки нагашт вай беҷон.

Гуфт рӯбоҳ ҳоли ӯ чун дид,
«Хӯрдагиат баромад аз бинит!»

Пир рӯбоҳ дар сари девор
Дер бишшаст шоду миннатдор.

Аз чунин марги «ошно»-и худ,
Вай басе судманду розӣ буд.

Ногахон серқирра як шашпар,
Рост аз пеш зад ба фарқи сар.

Рӯбаҳ алвонҷ хӯрду паст афтод,
Аз чунин зарба ҷо ба ҷо ҷон дод...

Боғбон аз «шикор» болида,
Мӯи онро ба даст молида,

Бо табассум бигуфт худ бар худ:
«Як гиребони нагз хоҳад шуд!»

* * *

— Мурд он хар ду «ошно» он шом,
Қисса ҳам бо ҳамин бигашт тамом!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гуфту модаркалони маҳбубам,
Сар ба болин ниход хотирҷамъ.

Баъд аз ин ман вале намехуфтам,
Худ ба худ паст-паст мегуфтам:

Дар ҳақиқат, ҷазои бад ин аст,
Дарди бадро давои бад ин аст!

## СЕБИ ТИЛЛО

Замоне буд дар як кишвари дур
Муҳаммадхуҷа ном устои машҳур.

Вай аз ёқуту марвориду тилло
Ба кас месохт ашьёҳои зебо.

Гаҳе лаъличаи хушрангу боре,
Чу оташпора — гоҳе гушворе.

Гаҳе занҷири нуқра бахри соат,
Гаҳе заркуббаи боми иморат.

Ба мардон ҳанҷари тезу қашанге,
Ба занҳо бозубанди лоларанге...

Аз ин устои пурдону ҳунарманд
Тамоми одамон хурсанд буданд.

Муҳаммад ғайр аз он, ки ин ҳунар дошт,
Қалону хурд — зебо се писар дошт.

Қалонӣ Аҳмаду баъди вай Илҳом,
Умарҷон буд укои хурдиро ном.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Падар сохт аз барои ёдгорӣ
Ба онҳо як дарахти себдоре.

Танаш аз нуқраю себаш зи тилло,
Нигаҳ лағжад ба ҳангоми тамошо.

Агар хуршед пошад шӯълаи хеш,
Чараққас мезанад он беш аз пеш.

Ба шаб ҳам себҳо боби назора,
Дурахшон ҳар яке мисли ситора.

Зи акси шоху баргу меваи он
Тамоми хона мешуд нурборон.

Ба ҳар як навда зарсебе ҳамоил,
Ба ҳусни дилкашаш бинанда қоил.

Аз ин себ Аҳмаду Илҳом хурсанд,
Умарҷон низ субҳу шом хурсанд.

Ҳамеша вай саҳар аз хоб хезад,
Қадам аввал ба сӯи себ мезад.

Зи ҳусни зарниҳолаш завқ бурда,
Якояк меваҳояшро шумурда,

Пас ӯ бо хотири ҷамъу дили шод
Бадан бо варзиш обутоб медод.

Умарҷон буд умуман бачаи нағз,
Далеру чобуку доною пурмағз.

Дил андар баҳри дониш ғарқ мекард,
Ба ҳар кор аз акоҳо фарқ мекард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ба-д-ин минвол хубу ибратомӯз
Иваз шуд пушти ҳам чандин шабу рӯз.

Вале... боре Умарҷон синҷа бинмуд,
Ки заррин себи ӯ як дона кам буд!

Ба ин даргоҳ кӣ омад шабона?
Кадомин дузди чапдасти замона?

Чӣ гап ин? Кӣ гирифт онро? Кӣ кандаст?
Тамоми хона бо ин фикр банд аст.

Шаби оянда ҳам як себ кам шуд,
Ва ин такрор чанде пушти ҳам шуд.

Ҳама буданд аз ин асрори пинҳон
Ҳазину дар ғаму хотирпарешон.

Дигар тоқат накард Аҳмад ба ин кор,
Бирафту бар падар бинмуд изҳор,

Ки изнам деҳ, намоям посбонӣ
Ҳамин шаб себҳои арғувонӣ.

Шунида арзи фарзанди калонсол,
Муҳаммадхӯҷа рухсат дод дарҳол,

Ки то вай рӯз бинмуда шабонро,
Бигирад даст дузди ноаёнро.

Бишуд Аҳмад равон бар посбонӣ,
Қадам зад гирди себи арғувонӣ.

Валекин чун қариби нисфи шаб шуд,
Нафаҳмида баногоҳ дар ғанаб шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пагоҳӣ боз вақте ки шумурданд,
Пай аз гум гаштани як себ бурданд.

Пас аз ин гуфт фарзанди миёна,
Худам мепоям акнун себу хона.

Нахобам, рӯз бинмоям шабонро,
Бигирам даст дузди ноаёнро.

Вале Илҳом ҳам чун поси шаб шуд,
Ба зери себи тилло дар ғанаб шуд.

Пагоҳӣ боз вақте ки шумурданд,
Пай аз гум гаштани як себ бурданд.

Пас аз ин гуфт Умар ҳангоми хуфтан:
— Падарҷон, посбонӣ навбати ман.

Намоям ҳифзи себи сурхи заррин,
Бибуррам ҳар ду дасти дузди бадкин.

Муҳаммадхӯҷа хандид:— Эй Умарҷон,
«Намехобам тамоман» гуфтан осон.

Надидӣ, ки акоҳоят чӣ карданд?
Ҳамон вақте ки хоб ояд, чӣ карданд?

Ба ғайр аз ин, ту ҳастӣ гарчи бебок,
Шабона ҷанг бо раҳзан хатарнок.

Ту ҳоло хурдию шабҳо дароз аст,
Шабона ҷои ту ҷогоҳи ноз аст.

Умарҷон бори дигар илтиҷо кард,
Падарро оқибат аз худ ризо кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Бишуд он шаб ниҳоят тираву тор,
Намекарданд гӯё чашмҳо кор.

Саросар осмонро абр пӯшид,
Шамоли сахт шуд, борон хурӯшид.

Гаҳе якбора раъду барқ мешуд,
Ҷаҳон аз нав ба зулмат ғарқ мешуд.

Намедидӣ чӣ ҳаст андар қарибат,
Замини як қадам пешу ақибат.

Ба-д-ин минвол охир ними шаб шуд,
Ки мурғу моҳӣ ҳам таслими шаб шуд.

Ҳама дар хонаҳои гарм буд хоб,
Даруни кӯрпаҳои нарм буд хоб.

Фақат бедор биншаста Умарҷон,
Дарахти себро мешуд нигаҳбон.

Ба вай ҳам хоб акнун ҳамла мекард,
Сарашро рӯи зону тела мекард.

Паси ҳам суст мешуд узвҳояш,
Асабҳояш, мадори дасту пояш.

Кашида ҳар замон ҳамьёзаи сахт,
Буд андар орзуи ҷогаҳи тахт.

Вале бедор мебояд нишастан,
Нашояд аҳду паймонро шикастан.

Ҳимоят карда себи арғувонро,
Ба даст афтонда дузди беамонро,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пас аз он хобад ӯ бо хотири ҷамъ,
Ки қавли додааш қатъиву маҳкам.

Гурезонад барон он ки хоб ӯ,
Ҳамон дам хест аз ҷо бошитоб ӯ.

Ба гирди себи тиллоӣ қадам зад,
Зи нури тези он мижгон ба хам зад.

Ҳанӯз он буд сар то по тамошо,
Ки шох аз баргу барг аз шох зебо.

Дилаш пурифтихор аз ин дарахт аст,
Барои хонадон шодию бахт аст.

Ҳама дар хобу бедор аст Умарҷон,
Ба ҳифзи себ тайёр аст Умарҷон.

Вале аз ҳамлаи хоб аст дар хавф,
Зи макри дузди нобоб аст дар ҳавф.

Чӣ бояд кард, то хобаш наояд,
Шинад бедору роҳи дузд пояд.

Намонад, ки дигар себаш шавад гум,
Ба даст афтад ҳамон ғоратгари шум.

Паронад хоби худро то ки аз сар,
Умар чаққон ба каф бигрифт ханҷар.

Дамашро карда бо як латтае пок,
Намуд ангушти худро андаке чок.

Парид аз дарди он хобаш тамоман,
Чакид аз нӯки лелак хуни равшан...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамин тавр, ӯ ду-се соат қадам зад,
Зи нав хоб омаду мижгон ба ҳам зад.

Намак бигрифт Умарҷон аз намакдон.
Ба ҷои захм пошид андак аз он.

Ҷаҳид аз ҷо зи дарди сӯзишовар,
Парид аз нав тамоман хобаш аз сар.

Қуфу суф карда ҷои захми ангушт.
Намуда аз азобаш дастро мушт,

Ба ин сӯю ба он сӯ роҳ мегашт,
Зи мақсадҳои худ огоҳ мегашт.

Шаб орому саҳар наздик мешуд,
Пас аз тӯфон ҳавои нек мешуд...

Дар ин вақт аз дар овозе баромад,
Ба хона ногаҳон деве даромад.

Пару болаш сиёҳу чашмхо сурх,
Ду дасташ маллarангу банди по сурх.

Сараш чун гурбаю тан мисли калхот,
Вале пояш чу пои одамизод.

Аз афташ, бехабар вай аз Умарҷон,
Мисоли ҳаршаба чаққону шодон,

Ҷаҳида омаду аз себи тилло
Ба чанг овард оҳиста якеро.

Умарҷон, дастаи ханҷар ба мушташ,
Ниҳонӣ рафту зарбе зад ба пушташ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба мисли бонги уштур дев нидо кард,
Зи панҷа себи тиллоӣ раҳо кард.

Фиғоне карду рӯболо бияфтод,
Умар дар синаи ӯ пой бинҳод.

Қашида бори дигар ханҷарашро,
Бурид аз бехашон болу парашро.

Шуда аз зарби ӯ оғуштаи хун,
Баромад ҷони деви зишту малъун.

Зи чанги дев дарида куртаҳояш,
Агарчи захмгин шуд дасту пояш,

Умарҷон баъд аз ин ғалтиду хобид,
Шафақ дар осмони Шарқ тобид...

Пагоҳӣ бохабар шуд аҳли хона,
Зи деви мурдаю ҷанги шабона.

Калону хурд ин сӯ медавиданд,
Ҳама ангушти ҳайрат мегазиданд.

Ба ин хел ақлу бебокию тамкин,
Зану мард офарин хонданду таҳсин.

Вуҷуди деви манфур бенишон шуд,
Далерии Умарҷон достон шуд.

Дарахти беҳтарини рӯи дунъё,
Ки баргаш нуқраю себаш зи тилло,

Ҳамин тавр аз хатарҳо дар амон шуд,
Зи нураш дар фалак тирукамон шуд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чунин эъҷоз ҳоло дар куҷояст?
Дарахти себи симу зар куҷояст?

Ҳанӯз азбаски мебинам ба хобам,
Ниҳоят ҷо гирифт он дар китобам.

Аз ин афсонаи ман баҳра гиред,
Шумо ҳам зинда бошеду намиред.

*Душанбе, январи соли 1966*

## ҲУКМИ ВИҶДОН

Чашм аз бедорхобӣ сурхтоб,
Кунҷи лабҳо дар кашиш аз изтироб.

Шокир омад сарҳаму зору малул,
Котиби райком кард ӯро қабул.

— Марҳамат,— гуфт ӯ,— чӣ гап шуд аз саҳар?
Хотират аз чӣ парешон ин қадар?

— Баъди фардо,— гуфт Шокир дар ҷавоб,—
Маҷлиси колхозу рӯзи интихоб.

Аз шумо мепурсам, эй котиб, мадад,
Зуд бояд ёфт дигар номзад.

Чунки ман лоиқ ба ин мансаб наям,
Мезанад чангол виҷдон аз паям...

Котиб аз ин арзи ғайричашмдошт,
Лол гашту кори худ як сӯ гузошт.

Ӯ ба чашму гӯши худ бовар накард,
Чанд муддат пурсуҷӯро сар накард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дасти худ молида бар чашму ба рӯ,
Дар дилаш: «Девона шуд?— мегуфт ӯ.

Чунки Шокир буд аз фаъолҳо,
Раҳбарӣ мекард чандин солҳо.

Ҳар супориш, ки ба колхозаш диҳанд,
Карда иҷро, обрӯяш буд баланд.

Аз паи кор асту беором ҳам,
З-ӯ шикоят нест дар райком ҳам.

Чӣ ба ин иқдоми ӯ боис шудаст?
Аз дусар, ин ҷо ягон асрор ҳаст.

Гуфт котиб:— Шин, дили ҳудро кафон,
Як ба як бинмой дардатро баён.

Кӣ ба ту гуфт ин, ки лоиқ нестӣ,
Ё раиси софу содиқ нестӣ?

Шокир оҳе баркашида аз ҷигар,
Посухи сарбаста доду мухтасар:

— Амри виҷдонам маро овард,— гуфт,
— Дар ҳақам ин хукм виҷдон кард,— гуфт.

— Зидди виҷдон шуд кадомин кори ту?
— Ҳозир онро мекунам изҳори ту.

* * *

Обмони ҳозира — Ориф Ҳасан
Як замонҳое муовин буд ба ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Буд вай деҳқони чашми кордон,
Хоҷагиро хуб медонист он.

Дар тамоми соҳаҳо фаъол буд,
Ҳар чӣ пурсӣ, воқиф аз аҳвол буд.

Бо ташаббус, бо ҷадал, бо арзу дод,
Ӯ навад гектар замини нав кушод.

Нони аъзоёни мо мешуд бутун,
Харҷ кам мегашту дахли мо фузун.

Мо клубу молхона сохтем,
Истиқоматгоҳҳо андохтем.

Яслии нав ҳам зи кӯшишҳои ӯст,
Роҳ то он мумфарш асту накӯст.

Ман будам аз ғайрати Ориф ризо,
Эътиқодам буд, ки ҳар кораш баҷо.

Доимо мекард вай эъзози ман,
Бохабар мешуд зи ҳар як рози ман.

Гарчи бо ман ҳамқадаҳ ҳар дам набуд,
Гапзанеш аз бинӣ боло ҳам набуд.

Лек дар як маҷлиси партиявӣ
Душмании ӯ бишуд бар ман қавӣ.

Зидди ман гап зад чунон бо эҳтирос,
Тут гӯям, бед мегуфту халос.

Гӯиё қасдан маро карда хиҷил,
Аз вазорат буд он ҷо як вакил.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гуфт Ориф мушти худ бардошта:
Қисми ҳосил монд ноғундошта!

Гӯиё бо айби ман будаст ин,
Ман ҷудо нокардаам дуто машин.

Пахта аз ин рӯ ба майдон мондааст,
Зери барфу зери борон мондааст.

Боз гӯё худсару худбоварам,
Нест фикри маслиҳат андар сарам...

Айнакие, к-аз вазорат буд вакил,
Мегирифтӣ ин суханҳоро ба дил.

Чунки баъди аз клуб берун шудан,
Мегурезонд ӯ нигоҳашро зи ман.

«Хайр,— гуфтам дар дилам,— ҳоло **бубин,**
Рафтани Ориф аз ин мансаб яқин.

Вақташ ояд, ончунон бобаш кунам,
Бохабар аз дарси одобаш кунам.

Обрӯи раҳбаронро рехтан,
Оташи иғвогарӣ ангехтан,

Шартакигӯию беандешагӣ,
Мешавад боис ба кӯтаҳрешагӣ.

Меситонам ман қасоси хешро,
Зуд меёбам асоси хешро».

...Баъди як моҳе лаби баҳри Хазар
Даҳ-дувоздаҳрӯза будам дар сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Омадам, ки мухбире биншастааст,
Ӯ шикоятномае дорад ба даст.

Духтари ноболиғеро дар деҳот
Бо қалини пурраю молу бисот

Беризои худ ба шавҳар додаанд,
Тӯи карнайдори пурфар додаанд.

Шӯи ӯ будаст эшонзодае,
Солхӯрда марди зансардодае.

Келини нав сахт ғурбат кардааст,
То худи марказ шикоят кардааст.

— Меравам аз нав ба хондан — гуфтааст,
Ё худамро мекушам ман! — гуфтааст.

Боз аҷибаш ин ки Орифбои пок
Рафта дар он тӯй кардаст иштирок.

Рақс бинмуда, арақ нӯшидааст,
Чун муовин ҷома ҳам пӯшидааст.

Дар дили ман ҷӯш зад қаҳру ғазаб,
Ин чӣ нангу ор, гуфтам, ин чӣ гап?

Зуд даъват карда фаъолони деҳ,
Ман кушодан хостам банди гиреҳ.

Дар ҳузури мухбиру омӯзгор
Мо ба Ориф айбро кардем бор.

Ӯ намедонистааст ин ки ҳақир —
Духтарак ноболиғу домод пир.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Тӯй гуфта, сарфарозӣ кардааст,
Бо рафиқон рақсу бозӣ кардааст.

— Нағз дон,— гуфтам,— ту Ориф, коммунист,
Коммунист асло муросокор нест!

Макри эшонзодаро ангехтӣ,
Обрӯи ҷамъи моро рехтӣ.

Дар район ин тӯй доғи тоза шуд,
То ба марказ кори ту овоза шуд.

Духтарак мекард агар худро ҳалок,
Мезадем он гаҳ сари худро ба хок.

Ориф аз ин нутқи ман дам менишаст,
Айб дар гардан, сараш ҳам менишаст.

Холӣ аз мансаб намуда монугир
Мо варо кардем таъин бригадир.

Обрӯяш баъд аз ин гардид паст,
Қитъааш ҳам буд ҷои дурдаст.

Як замини санглохи бедарахт,
Мағзи сар месӯхт аз гармои сахт.

Лек Ориф буд марди шердил,
Одами пурдида, деҳқони асил.

Рӯзу шаб бо одамонаш кор кард,
Қитъаи худро расо шудгор кард.

Пахтазораш буд дар нашъунамо,
Номусоид буд агарчанде ҳаво.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хавфи он пеш омад ин ки ӯ зи нав
Мебарорад ном ҳамчун пешрав.

Ман халал додам ба авҷи кори ӯ,
Дер мебурдам ба манзил бори ӯ.

Механизму нурияш кофӣ набуд,
Ҳеҷ аз камбудияш софӣ набуд.

Ин варо дилтангу сарсон менамуд,
Нақшаҳояшро парешон менамуд.

Оқибат вай дар сафи саркорҳо
«Ҷои аввалро» гирифтӣ аз қафо.

Боз дар маҷлис тазаммум карда шуд,
Сахт мулзам байни мардум карда шуд.

Гашт дар охир қаторӣ-обмон.
Интиқоми худ гирифтам беамон,

Вай кунун дар қайди ҷому бодааст,
Аз ҷаҳон дилсарду рӯҳафтодааст.

На ба маҷлисҳо баромад мекунад,
На шикоят на хушомад мекунад.

Ин қасос овард бар қалбам фишор,
Гуфт виҷдонам, ки аз худ шарм дор!

* * *

Достони ишқ беҳадду ҳисоб,
Васфи он садҳост киною китоб.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ишқ сармавзӯи ҳар соҳибқалам,
Мезананд онро ба ҳар навъе рақам.

Гоҳ мегӯянд аз шодии он,
Гоҳ аз талхию бедодии он.

Гоҳ аз базми висолу лаззаташ,
Гоҳ аз дарди фироқу ғурбаташ.

Лек ман ошиқ набудам то ба ҳол
Аз таҳи дил бар ягон соҳибҷамол.

Ишқи ман буд то қарибӣ дар забон,
Баҳри он нагзаштам аз ҷону ҷаҳон.

...Дар қатори дигарон тӯям гузашт,
Духтаре чун зан ба паҳлӯям гузашт.

Гирди гулхан шуд суруди ёр-ёр,
То дамид оҳиста субҳи беғубор.

Ҳар касе, ки буд инро мунтазир,
Гуфт омин, ки шаветон қӯша пир.

Шуд баланд аз гӯшае бонги хурӯс,
Як ба як мондем домоду арӯс.

Гарчи бо ӯ аҳду паймонам набуд,
Ё ки ишқи гарму ҷӯшонам набуд,

Ҳар қадам эъзозу ҳурмат доштам,
Аз вафодореш миннат доштам.

Умр ҷорӣ буд чу оби ҷӯйбор,
Ман шудам хуллас, ки ду фарзанддор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Хурдияш моҳи мунаввар гаштааст,
Бо қадам дигар баробар гаштааст.

Хонадон орому корам соз буд,
Умри ман якранг дар парвоз буд.

То ки пайдо шуд, ту гӯй аз камин,
Агрономи нав — Сабои нозанин...

Ишқро сонӣ дилам эҳсос кард,
Бар тавоноии он ихлос кард.

Бе танобе ҳар тараф мебурдааст,
Чун анори пухта меафшурдааст.

Филро аз пой меафкандааст,
Кӯҳро аз ҷой меафкандааст.

Одами солим ҷигархун мешудаст,
Ростӣ, аз ақл берун мешудаст.

Пирро аз нав ҷавон мекардааст,
Рахнаҳо бар мағзи ҷон мекардааст.

Ҳайф, дар гулшан гули бехор нест,
Дар ҷаҳон бемонеа як кор нест.

Кӣ ба рӯзи сахт афтодаст? Ман!
Он шаҳе, к-аз тахт афтодаст, ман.

Дидаам дар умр занҳои зиёд,
Лек монанди Сабо гетӣ назод,

Лаъли хандон, рӯи гулгун дорад ӯ,
Чашми фаттон, қадди мавзун дорад ӯ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Банди айнакро расонида ба лаб,
Нозҳое мекунад зебо аҷаб.

Алҳазар аз қаҳру аз ранҷиданаш,
Бо азоби ҳаҷри худ санҷиданаш.

...Навбаҳорон буду олам шӯълабор,
Ҳар тараф қаҳқоси кабки кӯҳсор.

Оби рӯд аз шаршара дар рехтан,
Бод андар мушку анбар бехтан.

Сабзаву гул рақс мекард аз насим,
Лолаҳо густурда зери по гилем.

Синаи ҳарсангҳо гардида чок,
Ҳамчу дар афсона ҳар сӯ сеҳрнок.

Доштем он лаҳза ҳар ду бозгашт,
Аз чарогоҳе, ки буд он сӯи дашт.

Сайругашти дуи мо бо асп буд,
Гашти чун мавҷи Сабо дилчасп буд.

Гӯиё дар дасти ӯ ҷои инон
Ихтиёри қалби ман буд он замон.

Ҷилваи ҷонону ҷавлони саманд,
Ақлу ҳушамро ба худ карданд банд.

Дар лаби як чашма истодем мо,
Аспхо бар сабза сар додем мо.

Мо нишастему тамошо доштем,
Рӯи дастурхон қадаҳ бигзоштем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Сурх шуд аз май лабу рӯи нигор,
Ҷафс будам ман ба паҳлӯи нигор.

Волаи гулғунчаи хандон шудам,
Гирди он гул «ошиқи печон» шудам.

Гӯиё дар олами ишқу ҳавас,
Он замон ҳар дуи мо будему бас.

Зиндагӣ, гуфтам, ба ман бе ту ҳаром,
Зиндагӣ чӣ? Ту набошӣ, ман тамом!

Гуфт: «Зан равған, вале мард оташ аст,
Дар бигирад равған аз оташ башаст.

Ман намехоҳам, ки хокистар шавам,
Аз сари ин қулла зери чар шавам.

Бас-бас акнун, роҳ дуру вақт кам,
Дам гирифту сер гардид асп ҳам».

Асп серу гушна будам ман ҳанӯз,
Пеши чашма ташна будам ман ҳанӯз.

Сӯи деҳи худ равон гаштем мо,
Ҳар ду бо рози ниҳон гаштем мо.

Ишқ акнун буд мазмуни ҳаёт,
Лек дил тарсон зи қонуни ҳаёт.

Дидани рустӣ чӣ кори паст буд,
Дил кашолу ақл болодаст буд.

Сер ногардида аз дидори ҳам,
Мубтало будем мо бар дарду ғам.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Агрономдухтар ба ман дил дода буд,
Дар раҳи андешаҳо истода буд.

То саҳар як дафъа меҳмонаш шудам,
Ҷони худ бахшида, қурбонаш шудам.

Боз гул чидам зи боғи ҳусни ӯ,
Ҷой шуд то мағзи дил он рангу бӯ.

Ҳар ду беш аз Лайлию Маҷнун шудем,
Аз ҳудуди ақл ҳам берун шудем.

Ман накардам аз ғами оянда бок,
Шодмонии Сабо буд дарднок.

Вай сурудеро чунин такрор кард,
Ки «Шудам ошиқ ба як зандор мард».

Баъд аз он гирист бо сӯзу гудоз,
Ман тасалло додамаш дуру дароз.

— Ин муҳаббат,— гуфт,— агарчи дилписанд,
Мерасад аз он ба ту хеле газанд.

Фош гардад, хонавайрон мешавӣ,
Мансабатро дода, сарсон мешавӣ.

З-ин сабаб дигар набояд вохӯрем,
Ҳар яке бояд ғами фардо хӯрем.

Дил кашолу меравам аз ин деҳот,
Мӯътадил гардад туро то ки ҳаёт».

Ман Сaборо илтиҷо кардам, нашуд,
Ист гуфта, гирьяҳо кардам, нашуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вай аз колхоз рафту дил-афгор ман,
То кунун чун сурати девор ман.

Ақл агарчанде тазаммум мекунад,
Ишқи ӯ доим талотум мекунад.

Шарм медорам зи аҳли оила
Ҳамчу шахси бевафою дудила.

Меҳри ман нисбат ба онҳо бефурӯғ,
Аҳду паймонам ба онҳо шуд дурӯғ.

Ин дурӯғ овард бар қалбам фишор,
Гуфт виҷдонам, ки аз худ шарм дор!

## ХОТИМА

Котиб аз ин кор чун огоҳ гашт,
Хеста рӯ-рӯи хона роҳ гашт,

Гуфт:— Оре, ин хилофи устав аст,
Ҷои ин сон шахс берун аз саф аст.

Дар амал ман ҳам гунаҳгорам, яқин,
Ҳамчу котиб бехабар будам аз ин.

Лек гардидаст виҷдонат матин,
Қош виҷдони ҳама мебуд чунин.

То ки айби худ ба гардан мегирифт,
На гуноҳи тоза кардан мегирифт.

Инкишофи мулки мо мешуд халос,
Аз фиребу аз дурӯғу аз қасос!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мешитобад киштии омоли мо
Рӯ ба сӯи соҳили иқболи мо.

Мо напартоем бар мавҷи дамон
Одами беморро аз саҳни он.

Ман шудам қоил ба виҷдонат, бале!
Беҷазо гарчи намемонӣ, вале

Ин ки худ нанмудӣ аз партия руст,
Шоҳиди афзудани идроки туст.

Лекин андар ишқ райком оҷиз аст,
Ошиқонро дахли он ноҷоиз аст.

Ишқ кори ду дили ҷӯшандааст,
Рози ду шахси ба ҳам кӯшандааст.

Ишқ меояд ба ҳар кас зуду дер,
Гушна худро мезанад бар коми шер.

Дар муҳаббат нест тахмину гумон,
Қимати васл аст афзунтар зи ҷон.

Дил надода аввало андеша кун,
Дил, ки додӣ, устуворӣ пеша кун.

Рав иҷозат, мон кунун танҳо маро
Соати се мешавад бюро, биё!

* * *

...Чашм аз бедорхобӣ сурхтоб,
Пой то сар бемадор аз изтироб,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зуд берун Шокир аз райком шуд,
Баъд аз он андак дилаш ором шуд.

Қарда дур аз дӯш санги осиё,
Буд вай омодаи ҳар як ҷазо.

Ҳукми виҷдони худаш, ки сахт буд,
Ҳар ҷазои дигар осон менамуд.

Назди виҷдони худаш, ки шуд сафед,
Зиндагӣ гардид аз нав боумед.

Роҳи вай буд сӯи саҳро — сӯи кор,
Аз таҳи дил хизмати халқу диёр.

Мушкилашро меҳнат осон мекунад,
Чунки инсонро вай инсон мекунад.

Мекашид оҳи сабук акнун аз он,
Қи равон аст аз қатори одамон.

Чун дили ӯ, осмон мешуд кушод,
Абрҳои тираро мерӯфт бод...

*Октябри соли 1967*

## БОЗГАШТ

*(Порча аз достон)*

Умар аз хизмати ҳарбӣ омад,
Аз яке кишвари Ғарбӣ омад.
Шуда аз аскарӣ озод омад,
Ба диёраш Ленинобод омад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ҷомадони сафарӣ дар дасташ
Форма зебанда ба қадду басташ,
Шод гардида ғазал мехонд ӯ,
Чобуку чуст қадам мемонд ӯ.
Аз рухи шаҳри азизаш хурсанд,
Ба чапу рост назар меафканд.
Баъди се соли фироқу ҳиҷрон,
Шуд муяссар ба Умар дидани он.
Қадрдон буд ҳама ҷо, буд шинос,
Карда бар тан ҳама хушранг либос.
Куртаи атласу камзули сиёҳ,
Ҷомаи беқасабу чуст кулоҳ.
Саф ба саф беду сафедору чинор,
Пури одам, пури шавқун бозор.
Дидани манзараҳои некӯй,
Роҳу пайроҳаи ду сӯяш ҷӯй.
Қалъаи кӯҳнаи нимвайрона,
Лаби дарьёю дар он чойхона...
Маркази шаҳр дигаргун шудааст,
Қасрҳо дар бараш афзун шудааст.
Кӯшки бозории нодир як сӯ,
Ҳашаматнок театр як сӯ.
То худи соҳили Сир гашта кашол,
Бо хиёбони наваш боғи Қамол.
Дар сари рӯд яке кӯпруки нав,
Шуда шаҳроҳи пур аз омадурав.
Сохтмони нави халқи гулдаст,
Шаҳр бо кӯҳи Муғул мепайваст.
Баъди се соли ҷудой,
алъон,
Шуд муяссар ба Умар дидани он.
Дили пазмоншуда тап-тап мезад,
Дару девор ба ӯ гап мезад:
«Ҳайра мақдам, писари дилбандам,
Беҳад аз омаданат хурсандам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дур буди зи барам чандин сол,
Умр дидиву расиди ба камол.
Дар сафар ними чаҳонро диди,
Гармию сардии онро диди,
Фарқи кирдору сухан донисти,
Қадри ман — қадри Ватан донисти.
Омада боз ба оғуш маро,
Нанамуди ту фаромуш маро.
Остин барзану бо саъи фузун
Баҳри беҳбудии ман куш кунун...»
Умар оҳиста қадам мемонад,
Гоҳ дар сояи ғам мемонад,
Чунки уро набувад хешованд,
Падару модари бо ҷон пайванд.
Хоҳару додари ду чашм ба роҳ,
Хола ё аммаи аз вай огоҳ.
Ба Ватан омаду озоду бас,
Зодгоҳаш Ленинободу бас!
Боз ғам ҷой ба шоди медод,
Мужда аз боғи мурođе медод.
Не, Умар бекасу танҳо набувад,
Шахси бегонаю беҷо набувад.
Сотим уро, ки бародар хондаш,
Меравад назди бародархондаш.
Ба Ватан хизмати Сотим беш аст,
Хоҷагидону чуқурандеш аст.
Рост бинмуда ба роҳаш Сотим,
Мешавад пушту паноҳаш Сотим.
Ғайр аз ин, халқу Ватан дорад у,
Ҳунару касби куҳан дорад у.
Дар дилаш ғайрати беҳамто ҳаст,
Орзуҳои хуши фардо ҳаст.
Худи фардо саҳари бо сардор,
Рафта дар база шавад аз паи кор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Таксиеро бигирифта дар даст,
Боз бояд ба сари руль нишаст.
Қасби дерина бигардад оғоз,
Сӯи иқбол намояд парвоз!..

*Соли 1968*

## АЗ ҚИССАИ ЁВОН

1

Дар замонҳои қадим
Таронае мегуфтем:

«Борон борад ба Ёвон,
Алаф шавад ба говон».

Аммо борон куҷо буд?
Хушку сӯзон ҳаво буд.

Бехошоку беалаф
Подаҳо мешуд талаф.

Қиштукор бесамар буд,
Зиндагӣ дар хатар буд.

Деҳқон бинад агар об,
Ё сароб буду ё хоб.

Замин бедолу дарахт,
Сад чок аз гармии сахт,

Ҷо-ҷо намоён буд хор,
Дар байнаш каждуму мор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Оҳиста мешуд холӣ,
Деҳаҳо аз аҳолӣ.

2

Вақте ки шуд инқилоб,
Сар шуд масъалаи об.

Обу ободӣ гуфтанд,
Меҳнату шодӣ гуфтанд.

Партия гуфт: Эй мардум,
Бар зидди хушкӣ ҳуҷум!

Ба умри хушбахтона,
Иқболи ҷовидона.

Пеш аз ҳама об даркор,
Канал даркору анҳор.

Акнун, ки зафармандем,
Дарьёҳоро мебандем.

Ба саҳрои беҳудуд
Мебарорем оби рӯд.

Ҳар ҷо бошад дашту чӯл,
Бояд шавад наҳру кӯл.

Ҳар ҷо бошад биёбон,
Бояд шавад гулистон!

3

Ин нақша, ки тайёр шуд,
Мардум аз паи кор шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо супориши махсус,
Бо ҳашару ташаббус

Иншоотҳо андохтанд,
ГЭС-у каналҳо сохтанд.

Замини водии Вахш
Хуррам шуду неъматбахш.

Сар то ба сар шуд Ҳисор
Ҳамчу боғи навбаҳор.

Оби канал мавҷ гирифт,
З-он киштукор авҷ гирифт.

Зиндагӣ шуд серу пур,
Меҳнаткашон аз шам дур.

4

То ҳанӯз аммо Ёвон
Беоб буду биёбон.

Хокаш хушку беруҳ буд,
Дарьё дар пушти кӯҳ буд.

Замини беканора
Ташна буду бекора.

Ғаллаи лалмии он
Сер намешуд аз борон.

Саракҳояш пуч мемонд,
Водӣ хушку луч мемонд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Намерӯид алаф ҳам,
Чорводорӣ мешуд кам.

Водии мобайни кӯҳ
Хилват буду пурандӯҳ.

Бо ин аҳволи расво
То кай кунем муросо?!

5

Партия боз амре дод;
Ёвон шавад то обод,

Инженерҳои пурдон,
Техникҳои паҳлавон

Он сӯ раҳсипор шуданд,
Зуд аз паи кор шуданд.

Ақлу бозӯи инсон,
Илму техникаи он

Чандин сол амал карданд,
Мушкилотро ҳал карданд.

Аз пояи Қаротоғ
Тоннели хеле фарох

Устодона канда шуд,
Сангаш пароканда шуд.

Баъд омад навбати Вахш,
Кӯҳе дамаш намуд пахш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Оби дарьё баромад
Ба роҳи нав даромад,

То ба Ёвон бахшад рӯҳ
Об омад аз паси кӯҳ.

6

Оби дарьё рӯ ба дашт
Аз дили кӯҳ мегузашт.

Ман шоҳиди он будам,
Дар иди Ёвон будам.

Боло шуд аз ҳар тараф
Садои карнаю даф.

Якдигарро зану мард
Бӯсида табрик мекард.

Оби равонро дидем,
Туғьёни онро дидем.

Рӯд аз таги Қаротоғ
Мебаромад рӯ ба боғ.

Бо канали бисьёре
Ҳар сӯ мешуд он ҷорӣ.

Мардум тӯе мекарданд,
Уррагӯӣ мекарданд.

Сатилу коса дар даст,
Об мегирифтанд аз паст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Талошкунон бошитоб
Менӯшиданд аз он об.

Гарчи буд он лойолуд,
Қасеро парво набуд...

**7**

Биё, биё, оби Вахш,
Ҳаёти хурраме бахш.

Заминҳои беҳудуд
Аз ту шавад хушнамуд

Боғи мо ҳам гул кунад,
Самараи мӯл кунад.

Худамон пахта корем,
Меваи хуб ғундорем.
Бубахш авҷу бароре
Ба кори чорводорӣ.
Ба ғайр аз ин месозем,
Комбинатҳои азим.
Мардум бо ҳамин мазмун
Тарона мегуфт акнун.
Иншооти нодирро,
Одамони қодирро
Он ҷо тамошо кардем,
Уррагӯиҳо кардем.
Акнун ки омадаст об,
Табиат хезад аз хоб.
Фардо водии Ёвон
Мешавад боғу бӯстон.
Бигӯ ба ҳар рафиқат:
Афсона шуд ҳақиқат!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МУНДАРИЧА

### Қисми якум. Мо насли Ватанпарвар


Давлати ман . . . . . . . . 3
Арзи миннат . . . . . . . 8
Ба В. И. Ленин . . . . . . 9
Мустақил бошӣ . . . . . . 10
Узви муҳит . . . . . . . . 11
Варақи тоза . . . . . . . . 12
Мактуб аз фронт . . . . . . 13
Дастури ҳаёт . . . . . . . 14
Орзу . . . . . . . . . . . 16
Насли мо . . . . . . . . . 17
Шабҳои бехобӣ . . . . . . . —
Висоли моҳ . . . . . . . . 19
Хомушӣ гарон аст . . . . . . 20
Модарам . . . . . . . . . 21
Чароғҳои Норак (силсила) . . 23
Замини Вахш . . . . . . . 33
Адиби ҷаҳонӣ . . . . . . . 34
Талаб аз умр . . . . . . . 36
Шаҳри азиз . . . . . . . . 37
Кӯчаи Ленин . . . . . . . . 38
Аз он фахрам . . . . . . . 39
Сарзамини зарнисор . . . . . 40
Шаби Душанбе . . . . . . . 41
Лаб башанд! . . . . . . . . 42
Варзоб чиҳо дорад? . . . . . 43




барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Роххати ман . . . . . . . . . . 44
Манбаи нур . . . . . . . . 45
Сафи мубориз . . . . . . . 46
Раҳбари ман . . . . . . . 47
Хайрухуш . . . . . . . . . 48
Ҳаргиз не! . . . . . . . . . 50
Субҳи Май . . . . . . . . . —
Ҷашни фирӯз . . . . . . . 51
Дилҳои пурҳарорат . . . . . . 52
Орзу ва ҳақиқат . . . . . . 53
Менависам . . . . . . . . . 55
Табрики шогирд . . . . . . 57
Афсӯс . . . . . . . . . . . 58
Тоҷи сар . . . . . . . . . 59
Нағз мон . . . . . . . . . . —
Тирамоҳи Тоҷикистон . . . . . 60
Дар ҷануб . . . . . . . . . 61
Ному шараф . . . . . . . . 63
Пахта шукуфт . . . . . . . 64
Аз ту қарздорам . . . . . . 65
Боғи колхоз . . . . . . . . 67
Рӯмоли хуҷандӣ . . . . . . . 68
Табрик . . . . . . . . . . . —
Марди майдон . . . . . . . 69
Меҳнати ту . . . . . . . . . 71
Шарофати кор . . . . . . . 72

**Қисми дуюм. Дӯстӣ безавол аст**

Ватани ман . . . . . . . . 74
Дар пойтахти сулҳ . . . . . 75
Дарьёи саховат . . . . . . . 77
Модари гурҷӣ . . . . . . . . 80
Ба Янка Брыль . . . . . . . 81



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хоки муқаддас . . . . . . . 82
Шохроҳ . . . . . . . . . 86
Вильнюс . . . . . . . . . —
Зиндони нӯҳум . . . . . . . 87
Меҳри Озарбойҷон (силсила) . 90
Ба пахтакори ӯзбек . . . . . . 101
Бердӣ-оғо . . . . . . . . . 103
Рози ниҳон . . . . . . . . 104
Шаби Арслонбоб . . . . . . 105
Меҳмони Махачқалъа . . . . 106
Ноқис не! . . . . . . . . 107
Рақси гул . . . . . . . . 110
Ду дил . . . . . . . . . 112
Байни гулбоғҳо . . . . . . . 113
Ҳадиси Шарқ . . . . . . . 114
Духтари ветнамӣ . . . . . . 116
Меҳмони нохонда . . . . . . 117

## Қисми сеюм. Аз дафтари лирика

Мавзӯи ишқ . . . . . . . 119
Имон хоҳам . . . . . . . 120
Ангубин . . . . . . . . . 121
Ё бисӯзу ё бисоз . . . . . . 122
Хуш омад . . . . . . . . 123
Изҳори садоқат . . . . . . . —
Интихоби дил . . . . . . . 124
Фасли муҳаббат . . . . . . 125
Меҳри рӯзгор . . . . . . . 126
Маънои ҳаёт . . . . . . . 127
Навниҳол . . . . . . . . 128
Боре биё . . . . . . . . . —
Тӯи идона . . . . . . . . 129
Шӯхи гуландом . . . . . . 130



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хабар кун, эй сабо . . . . . 131
Ҳаҷри ёр . . . . . . . . . . 132
Дастуре навис . . . . . . . 133
Сурати девор . . . . . . . —
Ароз . . . . . . . . . . 134
Илтимос . . . . . . . . . 135
Эътиқод . . . . . . . . . 136
Шарҳи дил . . . . . . . . 137
Фасли баҳор . . . . . . . —
Моҳи кӯҳистон . . . . . . 138
Лутф фармо . . . . . . . 139
Бар ҷонам занӣ . . . . . . —
Нигори хаткашон . . . . . . 140
Баъди борон . . . . . . . 141
Мурод аз зиндагӣ . . . . . 142
Сабр кун . . . . . . . . . —
Табиби ман . . . . . . . . 143
Қашида рӯз доманаш . . . . 144
Ишқи ману ту . . . . . . . 145
Ҳамдард даркор . . . . . . 146
Гули ман . . . . . . . . . —
Ин ҳам ҳикмате . . . . . . 147
Бӯстоне, ки надорад дӯстон . . —
Илҳом . . . . . . . . . . 148
Қиссаи душвор . . . . . . 149
Ба васфи ту . . . . . . . 150
Кошки . . . . . . . . . . —
Номаи ошиқ . . . . . . . . 151
Дили беқарор . . . . . . . —
Илтимос аз боғбон . . . . . 153
Қади шамшоди ту . . . . . . —
Сурур дорам . . . . . . . 154
Агар фаромӯш намекардӣ . . . 155
Маҳ барояд . . . . . . . . —
Савдои ту . . . . . . . . 156



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гила аз дӯстон . . . . . . . —
Туёна . . . . . . . . . 158
Аллаи модар . . . . . . . 161
Рубоиёт . . . . . . . . 163

### Қисми чорум. Ҳаҷвия ва масалҳо

Ба умеди оши ҳамсоя . . . . . 172
Таронаи булҳавас . . . . . . 173
Мо ҳафаем аз кулол . . . . . 174
Соат қариб як буд . . . . . . 176
Дуои мустаҷоб . . . . . . 177
«Экран» . . . . . . . . 178
«Рассом» . . . . . . . . 179
Ҷавоби пухта . . . . . . . 180
Ба адибтарош . . . . . . . 181
Аз рӯи одат . . . . . . . 182
Ниҳоли мағрур . . . . . . 183
Бадеҳаи зарғилдоқ . . . . . 184
Занбӯрбон ва Хирс . . . . . 186
Муовини Шер . . . . . . . 187
Қалзоғ . . . . . . . . . 188
Баҳор ва қурбоқа . . . . . 190
Аҳди хук . . . . . . . . 192

### Қисми панҷум. Тӯҳфа ба хурдтаракон

Мулки муқаддас . . . . . 194
Салом, муаллим . . . . . 195
Дар гирди арча . . . . . 196
Укочаи ман . . . . . . . 198
Тараддуд . . . . . . . . 200
Саҳро . . . . . . . . . —
Самолёт . . . . . . . . 201



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Меҳмонон . . . . . . . . —
Соли таваллуд . . . . . . . 202
Соати мо . . . . . . . . —
Ҳавзак . . . . . . . . . 203
Тасма . . . . . . . . . —
Гирья накун . . . . . . . 204
Альбом . . . . . . . . . —
Гӯгирд . . . . . . . . . 205
Борон . . . . . . . . . —
Масъалаҳо . . . . . . . 206
Бачаи воҳимачӣ . . . . . . —
Илтимос . . . . . . . . 207
Афандӣ . . . . . . . . . —
Ҳарфи «О» . . . . . . . . 208
Хоби Мошон . . . . . . . —
Пароход . . . . . . . . 209
Дарди дандон . . . . . . —
Ӯктамҷон . . . . . . . . 210
Расмкашӣ . . . . . . . . —
Соли нав . . . . . . . . —
Мусичаи бегуноҳ . . . . . 211
Ароз . . . . . . . . . 213
Хоби хуш бинед . . . . . . —
Походи Тура . . . . . . . 214
Афсонаи нав . . . . . . . —
Дар гирди гулхан . . . . . 215
Танҳоӣ . . . . . . . . . 217
Таронаҳои ҳаҷвӣ . . . . . 218

**Қисми шашум. Достонҳо**

Меҳри аввал . . . . . . . 221
Номаи Тхи . . . . . . . . 233
Дӯстон оинаи якдигаранд . . . 240
Ошноҳо . . . . . . . . 251



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Себи тилло . . . . . . . 265
Ҳукми виҷдон . . . . . . 273
Хотима . . . . . . . . 285
Бозгашт . . . . . . . . 287
Аз қиссаи Ёвон . . . . . . 290

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Абдумалик Баҳорӣ*

**БОГАТСТВО ДУШИ**

(на таджикском языке)

Муҳаррирон М. Ҳотамов ва
В. Одинаев

Ороиши Г. Красовский
Муҳаррири ороиш Т. Королева
Муҳаррири техникӣ Е. Цынн
Мусаҳҳеҳон А. Азизқулов,
А. Раҳимқулов

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

БИ № 964

Ба матбаа 20.01.83 супурда шуд. Ба чопаш 09.06.83 имзо шуд. ҚЛ 04875. Формати 70×108¹/₃₂. Қоғази типографии № 3. Гарнитураащ адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 13,30. Ҷузъи рангаи шартӣ 13,83. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,96. Адади нашр 6000. Супориши № 307.
Нархаш 1 с. 40 тин.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айни, 126.

Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, хиёбони Ленин, 37.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед